*Бархон агар куҳан гашт ин гуфтаи Кисоӣ(с.481).*

Гурӯҳе аз туркҳоро ба таври мушаххас номбар мекунад, ки мояи бадбахтии ин сарзаминанд:

*Бало рӯяд набот андар замине,*
*Ки аҳлаш қавми Ҳомонанду Қорун.*
*Наботи пурбало Ғуз асту Қипчоқ,*
*Ки рустастанд бар атрофи Ҷайҳун (с.309).*

Бо вуҷуди ин Носир миллати худро тасалло медиҳад, ки аз зиндагӣ ноумед нашавад:

*Фарёд ба ло илоҳа иллоҳу,*
*З-ин бемаънӣ замонаи бадхӯ.*
*З-ин даҳр чу ман ту чун наметарсӣ,*
*Бебок манам, чӣ занн бариӣ, ё ту?...*
*Ҳарчанд муҳори халқ бигрифтанд,*
*Имрӯз такину эйлику пайгу.*
*Навмед машав зи раҳмати яздон,*
*Субҳонака ло илоҳа иллоҳу (с.380).*

Кор ба ҷое расид, ки харобкорони Хуросон даъво мекарданд, ки онҳо сарварони сазовори ин минтақаанд:

*В-имрӯз ба меҳтарӣ бурун омад,*
*Бо даркаву тег чун ситамгоре.*
*Гӯяд, ки набуд мар Хуросонро*
*З-ин пеш чу ман сареву дасторе.*
*Хотуну беку такин шуда акнун*
*Ҳар нокасу бандае парасторе.*

*Деве раҳ ёфт андар ин бӯстон,*
*Бадфеъълеву райманеву гаддоре.*
*Бишкасту биканд сарви озода,*
*Биншонд ба ҷои ӯ сапедоре.*
*Наншаст аз он сипас дар ин бӯстон,*
*Ҷуз каргаси мурдахор тайёре.*
*В-аз шумии ӯ ҳаме бурун ояд*
*Аз шох ба ҷои барги ӯ море.*
*Гаштанд раҳии у зи нодонӣ,*
*Ҳар беҳунареву ҳар нагунсоре.*
*Иқрор ба бандагии ӯ дода,*
*Бе ҳеҷ гамеву ҳеҷ тиморе.*
*Ман гашта ҳазиматӣ ба Юмгондар,*
*Бе ҳеҷ гуноҳ шуда ба зинҳоре.*
*Чун дев бибурд хонумон аз ман,*
*Беҳ з-ин ба ҷаҳон наёфтаам горе.*
*Мондаст чу ман дар ин замин ҳайрон,*
*Ҳар зоҳиду обидеву диндоре.*

Носир бо ҷиддияти том изҳори боварӣ менамояд, ки ҳокимияти дев гузаранда ва муваққатӣ аст:

*Чун кори ҷаҳон чунин фарошав буд,*
*Сар бар кунад аз ҷаҳон ҷаҳондоре.*
*Чун дуд баланд шуд ба ҳар ҷое,*
*Сар бар занад аз миёни ӯ норе.*
*Ин дев ҳазиматист ин ҷо дар-*
*Мангар ту ба-д-он чӣ сохт кочоре...(с.469).*

Ба ҷойи хулоса ин чанд нуктаро ёдовар мешавем:

-Носири Хусрав бузургтарин шоири миллии халқи форсу тоҷик аст;

Асолати миллӣ дар ҳамаи навиштаҳои ӯ ба мушоҳида мерасад. Аз 166 мавзӯи девони ашъори ӯ 77 мавзӯи онро масъалаҳои миллӣ-ватандӯстӣ ташкил додааст.

-Миллат, ба ақидаи Носири Хусрав, обу хоку замини аҷдодист...Хоки Хуросон, Балх, Марв, Бухоро, Самарқанд,

Нишопур, Рай...Бадахшон, Хатлон...ва сокинони асили ин сарзаминҳо...Миллат ҳамин маъноро дорад.

-Ақида, ба назари Носир, миллӣ нест. Заминӣ нест. Балки осмонӣ аст. Умумӣ аст. Универсалӣ аст. Илоҳӣ аст. Худоӣ аст. Мовароӣ аст...

-Вай ақидаҳои динӣ ва пеш аз ҳама, диёнати самовиро дар назар дошт. Аммо муҳаққиқони асри XIX ва XX ҳатто ақидаҳоро низ рангу бори миллӣ медоданд. Ҳоло таассуб бештар шуда, баъзе муаррихони дин Оллоҳро худои арабҳо, Аҳуромаздоро худои эрониҳо, Масеҳро худои насрониҳо ва Яҳваро худои яҳудиҳо мешуморанд. Дар сурате, ки паёмбарони ин динҳо рисолати худро на миллӣ, балки умумиинсонӣ медонистанд. Ҳақиқат ин аст, ки мо, инсонҳо, мушкилоти муштараке дорем, аз қабили зиндагӣ, марг, беморӣ, қаҳтӣ, замин, ватан, сарват, мол, ҷанг, сулҳ, дӯстӣ, душманӣ, худпарастӣ ва ғайра. Ҳар қавму миллате дар гӯшаву канори ин ҷаҳон бо ин мушкилоти муштарак бархурдҳои хосе дорад. Ҳамин бархӯрдҳои хос симои қавмӣ ва миллии онро муайян мекунанд. Дар сурате ки ба таври куллӣ ҷавҳари масъала тағйир наёфтааст. Ҷавҳар ин аст, ки мо, ҳамаи инсонҳо, қатъи назар аз фарқиятҳои ҷузъии иқлимӣ ва нажодӣ, дорои сиришт ва сарнавишти ягона мебошем. Ин аст чизи асосӣ. Ин аст чизи ҷавҳарӣ. На фарқиятҳои ҷузъии миллӣ!

Баъзан мушкилоти зиндагӣ ба дараҷае аз ифрот мерасонд, ки инсонҳои оқил маҷбур мешаванд ба ин масоил ба чашми ифрот бингаранд. Чунин ҳол ба Ҳаким Носири Хусрав ҳам намуда буд. Ва ин ҳам ба ҷойи худ дуруст аст, ки ифроти маънавӣ аксуламали ифроти моддӣ мебошад. Дар мисоли Носири Хусрав мо бар ин ақидаем, ки ӯ дар муқобили мушкилоти асри хеш ба сифати як шахсияти озода, бошаҳомат ва ватандӯсти асил баромад кардааст. Номаш ҳамеша вирди забон бод!!!

1. А.С.Ҳансбергер. Носири Хусрав-Лаъли Бадахшон. Тасвире аз шоир, ҷаҳонгард ва файласуфи эронӣ. Тарҷумаи доктор Фаридун Бадрайӣ. Чопи аввал. -Теҳрон: Фарзон, 1380=2003.
2. Девони Носири Хусрав. Дунёи китоб. Чопи саввум. Бо тасҳеҳи оқои Муҷтабо Минавӣ. -Теҳрон. Чопхонаи Маҳдӣ, 1372=1993.
3. Носири Хусрав. Куллиёт. Ҷилди якум. (Шомили «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Кушоиш ва раҳоиш», «Равшаноинома» ва «Саодатнома»). -Душанбе: Ирфон,1991.
4. Тасвире аз Носири Хусрав. Таълифи устод Алӣ Даштӣ. Ба кӯшиши Маҳдӣ Мохузӣ. Созмони Интишороти Ҷовидон. Чопи аввал. -Теҳрон. Тобистони 1362=1983.
5. Равшанфикрони эронӣ ва Ғарб. Тарҷумаи Ҷамшед Шерозӣ. Таълифи Меҳрзод Бруҷердӣ. Чопи саввум.-Теҳрон, 1378=2000.
6. Шерзод Абдуллозода. Фалсафаи одамият. (Масъалаи инсон ва гуманизм дар адён. Гуманизми Қуръон).-Душанбе, 2003.
7. Ошо. Храбрость. Радость жить рискуя.-Санкт-Петербург. Издательство «Весь»-Добрые вести, 2000г.
8. Суннатҳои ақлонӣ дар ислом. Танзим ва тадвин аз доктор Фарҳод Дафтарӣ. Тарҷумаи доктор Фаридун Бадрайӣ. Таҳия ва таҳрири матни тоҷикӣ аз академик Мӯсо Диноршоев. -Душанбе, Нашриёти «Нодир», 2002.



**Мирзо МУЛЛОАҲМАД**
*узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## САРНАВИШТИ ЯК ҲАРФИ САРГАРДОН

Забон ва хат бо ҳаёти инсон ва ҷомеа пайванди ногусастанӣ дошта, дар тӯли таърих пайваста ба тақозои омилҳои гуногун тағйиру такмил меёбанд. Ин таҳаввулотро метавон дар ҳар бахши забон, аз ҷумла дар ҳарфу овозҳо ҳам, ки хурдтарин унсурҳои он мебошанд, мушоҳида кард. Ҳоло ба яке аз он ҳарфҳо, ки дучори саргардониҳо шудааст, таваҷҷуҳ менамоем.

Дар алифбои арабиасоси фосии тоҷикӣ ҳарфи «айн» (ع) вуҷуд дорад, ки он аз забони арабӣ ба забонҳои эронӣ гузаштааст. Ин ҳарф бо калимаҳои зиёди арабӣ ба захираи забони мо дохил шуда, дар калимасозии тоҷикӣ низ истифода мешавад, Масалан, маъракаоройӣ, иборасозӣ, ихтироъкор, иззатманд, боэътимод…

Ин ҳарф, ки дар забони арабӣ овози ҳалқии дуруштро равшан ифода менамояд, дар забонҳои эронӣ чандон возеҳу равшан талаффуз намешавад, зеро таърихан хоси ин забонҳо нест. Вале тадриҷан ин овоз ба низоми овоии забонҳои эронӣ, аз ҷумла забони тоҷикӣ, ба хусус ба баъзе гӯишҳо ба таври амиқ ҷой гирифт. Масалан, овози «айн» дар лаҳҷаҳои мардуми кӯҳистони Тоҷикистон (ноҳияҳои Рашт, Ғарм, Мастчоҳ…) хеле равшан талаффуз мешавад.

Дар солҳои бистуми асри XX дар кашварҳои Шарқи исломӣ ҷунбишиислоҳоти хат шуруъ шуд. Ба хусус пас аз

тағйири хатти арабӣ ба алифбои лотинӣ дар Туркия дар ҷумҳуриҳои навбунёди Осиёи Миёна ва Қафқоз ин ҷунбиш авҷ гирифт. Ҳукуматҳои ин ҷумҳуриҳо низ ин ҷунбишҳоро дастгирӣ намуданд ва барои ҳар чи зудтар амалӣ шудани тағйири хатти арабӣ комиссияву кумитиҳои корӣ ташкил намуданд, конференсияву маҷлисҳои машваратӣ баргузор карданд. Дар рӯзномаву маҷаллаҳо дар бораи ислоҳоти хатту алифбо мубоҳисаҳо ва мақолаҳои гуногун чоп мешаванд. Аз ҷумла, Абдурауф Фитрат аз аввалин донишмандоне буд, ки «Лоиҳаи алифбои нави тоҷикӣ»-ро соли 1927 тартиб дода, дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» нашр намуд. Яке аз масъалаҳое, ки мавриди баҳс қарор мегирифт, имлои «айн» буд. Фитрат пеш аз ҳама ихтилофи назарро дар бораи вуҷуд доштан ё надоштани ин ҳарф дар забонҳои эронӣ таъкид намуда, менависад: «Ҳарфҳои ح ва ع-ро мо гуфтем, ки дар забони тоҷик будан ва набудани онҳо беихтилоф нест, воқеан ин ҳарфҳо дар форсӣ нест. Онҳо, ки сарфу наҳви забони тоҷикӣ навиштаанд, даъво мекунанд, ки дар забони тоҷикӣ ҳам нест»[1]. Вале боз иқрор мешавад, ки «имрӯз як қисме аз тоҷикҳо овози ин ҳарфҳоро ба хубӣ адо мекунанд. Бинобар он, модом ки тоҷикҳо аз гуфтани ин овозҳо оҷиз нестанд, муносиб аст, ки ин овозҳоро қабул намоем.»[2] ӯ барои айн шакли **о,**-ро пешниҳод менамояд.

Фитрат, ки дар мубоҳисаҳо фаъолони ширкат меварзид, борҳо ба ин масъала рӯй оварда, андешаҳои гуногунро баён мекунад. Аз ҷумла, дар мақолаи мубоҳисавии «Дар гирди алифбои тоза» андешаи Лоҳутиро дар бораи қабул накардани ин ҳарф рад намуда, менависад, ки ду сол қабл ӯ ҳам андеша

---

[1] Фитрат. Лоиҳаи алифбои нави точикӣ\\ Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. Тартибдиҳандагон А.Набавӣ, Н.Одинаев, П.Олимова. –Душанбе, «Ирфон», 2007, 107 саҳ.
[2] Ҳамон ҷо, саҳ. 108.

дошт, ки ҳарфи «айн» дар забони тоҷикӣ вуҷуд надорад. Вале аз мушоҳидаҳо маълум шуд, ки ин ҳарфро «мардумони берун аз Самарқанду Бухоро» хеле хуб талаффуз мекунанд ва ба қавли комиссари маорифи Тоҷикистон Нисормуҳаммад «бештарини мардуми Тоҷикистон овозҳои ح ва ع-ро беҳтар аз арабҳо мегӯянд»[3].

Профессор А. Семенов дар «Лоиҳаи алифбои лотинӣ барои забони тоҷикӣ»-и худ барои ифодаи «ع» ва «ҳамза», чи тавре ки дар транскрипсияи Аврупои Ғарбӣ ҳаст, ишорати « »-ро ворид менамояд[4].

Обид Исматӣ дар чанд мақолаи худ ба ин масъалаи баҳснок рӯй оварда, ниҳоят таҳти унвони «Боз ҳам дар бораи «ع» ва «ح» дар ин бора ба таври ҷудогона баҳс мекунад ва хориҷ кардани ҳарфҳои мазкурро аз алифбои тоҷикӣ пешниҳод менамояд. Вале барои ифодаи «ҳамза» аломати апостроф ( )-ро зарур мешуморад[5].

А. Лоҳутӣ, Ф. Аълозода, Ҳалимзода ва дигарон ба баҳс ҳамроҳ шуда, низ ҷонибдори навишти апостроф будани худро изҳор менамоянд.

Раҳим Ҳошим андешаҳои Обид Исматӣ ва мухолифони дигари қабули ҳарфи «айн»-ро бо далелҳо рад намуда, зарурати «айн» ва «ҳамза-ро дар алифбои тоҷикӣ таъкид мекунад. Мутаассифона, ин андешаи комилан дуруст, тавре ки баъдтар хоҳем дид, пазируфта намешавад.

Дар шаҳри Тошканд лар бораи алифбои нави тоҷикӣ маҷлиси машваратӣ баргузор мегардад, ки дар он як гурӯҳ эроншиносони маъруф мисли Фрейман, Семенов, Шулд,

---

[3] Ҳамон ҷо, саҳ. 108.
[4] А. Семенов. Лоиҳаи алифбои лотинӣ барои забони тоҷикӣ// Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо, саҳ. 144.
[5] Обид Исматӣ. Боз ҳам дар бораи « ع» ва « ح» . // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо, саҳ. 174.

Андреев, Соловев, Максимов ва донишмандони тоҷик Бектош, Комилӣ, В. Маҳмудов, Мунзим, С. Манофзода, Мирзоев ва дигарон ширкат меварзанд. Дар ҷаласа пешниҳоди Бектош дар бораи қабули ҳарфҳои ح ва ع рад карда мешавад ва шакли апостроф ба ҷои ҳамза ва айн пешниҳод мегардад.

Ниҳоят дар Конференсияи якуми алифбои нави тоҷикӣ, ки 28 октябри соли 1928 дар шаҳри Тошканд оғоз ёфта, панҷ рӯз давом мекунад, дар радифи масъалаҳои дигар ба имлои «айн» низ ишораҳо мешавад. Тавре ки С. Манофзода менависад, «дар хусуси қабул кардани ё накардани шаклҳои ح ва ع мубоҳисаҳои бисёр карда шуд. Ин ду шакл дар байни намояндагони конфаронс баъзе тарафдорони ҷиддӣ ҳам дошт, вале вақте ки масъала ба овоз монда шуд, аксарияти маҷлис ба ин ду шакл мққобил баромаданд ва онҳоро қабул накарданд»[6]. Ба ҷойи «ҳамза» ва «айн» апостроф қабул карда шуд.

Баҳс перомуни «айн» ва «ҳамза» дар солҳои баъд низ идома пайдо кард ва то имрӯз давом дорад. Пас аз гузаштан ба алифбои кириллӣ ҳам дар масъалаи ҳарфҳои мазкур мушкилот ба вуҷуд омад. Ҳангоми қабули алифбои кириллӣ тавассути забони русӣ ҳамаи ҳарфу аломатҳои онро бо чанд илова ба алифбои нави тоҷикӣ ворид намуданд. Аломати сактаро, ки ба забони тоҷикӣ хос нест, иҷборан дохил намуда, ба дӯши «айн» ва «ҳамза» бор карданд. Акнун ҳарфи «айн» арзиши фонемии худро комилан аз даст дод ва ба аломат табдил ёфт. Солҳои зиёд ин ҳарф ба унвони аломати сакта амал мекард ва на танҳо дар калимаҳои иқтибосии арабӣ, балки дар калимаҳои русиву интернатсионалӣ ҳам истифода мешуд.Бо вуҷуди он ки дар бораи ин иштибоҳ борҳо забоншиносон изҳори назар намуданд, он то соли 1998 идома

---

[6] Мим Се. Конфаронси якуми алифбои нави тоҷикӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо, саҳ. 375.

пайдо кард. Дар таҳрири нави Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ «айн» на аломат, балки ҳарф номида шуд. Аммо аз чи сабаб бошад, ки дар зимни қоидаҳои имлои ъ навишта шуд: «Вале дар байни ду садонок ҳарфи «айн» (ъ) навишта намешавад: мавзӯи баҳс, тулӯи офтоб, шурӯи кор, маҷмӯаи ашъор, маориф, таом ва ғайра.»[7] Вале сабаби он нишон дода нашудааст. Ҳамчунин сабаби истиснои зер, ки дар ин маврид оварда шудааст, норавшан аст:

«Калимаҳои **фаъолият** ва **таъин** аз ин қоида истисноанд.»[8]

Тавре ки мебинем, ҳанӯз ҳарфи **ъ** истиқлоли комил ба даст наовардааст.

Чунон ки зикр шуд, дар забони арабӣ илова бар ҳарфи «айн» аломати «ҳамза» ҳам ҳаст, ки шабеҳи «айн» буда, на дар ҳалқ, балки дар даҳон ташаккул меёбад ва нисбатан нармтар аст. Дар таҳрири охирини Имлои забони тоҷикӣ ин аломатро бо ҳарфи «айн» муттаҳид намуданд: «Ҳарфи **ъ** дар дохил ва охири калимаҳои иқтибосии арабӣ ба ҷойи **айн** ва **ҳамза** навишта мешавад.»[9] Аз ин ҷост, ки имрӯз вожаҳои таърих, таъсир, таъкид мисли баъду раъд талаффуз мешаванд.

Дар моддаи 11 Имлои забони тоҷикӣ, ки ба ҳарфи **ъ** бахшида шудааст, навишти ин ҳарф дар аввали калима нишон дода нашудааст. Бинобар ин ҳарфи мазкур имрӯз дар аввали калимаҳо умуман навишта намешавад. Модом ки **ъ** ҳарфи мустақил бошад, чаро дар аввали калима навишта намешавад? Магар ин ба тарзи дурусти талаффузи калимаҳо осеб намерасонад? Аз ҳамин сабаб аст, ки имрӯз бачаҳо калимаҳои маъмулии **ъадад**, **ъумр**, **ъунсур**, **ъишқ**, **ъамал**, **ъасаб** ва

---

[7] Имлои забони тоҷикӣ. –Душанбе, «Ирфон», 1999, саҳ. 12.
[8] Ҳамон ҷо, саҳ. 12.
[9] Ҳамон ҷо, саҳ. 11.

амсоли инҳоро нодуруст талаффуз мекунанд. Ба назари мо ин ҳарф бояд дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо бидуни истисно навишта шавад. Зеро хатти кириллӣ дар воқеъ алифбоӣ буда, нисбат ба хатҳои дигар хусусиятҳои савтии забонро беҳтару комилтар ифода менамояд. Инро таҳқиқи муқоисавии хатти имрӯзаи мо бо хатҳои дигар нишон медиҳад. Аз ҷумла, забоншиноси маъруфи Афғонистон Муҳаммад Раҳими Илҳом пас аз баррасии қиёсии ҳарфҳои садоноки расмулхатти форсии Эрон, дарии Афғонистон ва тоҷикии Тоҷикистон ба чунин натиҷа расидааст: «Дар низоми намудорҳои набиштории тоҷикӣ (расмулхатти сириллик) барои ҳар воки мусавват (овозҳои садонок- М.М.) намудори набишторӣ вазъ шудааст ва ба кор меравад. Дар мавриди сомитҳо (ҳамсадоҳо – М.М.) низ ҳол бар ҳамин минвол аст. Агар набудани намудорҳои вокҳои забарзанҷириро дар назар нагирем, метавон гуфт, ки ин низом комилан алифбоӣ ва вокнигорӣ аст».[10]

Бинобар ин дар таҳрири нави қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, ки зарурати он ба миён омадааст, бояд саъй шавад, ки ҳар ҳарфу овоз мақоми устувор дошта бошад ва то ҳатталимкон ҳар ҳарф як овози мушаххасро ифода намояд. Ин на танҳо хусусияти фонетикиву савтиёти забони моро тақвият медиҳад, балки ба хушгуфториву фасоҳати нутқу баёни мардум низ мусоидат менамояд.

---

[10] Муҳаммад Раҳими Илҳом. Расмулхати забони форсӣ ба унвони забони илм // Маҷмуаи мақолоти семинари «Забони форсӣ ва забони илм». –Теҳрон, 1372, саҳ. 441.



**Нозим НУРЗОДА**
*муҳаққиқ*

# ИН ЗАБОН З-АНДЕША МЕГИРАД ТАВОН

*(чанд андешаи муқаддамотӣ
дар мавриди тавонмандии забони миллӣ)*

*Қудрати ақл аст пушти ин забон,
Ин забон з-андеша мегирад тавон.*

Ҳангоме ки ба масъалаи забон ҳамчун механизми тавлидоти фикрию ақлонӣ ва эҷодию маданӣ таваҷҷуҳ мекунем, бидуни тардид, ба воқеиятҳои таърихие мувоҷеҳ мегардем, ки бар мабнои ин падидаи иҷтимоӣ зуҳур кардаанд. Аз ин ҷост, ки забон минҳайси унсури калидии фарҳангсозӣ ва фарҳангофарӣ муаррифгари фазо ва муҳити миллӣ дар давра ва мароҳили таърихӣ мебошад. Дар зимн, фазо ва муҳитҳои иҷтимоӣ, эҷодӣ, фикрӣ, маънавӣ, ахлоқӣ бар асоси бедории фарҳангӣ ва маданӣ сохта мешаванд. Агар ҷомеа баста ва фазои фикрӣ носолим бошад, зуҳури тафаккури таҳлилӣ ва бурузи падидаҳои озодандешӣ ғайримумкин ва масири бедории фикрию маданӣ ба бунбаст мувоҷеҳ мегардад.

Таърих ҳаводиси фоҷеабори зиёдро дар хотир дорад, ки бар асари нодонию ҷаҳолати мардумӣ рӯйи кор омада, боиси талхии рӯзгор ва аз байн рафтани равобити муътадили иҷтимоӣ ва маданӣ гардидааст. Сатҳи пойини огаҳиҳои иҷтимоӣ ва

маданӣ ҷомеаҳоро, чи дар қадим, чи дар асрҳои миёна ва чи имрӯз ба вартаи даргирию кашмакашҳо, низоъ ва ҷанҷолҳои хонумонсӯз тела дода, мунҷар ба ноамнию бесуботии минтақаҳо гардидааст. Аз ҷониби дигар, таърихро фарҳангсолорон ва фарҳангиён меофаранд ва дар ҳар давру замон натиҷаи кори фарҳангӣ тавассути забон густариш меёбад ва аз як насл ба насли дигар интиқол ёфта, василаи пайванди наслҳо мегардад. Бад-ин манзур, забон фарҳанг меофарад ва ба ҷомеаҳо тақдим мекунад, то ҷангу даргириҳо поён ёбанду саодату хушбахтӣ ҳамеша инсонҳоро раҳнамоӣ ва ҳамсафарӣ намояд. Аз ин лиҳоз, лозим медонем, ки чанд мулоҳизаи иҷмолиро дар робита бо тавонмандии забони миллӣ ироа намоем.

Забон василаи ифодаи фикру андеша аст, бо тафаккур пайванди азалӣ ва абадӣ дорад. Муҳаққиқон ҳар гуна нишонае, ки ба ба василаи он зиндае (мавҷуде) битавонад ҳолат ё маъонии мавҷуд дар зеҳни худро ба зеҳни мавҷуди зиндаи дигар интиқол диҳад, забон номида, муносибати мутақобилаи онро бо тафаккур дар масири зиндагии инсонӣ арзёбӣ кардаанд.

Забон ба сурати мафҳумӣ дар зеҳни мо ба шакли унсуре созанда ва офаринанда намоён шуда, мутаҳаррикеро мемонад, ки чархаи ҳастӣ ва вуҷудро ба гардиши мудавом медарорад. Беҳуда нест, ки файласуфи шаҳири қарни XX Мартин Ҳайдеггер дар ин робита навиштааст: **«Фикру андеша ба вуҷуд сухан мебахшад ва забон хонаи вуҷуд аст»**. Забонро ба хонаи вуҷуд ташбеҳ додани Ҳайдеггер чунин маънӣ дорад, ки дар ҷаҳону ҳастӣ садо ва забон фазои вуҷуд ва зиндагиро рангоранг месозанд, маънӣ ва мақом мебахшанд. Садо ҳуруф ва ҳуруф забонро ба вуҷуд меоварад. Ин аст, ки забон ифодагари фикр ва андешаи башарист.

Ба масъалаи забон ҳамчун тавонмандии зеҳни ҷомеаи тоҷикӣ таваҷҷуҳ намуда, чанд нуқтаи муҳимро мадди назар қарор медиҳем:

**Якум.** Дар таърихи миллӣ забони форсии тоҷикӣ ба сифати

забони илм ва фарҳанг дар арсаи тамаддун нақши муассир дошт. Забони форсии тоҷикӣ забони хирад ва фарҳанг буд, забоне буд, ки ба василаи он яке аз қадимтарин кутуби фарҳангии ҷаҳонӣ «Авасто» таълиф гардидааст. «Авасто», пеш аз ҳама, асари фалсафӣ ва фарҳангиест, ки дар худогоҳӣ ва хештаншиносии аќвоми ориёӣ нақши муассир дорад. Ин хирадномаи форсии тоҷикӣ дар ташаккул ва инкишофи худогоҳӣ, худшиносӣ ва андешаи фалсафии на танҳо иронитаборон, балки башарият ҳамчун манбаъ ва замина хидмат кардааст. Қисмати «Готҳо» (ва ё «Госоҳо») - и «Авасто», ки ба қалами худи Зардушт тааллуқ дошта, қадимтарин қисмати ин китоби арзишманди ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад, ба муҳимтарин масоиле иртибот мегирад, ки ба огоҳонидан, бедор сохтани андеша, таҳрик додани биниши фарҳангӣ ва равшан кардани роҳи ҷомеа нигаронида шудаанд. Масалан, дар «Ясно», ҳоти 31, банди 7 омадааст: **«Донои рӯшанбин бояд донишҷӯро биогоҳонад. Мабодо нодон (касеро) бифиребад ва гумроҳ кунад»** (ниг.: Авесто. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. - Душанбе, 2001. -С. 67). Паёмбар Зардушт дар ин фиқра таъкид намудааст, ки ба гуфтори касе гӯш бидиҳед, ки андешаи баланд, фазилату заковат, диду биниши фарҳангӣ ва билохира забони кушода дошта бошад (ниг.: Ясна, ҳоти 31, банди 19). Ба таъбири дигар, фарҳанги авастойӣ нақши забон (гушодазабонӣ)-ро дар бедории фикрию фарҳангӣ сахт саҳим медонад.

**Дуюм.** Мутолиаи маъхазу мадорики таърихӣ ва фарҳангӣ моро ба ин натиҷа мерасонад, ки ҷавҳари фарҳанги гузаштаи моро андешамандӣ, суханӯйӣ, фарҳангофарӣ ва нуктапардозӣ ташкил медод. Ин аст, ки донишманди бузурги урупоӣ Вил Дуронт ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, дуруст нигоштааст: **«Ирониёни қадим лаззати сухан гуфтан ва нуктапардозӣ ва латифагуйӣ дар гуфтушунидро бартар аз лаззати хомӯшӣ ва танҳоӣ мешумориданд»** (ниг.: Дуронт В. Таърихи тамаддун. Бахши аввал. -Теҳрон, 1343. -С. 553). Яъне, инсони огоҳи арсаи

фарҳанги пешини мо сухан ва забонро, пеш аз ҳама, ба як ҳадафи асосӣ -- огоҳӣ бахшидан ва бедор кардани ҷомеа истифода мебурдааст. Воқеан, ҷомеа ҳамеша ба андешаи наву тозаи фалсафӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ниёз дорад ва ин андеша танҳо вакте ба мағзу устухони аъзои ҷомеа таъсир мекунад, ки бо забони балеғу фасеҳ ва сухани муқаввои фарҳангӣ ироа шуда бошад. Як замоне андешамандӣ ва нуктапардозӣ сабки рӯзмарраи фарҳангии мардуми форсу тоҷик маҳсуб мешуд, вале ин суннат тавассути аҷнабиёни истилогар ва мустабидони дохилӣ барҳам дода шуд ва ба ҷойи он фарҳанги ғуломӣ эъмор ва мунташир гардид. Зулму истибдод фазои илмию фарҳангиро заҳролуд кард ва барои ба вуҷуд овардани падидаҳое чун заъфандешӣ ва тавозӯи ғуломона шароити мусоид фароҳам овард (ниг.: Ровандӣ М. Таърихи иҷтимоии Эрон. -Ҷ.1. Теҳрон: Амири Кабир, 1354. –С. 497-498). Дар суннати фарҳангии мо андешидан, фарҳангофарӣ ва бузургманишӣ ҷавҳар ва асос маҳсуб мешуд. Дар достони офариниши эронӣ «Бундаҳишн» омадааст, ки бартарии инсон аз кулли мавҷудот дар неруи андеша ва фарҳанги ӯст. Ӯ нахуст андеша аст ва ба неруи андешаи пок ҳама чизро дармеёбад (ниг.: Бундаҳишн. Гузоранда Меҳрдоди Баҳор.- Теҳрон, 1369. –С. 51). Дар ривоёти паҳлавӣ, ҳамчунин таъкид шудааст, ки **«Машӣ ва Машиёна (**падуру модари ҷаҳониён**) нахустин кӯшише карданд ин буд, ки бияндешиданд»**.( ниг.: Бундаҳишн. Гузоранда Меҳрдоди Баҳор.- Теҳрон, 1369. –С. 81). Ин нуқта гувоҳи он аст, ки фарҳанги мо аз бунёд бо андешидан, бо хирадмандӣ, бо тааммул кардан сару кор доштааст. Ин суннат, чи хеле ки болотар тазаккур ёфт, таҳти таҳоҷуми аҷнабиён таҳриф карда шуд ва ҷойи онро музахрафот ва таъолими бебунёд гирифт.

**Сеюм.** Бавуҷудоварандаи забон ва мутаносибан фарҳанги миллӣ миллат аст ва миллати сарафроз забонро минҳайси абзори муҳимтарини сиёсӣ, фикрӣ, маърифатӣ ва маданӣ барои

шукуфоии ватан ва ҷомеа мавриди истифода қарор медиҳад. Муҳаққиқон барои ба вуҷуд омадан ва ё вуҷудияти миллат се нишонаи асосиро зарур медонанд:

а) доштани тақдири муштарак;

б) фарҳанги муштарак доштан;

в) дорои забони ягона будан.

Аз ин ҷост, ки дар мавҷудияти миллат забон нишонаи калидӣ аст. Тавассути ин нишона тақдир ва фарҳанги миллат таҳия ва мураттаб мегардад. Дониш, маърифат ва фарҳанг тавассути ин ҷавҳари шариф (забон) дар ҷомеа густариш меёбанд. Яке аз вазоифи муҳимми забон дар тавассути ахбору мухобирот ба кор ё амале водор кардани аъзои ҷомеа зоҳир мегардад. Албатта, ахбор ё иттилоти дурӯғин ва ғаразнок метавонад ба ҷомеа таъсири манфӣ расонда, раванди фасоди ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фикриро густариш бахшад ва ин ҳолатро дар шароити феълии фазои маҷозӣ метавон ҳар рӯз ба мушоҳида гирифт. Фазои маҷозӣ ва расонаҳои иттилоотию таҳлилии муосир имрӯз, ғолибан аз забон ҳамчун васила ё абзори муҳимми сиёсӣ ва идеологӣ-мафкуравӣ истифода ва сӯйистифода карда, дар ҷомеа дурӯғу риё, хурофоту таассуб ва иғвову дасиса мепароканaнд ва ба ин восита ҷомеаро дар ҳолати бунбасти фикрӣ ва фарҳангӣ нигоҳ медоранд. Расона ва фазои маҷозӣ дар шароити муосири бозиҳои геополитикӣ ба абзори калидӣ табдил ёфта, аз ин тариқа маҷмӯаи афкори муғризона рӯйи сафаҳоти интернетӣ рехта мешаванд. Мусаллам аст, ки фазои маҷозӣ ҳамарӯза аз тариқи забони миллӣ иттилооти гуногунмуҳтаво интишор медиҳад ва бад-ин тартиб масири сиёсӣ, фикрӣ, маърифатӣ, идеологӣ ва фарҳангиро мадди назар мегирад. Дар айни замон, забони миллӣ, ки дар ВАО, матбуоти даврӣ ва фазои маҷозӣ фаъол аст, масъулият ва имкони аз махдудиятҳои фикрӣ раҳонидани миллатро низ бар дӯш дорад.

**Чаҳорум.** Дар давраи салтанати Сомониён ба забони миллӣ, таҳким ва густариши он аҳамияти хосса дода мешуд. Амирони

хирадпарвари Сомонӣ бевосита дар ин раванд саҳм мегирифтанд ва ҷараёни омӯзишу густариши забони миллиро ҷиддӣ назорат мекарданд. Дар он давра забони арабӣ, ки он замон забони илму маориф ва дин маҳсуб мешуд, тавассути сиёсати фарҳангии амирони дурандеши Сомонӣ ба маҳдудият мувоҷеҳ гардид, то ҷое, ки бо амри Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ (961-984) «Тафсири кабири Табарӣ» ба забони дарӣ, яъне забони миллӣ тарҷума карда шуд. Уламо ва фақеҳони миллатдӯсти Мовароуннаҳр дар ин амр ба чунин фатво ҷасорат карданд: «Раво бошад хондан ва набиштани тафсири Куръон ба порсӣ мар-он касро, ки ӯ тозӣ надонад» (ниг.: Малоирӣ М. Таърих ва фарҳанги Эрон дар даврони интиқол аз асри Сосонӣ ба асри исломӣ. Ҷилди аввал. -Теҳрон, 1372. -С. 138). Воқеан, ин ҷуръат ва ҷасорати арзандае буд, ки дар бедории фарҳангии ҷомеаи асри X ва минбаъда нақши муассир гузошт.

Мутафаккирон ва шоироне, ки дар давраи салтанати хонадони Сомониён зиндагӣ ва эҷод кардаанд, дар фазои бози фарҳангӣ забони форсии дарии тоҷикиро ба забони илму ҳикмат табдил дода, бо ин забон ҷомеаро аз фарҳангу маънавиёти миллӣ огоҳ гардониданд. Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ, Кисоии Марвазӣ, Фирдавсӣ ва Носири Хусрав барин абармардони майдони сухан, забон ва ҳикмат, бо андешаи баланди фалсафӣ раванди таҳаввули андешаи миллӣ ва бедории фарҳангии ҷомеаро такмил, таҳким ва густариш додаанд.

Хуллас, замони Сомониён бо фазою шароити мусоиди фарҳангиаш неруҳои зеҳнии миллиеро ба вуҷуд овард, ки дар бедории фикрӣ ва таҳаввули андешаи миллии ҷомеаи давр саҳми босазо гузоштанд. Лекин ин вазъи солими фарҳангӣ, ки дар партави сиёсати миллии фарҳангӣ ба вуҷуд оварда шуда буд, бо васвасаи дастгоҳи таҷассусии хилофати Бағдод тавассути Қарахониёну Ғазнавиёни турк тағйир дода шуд ва боиси ба вуҷуд омадани таассубу хурофоти динӣ, мазҳабӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва

фарҳангӣ гардид.

**Панҷум.** Дар асрҳои миёна илмҳои хитоба (риторика) ва балоғат, ки ба доираи улуми филологӣ марбут буданд, ба расойӣ ва бенуқсон ифода ёфтани фикр мусоидат мекарданд. Илми хитоба, ки хатибону воизон барои ҷалби ҷомеа аз он ваеъ истифода мебурданд, то андозае роҳи бедории фикрию фарҳангии ҷомеаро банд мекард ва мардумро дар доираи хурофоту таассуб мунҳасир месохт. Хатибону воизон бо суханоройӣ ва қофиябофӣ мардумро мафтун мекарданд ва ҳолати карахтии фикрию равониро дар ҷомеа ба вуҷуд меоварданд. Ин табақа (хатибону воизон), аксаран дар гузашта ва ҳатто имрӯз ҳам тавассути василаи дастрас ва санҷидашуда ба таври худогоҳ ва нохудогоҳ ҷомеаро таҳти таъсири равонӣ қарор медиҳанд ва дар бисёр маворид роҳи бурунрафт аз мушкилоти фикрӣ, равонӣ, ахлоқӣ, динӣ, мазҳабӣ ва фарҳангиро мебанданд.

Баъди ба сари қудрат омадани сулолаҳои турктабор ва муғулнажод дар минтака як навъ халои фарҳангӣ ҳукмфармо гардид ва неруҳои ақлонӣ ва зеҳнӣ, ки масъулияти рафъи заъфу зулми фарҳангиро бар ухда доштанд, пароканда ва ё гирифтори мушкилоти шахсии худ шуданд. Ҳарчанд равшанфикроне буданд, ки бо забони буррову гиро талош варзиданд, ки мардуми минтақаро аз ҷаҳлу нодонӣ ва таассубу хурофот наҷот диҳанд, вале ба таври куллӣ, раванди такмил ва таҳкими андешаи миллӣ ва бедории фикрӣ аллакай ба бунбаст мувоҷеҳ гардида буд.

**Шашум.** Дар охири асри Х1Х Аҳмади Дониш ва пайравонаш дар ин самт ҷиддӣ саъю кӯшиш намуда, хостанд заъфи фарҳангии гузаштаро то андозае рафъ созанд ва ин кор қисман муяссар гардид. Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ вазъи илму маориф ва таълиму мадорис дар аморати манғитӣ дар сатҳи хеле пойин қарор доштааст. Яке аз пайравони содиқи Аҳмади Дониш устод Айнӣ буд, ки аз охири асри Х1Х шурӯъ карда, то охири умр дар роҳи танвири фикрӣ ва бедории

фарҳангии ҷомеаи тоҷик фидокориҳо намуд. Устод Айнӣ дар китоби «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» заъфи динӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии амморатро мавриди баррасии ҷиддӣ қарор дода, роҳи наҷотро дар омӯзишу таълим ва тадриси ҷадиду нав мебинад. Ба назари Айнӣ, Бухоро (аморати Бухоро дар назар аст) ба вазъи ногувори ҷоҳилӣ, нодонӣ ва бефарҳангӣ мувоҷех гардида, ба доми вабои ҷаҳл мубтало гардидааст ва ин бемории марговарро, ки ҷаҳолат ном дорад, тарк кардан намехоҳад. Устод Айнӣ наҷотро аз ин балои марговар танҳо дар танвири фикрӣ ва илм медиду бас.

**Ҳафтум.** Дар солҳои бистуму сиюми асри XX дар матбуоти даврӣ баҳсу мунозираҳои ҷиддӣ сари мавзӯи забони тоҷикӣ ҷараён мегирад, ки дар раванди бедории фикрӣ ва таҳаввули андешаи миллӣ нақши бориз доштанд. Дар ин баҳсҳо, пеш аз ҳама мавзӯи ба омма наздик сохтани забон ва бад-ин васила тавсиаи бинишу андешаи миллии ҷомеа мадди назар қарор мегирифт (ниг.: Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. - Теҳрон: Суруш, 1381. -С.55).

**Ҳаштум.** Дар шароити имрӯз, ки мавҷи фарҳангу идеологияҳои гуногун рӯйиҳамрафта ба забон, фарҳанг ва фалсафаи тоҷикӣ таъсир гузошта истодаанд, баҳсҳо сари тозагии забон, нақши он дар таҳаввули андешаи миллӣ ва бедории фарҳангӣ аз ҷониби ва як зумра зиёиёни имрӯзӣ дар матбуоти даврӣ ривоҷ дорад. То замони даргузашт (соли 2012) устод Муҳаммадҷон Шакурӣ дар ин раванд бисёр фаъол буд ва китобу мақолоти зиёде дар боби забони миллӣ ва шароити густариши он таълиф намуд. Кори устод Шакурӣ имрӯз ҳам аз тариқи фаъолони иҷтимоӣ ва маданӣ идома дорад. Якчанд соли ахир минбари баҳс ба фазои маҷозӣ кашида шудааст ва ҳарчанд ки баҳсу мунозираҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ баъзан гарму тезутунд ҷараён мегиранд, ногузир ба рӯҳу равони ҷомеа бетаъсир намемонанд. Корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ, махсусан шабакаи «Фейсбук» дар тарғиби забони миллӣ, баёни воқеиёти

муосири забонӣ ва фарҳангӣ, навоқиси иҷтимоӣ, мушкилоти маданӣ саҳми муносиб мегиранд. Қатъи назар аз даргириҳои лафзию катбӣ (навишторӣ) ва баҳсу мунозираҳои тунди фарҳангӣ, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ бештар сари масоили забон ва фарҳанги миллӣ сурат мегиранд, масъалаи забони миллӣ ва бедории фарҳангӣ авлавият пайдо мекунад ва ин раванд таҳкиму тақвият меёбад.

Устод Муҳаммадҷон Шакурӣ забони миллиро пояи асосии бинои фарҳанг ва маърифату ҷаҳонфаҳмӣ дониста, дар ҷомеа ҳамеша назаррабо будани ин пояро гӯшзад кардааст (ниг.: Шукуров М. Забони мо ҳастии мост. -Душанбе: Маориф, 1991. -С. 6). Ҳамин поя ё сутуни фарҳангро, ки имрӯз таҳти фишорҳои дохиливу берунӣ қарор дорад, чӣ гуна метавон тармиму такмил кард ва дар маҷрои илму хирад ва мантиқ қарор дод? Ба ин суол ҷавобҳои мухталиф пешниҳод шудаанд. Ба назари мо, нахуст забони миллӣ бояд дар мағзу устухони зиёиёни тоҷик ҷой бигирад,то ки барои фазои тоҷикона бакарор шудан замина фароҳам ояд. Алҳол, зиёиён ва равшанфикрони тоҷик дар ин самт саъю талоши фаровон меварзанд.

**Нуҳум.** Дар минтақаи мо забон ва андеша то ҳол дар доираҳои маҳдуд чарх мезананд ва тухми тафаккури бастаю бунбастӣ ва ғолибан, биниши маҳаллию музофотӣ дар ҷомеаи мо солҳои мадид реша давонда, роҳи бедории фарҳангӣ ва такомули андешаи миллиро банд кардааст. Ин ҳолат забон ва миллатро ба қаъри зиндони ҷаҳолат фурӯ мебарад. Аз ин нуқтаи назар, зарур аст, ки ин халои носолими фарҳангӣ бо забони гушода ва андешаи тоза пур карда шавад. Албатта, ин кори саҳлу осон нест ва аз равшанфикрону донишмандони муосири миллӣ ва ватанӣ заҳмату талошҳои фаровон тақозо мекунад.

**Даҳум.** Забони миллӣ тайи таърихи ватанӣ бо ҷавҳари аслӣ – хирад тавъам будааст ва қудратмандии забон ба тавоноии хирад бастагӣ дошта ва дорад. Маҳз забони бо хирад тавъами

миллӣ дар тӯли таърих мардуми моро аз бунбастҳои фикрӣ, идеологӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ раҳо карда, дар баробари хатарҳои гуногун муқовиматпазир сохтааст. Ба сухани дигар, забони миллӣ дар имтидоди таърихӣ бар мабнои хирад ва фазилат ҳувияти миллиро ҳифзу нигоҳ дошта, то ба замони мо сиҳату солим оварда расонд. Ба ин маъно:

*Забон бо хирад чун баробар шавад,*
*Ту гӯйӣ забоне тавонгар шавад.*

Аз ин ҷост, ки пушти забони мо қудрат ва неруи ақлу хирад қарор гирифта, ин қудрат забони миллиро аз газанди рӯзгор эмин дошт. Дигар ин ки забони мо аз андеша, ки як навъ ояндабинии фалсафиро дар дарозои таърихи миллӣ ифода намудааст, қудрату тавон гирифта, бо ин ҷавҳари вуҷудӣ ва ботинӣ дар ҷараёни ҳастӣ обутоб ёфтааст. Ин аст, ки:

*Қудрати ақл аст пушти ин забон,*
*Ин забон з-андеша мегирад тавон.*

**Ёздаҳум.** Забон ҳамчун унсури миллатсозӣ ва фарҳангофарӣ ба арзишҳои инсонии як қавму як қабила маҳдуд нашуда, куллияи арзишҳои маънавии ҷаҳониро дар худ таҷассум мекунад. Ба ин далел, забони форсии дарии тоҷикӣ дар шароити имрӯзӣ низ метавонад забони сиёсат, фалсафа, илм, мантиқ ва фарҳанг бошад ва дар таҳаввули андешаи миллӣ ва бедории фарҳангии ҷомеа таъсири амиқ гузорад. Собиқаи таърихии забони форсии дарии тоҷикӣ гувоҳ аст, ки ин забон дар шароити феълӣ низ метавонад раванди худогоҳӣ ва хештаншиносии миллиро таҳкиму тавсеа бахшида, бад-ин васила рисолати фалсафӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва билохира инсонии худро иҷро намояд. Бурузи тавонмандиҳои забонию фикрӣ ва рӯҳи дунёмадории миллӣ, ки дар фарҳанги бумӣ собиқаи тӯлонии таърихӣ дорад, ҳузури моро дар арсаи тамаддуни ҷаҳонӣ фаъол месозад ва то ба сатҳи миллатҳои мутамаддини башарӣ мерасонад.

**Рамазон Раҳимзода ҲАМРО**
*номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент,*
*Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон,*
*барандаи ҷоизаи Муҳаммад Осимӣ*
*дар соҳаи илмҳои ҷомеашиносӣ, аъзои ҳақиқии А*
*кадемияи илмҳои умумиҷаҳонии амнияти дастаҷамъӣ.*

## СИЁСАТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даҳсолаи аввали асри XXI ҳамчун давлати соҳибихтиёр ворид гашт ва дар натиҷа дар фазои ҳуқуқии он дигаргуниҳои куллӣ ба миён омаданд. Онҳо такмили минбаъдаи сиёсати давлатӣ-ҳуқуқиро дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, инчунин амалишавии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, ки дар давраи 4-уми амалишавӣ қарор дорад, объективона тақозо менамояд.

Мақолаи мазкур дар бораи самти нави назария, ки то ҳол дар илми ҳуқуқшиносӣ муаррифӣ нашудааст ва нисбат ба он на дар сатҳи минтақавӣ, на дар сатҳи миллӣ тадқиқотҳои илмӣ гузаронида нашудаанд, миёни олимони соҳаи ҳуқуқ андеша ва ақидаҳои ягона мавҷуд нестанд, маълумоти илмӣ пешкаш менамояд. Сухан дар бораи **сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ** меравад.

Маълум аст, ки таҳти мафҳуми сиёсат шакли фаъолияти давлат ва ниҳодҳои (институтҳои) он, инчунин ҷамъият, ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳо, иттиҳодияҳо, ҳаракатҳо ва ҳатто шахсони алоҳида оид ба идора намудани соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, соҳаҳои иқтисодиёт, соҳаи иҷтимоӣ, маданият, маориф, илм, тандурустӣ ва ғайра фаҳмида мешавад.

Дар замони худ асосгузори афкори коммунистӣ В.И.Ленин гуфтааст: «Сиёсат ин ифодаи беҳад ғунҷонидашудаи иқтисодиёт

мебошад»[1]. Яъне, сиёсат, ба гуфтаи ӯ, ба таври оддию содда иқтисодиётро инъикос намекунад. Баръакс, дар талабот ва қарорҳои сиёсӣ ниёзу эҳтиёҷоти иқтисодӣ аз падидаҳои тасодуфию номураттаб ва ноустуворию бесуботӣ тоза гардида, дар он фақат унсурҳои асосӣ ва муҳим боқӣ мемонанд.

Ҳамзамон, дар ҳамин ҷо В.И.Ленин гуфтааст, ки «сиёсат наметавонад аз болои иқтисодиёт бартарӣ надошта бошад»[2] (яъне, метавонад бартарӣ дошта бошад – *Р.Ҳ.*). Ба ақидаи ӯ, ҳалли проблемаҳои иқтисодӣ бояд барои ҳаллу фасли масъалаи асосӣ ва муҳими замона, яъне барои нигоҳ доштан ва устувору мустаҳкам кардани ҳокимияти сиёсӣ равона шуда бошад. «Бе нигоҳи (муносибати) дурусти сиёсӣ ба кор, - мегӯяд В.И.Ленин, - синфи мазкур ҳукмронии худро нигоҳ дошта наметавонад, пас он наметавонад вазифаҳои иқтисодии худро низ ҳал карда тавонад»[3].

Аз ин ҷост, ки В.И.Ленин қайд кардааст: «унсури асосӣ ва муҳимтарин дар сиёсат ин «сохти ҳокимияти давлатӣ» ба ҳисоб меравад[4] ва сиёсат, мегӯяд ӯ, «... ин иштирок дар корҳои давлатӣ, самти давлат, муайян намудани шакл, вазифа, мазмуни фаъолияти давлат мебошад...»[5].

Ҳамин тариқ сиёсат – ин фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, ҳизб ва гурӯҳи ҷамъиятӣ дар самти муносибатҳои дохилидавлатӣ ва муносибатҳои берунидавлатӣ мебошад.

Дигар хел карда гӯем, сиёсат ин фаъолияти давлатӣ маҳсуб меёбад, яъне, сиёсат - фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатиро, инчунин масъалаҳо ва ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятиро, ки бо фаъолияти давлатӣ алоқаманд аст, дарбар мегирад.

---

[1] Ленин В. И. Асарҳои пурраи мунтахаб. Нашри 5. Ҷ. 42. Москва. 1970. С. 278.
[2] Дар ҳамон ҷо.
[3] Ленин В. И. Асарҳои пурраи мунтахаб. Нашри 5. Ҷ. 42. Москва. 1970. С. 279.
[4] Ленин В. И. Асарҳои пурраи мунтахаб. Нашри 5. Ҷ. 23. Москва. 1970. С. 239.
[5] Ленин В. И. Асарҳои пурраи мунтахаб. Нашри 5. Ҷ. 33. Москва. 1970. С. 340.

Худи давлат чун шакли сохторӣ (яъне, чун батартибдароваранда, батанзимдароваранда) барои ташкил намудани ҳаёти одамон арзи вуҷуд дорад. Аз ин ҷост, ки мафҳуми сиёсат бевосита бо мафҳуми давлат ва ҳокимият дар алоқамандии зич қарор дорад.

Бинобар сабаби мавҷуд будани чунин алоқамандӣ хулоса кардан мумкин аст, ки сиёсат омили самтнишондиҳандаи фаъолияти давлат аст, ки нақши танзимкунандаро, самти ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунад.

Сиёсат чун шакли фаъолияти давлатӣ барои ҳал намудани проблемаҳои ҳаррӯза ва стратегии ҳаётан барои ҷамъият муҳим, коркард ва амалигардонии барномаҳои таъмини ҳаёти арзанда, босамар фаъолият намудани ҷамъият ва инкишофи минбаъдаи он равона карда шудааст.

Сиёсати давлат доираи васеи масъалаҳо ва соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро дарбар мегирад, аз ҷумла, сиёсати ҳамкориҳои байналмилалӣ, сиёсат дар соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, саноат, аграрӣ, илм, маориф, энергетика, тандурустӣ, демография, **ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ,** мудофиа, дин, ҷавонон, оила, молия, системаи пулӣ, андоз, захираҳои табиӣ, таъминоти иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ, муносибатҳои меҳнатӣ, нақлиёт, муҳоҷират, тиҷорат, ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ ва дигар соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷамиятӣ.

Бояд қайд кард, ки сиёсати дохилии давлат дар самти ҳифзи ҳуқуқ, ки **сиёсати ҳуқуқӣ** ном дорад, яке аз самтҳои муҳим ва таъминкунандаи фаъолияти муътадили дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ (яъне, дигар самтҳои сиёсати дохилии давлат) маҳсуб меёбад.

Дар ҳақиқат, агар системаи ҳифзи ҳуқуқ ё ин ки **сиёсати ҳуқуқӣ** коста ва суст гардад, таъмини фаъолияти солими сиёсати дохилии давлат дар дигар соҳаҳо мушкил мегардад.

Сиёсати ҳуқуқии давлат чун як намуди сиёсати дохилии давлат, вобаста аз самту соҳаҳои батанзимдарории он ба

намудҳои гуногун тақсим мешавад, масалан, дар самти таъмини ҳуқуқҳои конститутсионӣ, гражданӣ, меҳнатӣ, манзилӣ, оилавӣ, истифодабарии замин, инчунин дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ.

Дар байни самтҳои номбаршуда, сиёсати давлатӣ дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ ҷойи махсус ва муҳимро ишғол менамояд.

Агар сухан бар бораи сиёсати мубориза бо ҷинояткорӣ (ба забони русӣ - **уголовная политика)** меравад, дар ин ҷо бояд қайд кард, ки дар забони тоҷикӣ ин мафҳум дар бисёр маврид нодуруст, ғалат тарҷума шуда, боиси духӯрагӣ ва хатогӣ дар назарияи ҳуқуқ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ мегардад. Агар аз нуқтаи назари мантиқи ҳуқуқӣ ва муҳтавои он мо ин ибораи муҳими ҳуқуқиро дуруст тарҷума карда натавонем, он боиси *(ҳам хандаю, ҳам)* иштибоҳи ҳуқуқӣ шуданаш мумкин аст.

*Тарҷумаи калима ба калима ва таҳтуллафзии мафҳуми «**уголовная политика**» аз ҷониби бисёриҳо чун «**сиёсати ҷиноятӣ**» муаррифӣ карда мешавад. Ҳол он ки чунин муносибат бо истифода бурдани ин мафҳуми муҳими ҳуқуқӣ мутлақо нодуруст ва ҳатто зараровар аст. Чунки, агар ин ибораро баргашта ба забони русӣ тарҷума намоем, он чун «**преступная политика**» мешавад.*

*Гӯё мо тасдиқ мекунем, ки ҷиноят ва ҷинояткорӣ дорои сиёсат будааст, яъне гӯё дар ҷамъият чунин сиёсат дастгирӣ меёбад. Ва мо онро тарғибу ташвиқ медиҳем, то ин ки он боз ҳам тақвият ёбаду мустаҳкам шавад.*

*Албатта, чунин нигоҳ ба мақсаду вазифаҳо ва усулу афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқии давлат ҷавобгӯ нест.*

*Сабаби ҷой доштани чунин муносибат оид ба тарҷумаи мафҳумҳои ғайритоҷикӣ, ба андешаи мо, ин ғанӣ набудани дониши мо ва камдонии мо аз фарҳанги миллиамон мебошад.*

*Ман боварӣ дорам, ки забони тоҷикӣ дорои махзани бойтарин ва нотакрори бошукӯҳ аст. Лекин, мутаасифона, дониши имрӯзаи мо, бархурдории мо аз фарҳангамон то андозае заиф мебошад, ки дар ин*

*давраю замона имконияти дуруст ва пурра истифода бурдани имло, калима, ибора ва вожаҳои тоҷикиро надорем. Ҳол он ки онҳо воқеан арзи вуҷуд доранд.*

*Масалан, ба ёд оваред, ки ду-се калимаҳои ҳуқуқии русӣ ба забони мо бо як тарз тарҷума мешуданд, аз ҷумла калимаи* ***«махфӣ»****. Бо ин калима мо ҳам калимаҳои* ***«секреть»,*** *ҳам* ***«тайно»,*** *ҳам* ***«конфиденциально»,*** *ҳам* ***«негласно»****-ро тарҷума карда будем. Ё ин ки калимаҳои* ***«надзор»*** *ва* ***«контроль»*** *як хел тарҷума шуда, бо калимаи* ***«назорат»*** *ифода меёфтанд, ҳол он ки онҳо маънои гуногуни ҳуқуқӣ доранд. Чунин мисолҳо хеле гуногун мебошанд.*

*Бинобар ин, соли 2015 мо иқдом гирифта, ба унвони мақомоти дахлдори давлатӣ мактуби расмӣ ирсол карда будем, ки дар соҳаи қонунэҷодкунӣ ба истифодаи дурусти ибораҳои ҳуқуқӣ аҳамияти ҷиддӣ дода шуда, дар санадҳои ҳуқуқӣ меъёрҳо духӯра ифода наёбанд, ибораҳо ва мафҳумҳое, ки дар ҳамаи соҳаи қонунгузорӣ истифода бурда мешаванд, ҳамон як маъноро доро бошанд.*

*Лекин, мутаасифона, амалия нишон медиҳад, ки ин кӯшишҳо ҷомаи амал пӯшида наистодаанд. То ҳол дар ҳар соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ як мафҳуми яккхела бо маънои ба ҳам зид оварда шудаанд, ки чунин нигоҳ на танҳо назария ва илмро ба роҳу нодуруст равона мекунад, балки дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ низ мушкилиҳоро пеш меоварад.*

*Масалан, ибораи* ***«тасарруфи молу мулк»*** *дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ба маънои манфӣ оварда шудааст (чун ҳаракати ҷиноятӣ), вале дар ҳуқуқи гражданӣ бошад, он ба маънои мусбӣ оварда шудааст (чун вазъи қонунии нигоҳдошти молу мулк).*

*Аз ин ҷо, ибораи «****уголовная политика****» набояд ба таври таҳтуллафзӣ тарҷума шавад. Онро мо бояд ба таври зайл истифода барем:*

*- «сиёсати давлатӣ дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ», ё ин ки ба таври кӯтоҳ,*

*- «сиёсати мубориза бо ҷинояткорӣ».*

Ғайр аз ин, вақте ки сухан дар бораи ин намуди сиёсат меравад (яъне, «**уголовная политика**»), мо бояд донем, ки он танҳо бо самти ҳуқуқи ҷиноятӣ, яъне бо қонунгузории ҷиноятӣ маҳдуд намегардад. Чунки ҳуқуқи ҷиноятӣ (қонунгузории ҷиноятӣ) танҳо яке аз самтҳои сиёсати мубориза бо ҷинояткориро ташкил дода, дар ҳамбастагӣ бо дигар соҳаҳои самти мубориза бо ҷинояткорӣ (аз ҷумла, соҳаҳои ҳуқуқи мурофиавӣ-ҷиноятӣ, ҷиноятӣ-иҷроиявӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ғайра) ин самти сиёсати давлатиро пурра мегардонад ва дар якҷоягӣ амал менамояд.

Сиёсати мубориза бо ҷинояткорӣ дорои паҳлӯҳҳои гуногун мебошад, ки ҳар яки онҳо барои иҷрои ҳамон як вазифаҳои дар наздашон гузошташуда ташаккул шудаанд. Ин - вазифаи мубориза бо ҷинояткорӣ мебошад, ки он тавассути ташаккули **фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ** ва фаъолияти мақомоти қонунгузор дар соҳаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ҷиноятӣ-мурофиавӣ, ҷиноятӣ-ичроиявӣ, криминалистӣ, криминологӣ, **оперативӣ-ҷустуҷӯӣ** ба роҳ монда мешавад.

**Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ** яке аз қисмҳои таркибӣ, унсури муҳим ва мустақили сиёсати мубориза бо ҷинояткорӣ, яъне, сиёсати давлатӣ дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ маҳсуб меёбад.

Сиёсати мубориза бо ҷинояткорӣ, ки қисми ҷудонопазири сиёсати давлат мебошад, бо роҳҳои ташаккул додани **қонунгузории** ҷиноятӣ, ҷиноятӣ-мурофиавӣ, ҷиноятӣ-иҷроиявӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҳамчунин тавассути батанзимдарории амалияи татбиқи он, инчунин бо роҳи коркард ва амалигардонии чораҳое, ки барои огоҳонидани ҷиноятҳо равона шудаанд, муайян менамояд.

Дар даҳсолаҳои охир соҳаи нави ҳуқуқ дар намуди ҳуқуқи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пайдо шуд. Мутаносибан ба он соҳаи нави қонунгузорӣ низ ташаккул гардид. Чунин вазъият моро водор менамояд дар таркиби сиёсати мубориза бо ҷинояткорӣ, ки

системаи том ва яклухт маҳсуб меёбад, дар баробари сиёсатҳои соҳавии мавҷудбуда (яъне, дар баробари сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, мурофиавӣ-ҷиноятӣ, ҷиноятӣ-иҷроиявӣ), боз як ҷузъи (элементи) дигар, яъне, **сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯиро** ба таври алоҳида ҷудо намоем. Ин боиси боз ҳам тақвият бахшидани омӯзиш ва тадқиқоти самти мазкур мегардад.

Бояд қайд кард, ки на дар давраи Шӯравӣ ва на дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон заминаи (базаи) дахлдори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро аниқу саҳеҳ ба танзим медаровард, мавҷуд набуд. Назарияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар муддати тӯлонӣ ба илми идоравии дар канормонда табдил ёфта буд. Дар натиҷа бисёр олимон дар мубоҳисаи мушкилотҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ фаъолона иштирок карда наметавонистанд.

Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба ҳайси фанни таълимии мустақил дарс дода намешуд, ғайр аз муассисаҳои махсусгардонидашудаи таълимии идоравии ВКД ва КБД, ки ин фан танҳо дар он ҷойҳо омӯзонида мешуд. Он ҳам бошад, ба мафҳумҳои куҳна, категорияҳо ва иборaҳои беэътимод такя мекард. Ҳатто дар донишгоҳҳои махсусгардонидашуда ин фанни асосӣ ва муҳим то соли 2011 дар асоси барномаҳо ва нақшаҳои таълимии куҳнаи даврони Шӯравӣ бе назардошти рушди давлати демократӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқбунёд ба роҳ монда шуда буд.

Тадқиқотҳои илмӣ дар ин соҳа ба таври фаъолона пеш бурда намешуданд. Назариячиёни мутахассис мавҷуд набуданд, ки асосҳои назариявӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва таклифҳои худро барои такмил додани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунии МАФОҶ коркард ва таҳия кунанд. Шахсе набуд, ки ин донишҳоро мураттаб намояд.

Хуллас ин, ки дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон дар назарияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз лиҳози дарки илмӣ чунин камбудиҳо мавҷуд буданд:

1. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ чун илм арзи вуҷуд надошт;

2. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун фанни таълимии мустақил ба ҳайси фанни ҳатмии ҳуқуқӣ дар муассисаҳои олии таҳсилоти ҳуқуқӣ ворид нашуда буд;

3. Таъминоти илмӣ ва таълимӣ-методии раванди таҳсилот, хусусан ба забони тоҷикӣ, умуман мавҷуд набуд;

4. Фазои ягонаи иттилоотии таҳсилотӣ дар ин раванд умуман арзи вуҷуд надошт.

Дар умум гӯем, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар системаи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ чун самти дуюмдараҷа ҳисобида мешуд.

Албатта, чунин нигоҳ нақши манфии худро дар ташаккул ва рушди ин соҳа гузошт. Сабаби он дар муносибати нобоварона ва шубҳаомез ба ин намуди фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ буд. Фаҳмиши нодуруст ва нокифоя нисбат ба моҳияти аслӣ ва воқеии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба пайдоиши чунин муносибати манфӣ мусоидат мекард. Инчунин, вуҷуд надоштани фаҳмиш ва дарки он ки хадамоти оперативӣ дар таъмини амнияти шахсият, ҷамъият ва давлат кафили пешоҳанг ва воқеӣ аст, хусусан дар шароити авҷ гирифтани таҳдиду хатарҳои ҷаҳонии муосир, ба муносибати нобоваронаро ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пурзӯр мекард.

Аммо мо - олимони системаи мақомоти корҳои дохилӣ тавонистем, ки чунин раванди хавфнок ва нодурустро шиканем. Мо тавонистем нақш ва саҳми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар таҳкими қонуният ва мубориза бо ҷинояткорӣ аниқу возеҳ нишон дода, муҳимияти онро дар системаи сиёсати давлатӣ муайян намоем.

Дар воқеъ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар самти мубориза бо ҷиноятқорӣ нақши муҳимро мебозад, чунки зиёда аз 90% ҷиноятҳои ноаён содиршуда маҳз тавассути амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби субъектони МАФОҶ кушода мешаванд.

Дар натиҷаи пешбурди корҳои илмӣ, тадқиқотҳои гузаронидашуда ва такмил додани қонунгузорӣ, ки аз ҷониби мо анҷом дода шуданд, ҷанбаи мазмунии фанни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низ дигаргун шуд. Дар ин солҳо мо маҷмӯи маводҳои таълимӣ, таълимӣ-дидактикӣ, таълимӣ-методӣ, яъне, китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои тақвимӣ-мавзӯӣ, тестҳо, маҷмӯаи масъалаҳо ва супоришҳо, дастурҳои таълимӣ, маълумотномаҳои таълимӣ, луғат аз фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, намунаҳои ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ ва ғайра ба тавсиб расонидем, ки барои омӯзиши фанни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ равона шудаанд.

Албатта, дар байни онҳо мавқеи калидиро китобҳои дарсии «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ишғол менамояд, ки он ба забони тоҷикӣ нашр шудааст ва аввалин падида дар таърихи илми ҳуқуқшиносӣ ва таҳсилоти навини Тоҷикистон маҳсуб мегардад. Ду китоби дарсӣ аз фанни «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», ки ба Қисми умумӣ ва Қисми махсуси он бахшида шудааст, ҳоло Қисми умумии он чун китоби рӯимизии кормандони оперативӣ ва донишҷӯёни ватанӣ, мутахассисони соҳаи ҳуқуқ ва ҳатто шаҳрвандон гаштааст.

Ворид шудани ин фанни нави таълимӣ ба нақшаю барномаҳои дарсӣ дар бисёр ҳолат бо он асоснок карда мешавад, ки донишҷӯёни ихтисоси ҳуқуқшиносӣ барои дар оянда бомуваффақиятона иҷро намудани вазифаҳои касбии таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва судя бояд асосҳои ташкили кори оперативӣ, сохтор ва мақсадҳои чорабиниҳои

оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дуруст амалӣ гардонидани натиҷаҳои онро донанд.

Чунки дар замони ҳозира бо меъёрҳои қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯӣ на танҳо кормандони воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, балки муфаттишон, прокурорҳо, судяҳо, адвокатҳо ва дигар мутахассисони соҳаи ҳуқуқ истифода мебаранд, аз ин лиҳоз, ин соҳаи ҳуқуқ дуруст шуд, ки қисми таркибии омӯзиш барои ҳамаи ҳуқуқшиносон гардид (на он, ки фақат барои мутахассисони Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва дигар идораҳое, ки барои амалӣ гардонидани ин фаъолият ҳуқуқ доранд).

Ҳамин тариқ, яке аз паҳлуҳо ва ҷанбаҳои **сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ** татбиқи худро дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ бевосита ёфта истодааст. Дар ин ҷода, амалигардонии **сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ** бо ин маҳдуд нагардидааст. Ҷиҳати тақвият додани заминаи иҷтимоӣ-фарҳангии **сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ** мо кӯшиш карда истодаем, ки ҷаҳонбинӣ, омилҳои арзишӣ-ғоявӣ, идеологӣ, фарҳангӣ ва тамаддунии онро тақвият бахшем. Масалан, бо мақсади такмили асосҳои ҳуқуқии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, такмил додани фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии МАФОҶ даҳҳо конференсияҳо, семинарҳо, конкурсҳо дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ баргузор намуда истодаем.

**Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ** якҷоя бо самтҳои дигари сиёсати ҳифзи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, мурофиавӣ-ҷиноятӣ, зиддикоррупсионӣ, зиддимухаддиротӣ ва ғайра) ба мубориза бо ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, аз ҷумла ҷиноятҳои муташаккил, барои таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ҳамчун заминаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст.

Аҳамияти сиёсати ҳифзи ҳуқуқӣ, ва махсусан сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо дарназардошти хавфи хатарҳои нави

дунявӣ, аз қабили терроризм, ҷинояткории муташаккилона, экстремизми динӣ ва сиёсӣ, гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, алалхусус ҷиноятҳое, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ содир мешаванд, меафзояд. Бинобар ин, дар ҳаёти имрӯза хатарҳои ҷиддӣ на танҳо ба амнияти миллии Тоҷикистон, балки ба амнияти тамоми кишварҳои дунё ба мадди аввал баромадаанд.

Аз ин ҷост, ки масъалаи мазкур боз як маротиба мавзӯи баррасии ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил гардид, ки он дар санаҳои 28-29 сентябри соли 2018 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Дар ҷаласа масъалаҳои ҳамкории кишварҳо дар доираи Иттиҳод, аз қабили таъмини амният ва чораҷӯии фаврӣ бар зидди таҳдидҳои глобалӣ, аз он ҷумла терроризм ва экстремизм, қочоқи воситаҳои нашъадор ва паҳншавии ғайриқонунии силоҳ, ҳалли мушкилоти масъалаҳо оид ба таъмини амният дар қисми ҷанубии Иттиҳод ва дигар мавзӯъҳои муҳими ҷомеаи ҷаҳонӣ баррасӣ шуданд. Дар интиҳои ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил як қатор қарорҳо қабул карда шуданд, аз ҷумла «Дар бораи Барномаи байнидавлатии тадбирҳои муштараки мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар солҳои 2019-2023» ва «Дар бораи Созишнома оид ба ҳамкории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар самти мубориза бар зидди ҷинояткории соҳаи технологияҳои иттилоотӣ».

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳолатро ба инобат гирифта, бо дарки масъулияти баланд дар назди ташкилотҳои байналмилалӣ, халқ ва ҷомеаи башар барои роҳандозии тадбирҳои ҷиддӣ баҳри ба эътидол овардани вазъияти ҷаҳонӣ ва ҷумҳурӣ пешниҳодҳои мушаххас намуданд. Ҳамаи ин дар навбати худ ба афзоиши суръати

таҳқиқоти илмии сиёсати давлатӣ дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ замина гузошт.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 22 декабри соли 2017 тадбирҳои мушаххас оид ба ҳимояи амнияти иқтисодӣ муайян карда шудаанд. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд: «…Мо бояд минбаъд низ доир ба ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишвар, истифодаи самараноку оқилонаи имкониягу захираҳои мавҷуда ва дарёфти сарчашмаҳои нави рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани қобилияти рақобати истеҳсолоти ватанӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ кӯшиш намоем»[6].

**Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ** асосан аз мазмуни сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ бармеояд (ба забони русӣ – «уголовно-правовая политика», ки он ҳам як самти «уголовная политика» мебошад) ва бо он дар алоқамандии зич қарор дорад[7]. Бинобар ин, чи қадаре, ки сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ инкишоф ёбад ва вобаста ба ин самтҳои мубориза бо ҷинояткорӣ тағйир гарданд, ҳамон қадар сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба он мутобиқ карда мешавад.

Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ тавассути воситаҳои махсуси оперативӣ-ҷустуҷӯӣ давлатро дар мубориза бо ҷинояткорӣ роҳнамоӣ менамояд. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки мазмуни сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ фақат бо ҳуқуқэҷодкунӣ маҳдуд намегардад. Он, инчунин фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро низ дар бар мегирад, ки муҳимтарин самти сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ маҳсуб мегардад.

---

[6] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 22 декабри соли 2017. Душанбе. 2017. С. 9.
[7] Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 4-ум. Душанбе: «ЭР-граф», 2017. С. 89.

Мазмуни сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мувофиқи он вазифаҳое, ки дар назди ин самти сиёсати мубориза бо ҷинояткорӣ гузошта шудаанд, инчунин аз он принсипҳое, ки мубориза бо ҷинояткорӣ ба онҳо асос ёфтаанд, ташаккул меёбад.

Амалигардонии сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ инҳоро дар бар мегирад:

- муайян намудан ва асосноккунии **зарурияти иҷтимоӣ** доштани меъёрҳои амалкунанда ва тарҳрезишавандаи ҳуқуқи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

- такмил додани **қонунгузории** оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

- беҳтар ва самараноктар гардонидани амалияи **фаъолияти** оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

- ба роҳ мондани **таҳқиқотҳои илмӣ** барои дарёфти усулу тарзҳои ҳарчӣ боэътимоди мубориза бо ҷинояткорӣ.

**Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ** бо амалияи қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ алоқамандии зич дорад, асоси ташаккули меъёрҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро тартиб медиҳад, инчунин барои ҳарчӣ бештар мутобиқ гардонидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба эҳтиёҷоти воқеии ҷамъият ва давлат нигаронида шудааст.

Хусусияти асосие, ки ба сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯии Ҷумҳурии Тоҷикистон хос аст, ин ба танзим даровардани масъалаҳои умумии ФОҶ тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии кушода (яъне, ғайримахфӣ) мебошад. Вале дигар паҳлуҳҳои ин сиёсат ҳамчун сирри давлатӣ махфӣ боқӣ мемонад.

Қонунгузории кишвар бо қабули чунин як қонуни аз лиҳози мазмун ва аз нигоҳи моҳият демокративу дунявӣ дар ҷодаи ташаккули низоми ҳуқуқии кишвар, инчунин, дар самти таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ раванди тоза пайдо кард.

Батанзимдарории сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз соли 1993 оғоз мегардад. Зеро аввалин маротиба Қонун «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маҳз 28 декабри

соли 1993[8] таҳти № 923 қабул шуда буд. Ин санад дар самти ба низому тартиб даровардани яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ дар мубориза бо ҷинояткорӣ нақши муҳим гузошт. Он нуфузи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро таъмин намуд ва боз ҳам барои устувор гардонидани пояҳои давлатдории миллӣ саҳм гузошт. Аз ҳамин давра сар карда дар Тоҷикистон воҳидҳои оперативии ваколатдори мақомоти давлатӣ ошкоро амалӣ намудани ин намуди фаъолияти ҳифзи ҳуқуқро мутобиқи Қонуни мазкур оғоз намуданд. То ин вақт фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ин самт танҳо бо фармону дастурамалҳои махфии дохилиидоравӣ ба танзим дароварда мешуданд.

Дар ин давра мақомоти амаликунандаи ФОҶ таҷрибаи муайяни амалӣ намудани қонунро дар ин самт пайдо намуданд.

Афзоиш ёфтан ва сифатан тағйирёбии ҷинояткорӣ дар мамлакат, аз он ҷумла дар шакли муташаккилонаи он, минбаъд зарурияти қабули қонунҳои нави ФОҶ-ро - 23 майи соли 1998[9] ва 25 марти соли 2011[10] ба миён овард.

Ҳамин тариқ, асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки дар замони истиқлолияти давлатӣ эҷод шуданд, нуфузи мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯиро боло бурданд.

**Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ** дар заминаи «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013 № 492 тасдиқ шудааст, инчунин «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018 №

---

[8] Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1994. - № 3-4. – Мод. 68; 1996. - № 3. – Мод. 48 (қ. V); 1996. - № 4. – Мод. 62 (қ. IV); 1997. - № 9. – Мод. 117 (қ. V).
[9] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. - № 10. – Мод. 146; 1999. - № 11. – Мод. 278; 2003. - № 8. – Мод. 453; 2005. - № 12. – Мод. 642; 2006. - № 3. – Мод. 147; № 7. – Мод. 339; 2007. - № 5. – Мод. 361; 2009. - № 7-8. – Мод. 491; №12. – Мод. 819.
[10] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. - № 3. – Мод. 155; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2014. - № 1090.

1005 тасдиқ шудааст, роҳандозӣ карда мешавад. Муқаррароти консепсияҳои мазкур, ки ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамоянд, барои сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд. Илова бар ин, консепсияи мазкур мақомоти давлатиро ҷиҳати амалигардонии он вазифадор мекунанд. Чунончи, бо мақсади таъмини иҷрои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018-2028, қисми 2-и Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазорату идораҳои дахлдорро вазифадор менамояд, ки ҳар ду сол нақшаи чорабиниҳоро таҳия намуда, барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

Чунин санади нахустин «Нақшаи амал барои солҳои 2018-2019 оид ба татбиқи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2018 № 105 тасдиқ шудааст. Нақшаи мазкур муфассал чорабиниҳои пешбинишударо оид ба иҷрои бандҳои дахлдори Консепсия мушаххас мегардонад, муҳлати иҷроиш ва иҷрокунандагони онро муқаррар мекунад. Дар он тадбирҳои зайл пешбинӣ шудаанд:

- танзими гумрукии ба қаламрави ҷумҳурӣ ворид гаштани озуқаворӣ, доруворӣ, дигар намуди маҳсулоти биологии ба саломатии инсон зараровар, аз ҷумла организмҳои аз ҷиҳати генетикӣ тағйирёфта (б. 1);
- омӯзиш ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба мутобиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (б. 3);
- тарҳрезии барномаи нав оид ба тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2029 (б. 26);

- такмили муқовимат ба терроризми байналхалқӣ, экстремизм, ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ (б.29);

- ва ғайра.

Мавриди зиркр аст, ки бо ташаббуси мо масъалаҳои **сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи худро ёфтаанд.** Масалан, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар намудааст, ки муҳокимаи пӯшидаи судӣ, аз ҷумла дар ҳолатҳое гузаронида мешавад, ки агар инро манфиати таъмини амнияти иштироккунандагони мурофиа талаб намояд (қ.2 м.273). Дар чунин ҳолат, тибқи м.263 КМҶ суд дар хусуси дар маҷлиси пӯшидаи суд баррасӣ кардани парванда қарор мебарорад. Риоя нанамудани талаботҳои дар боло зикршуда, сабаби ифшо гардидани сирри давлатӣ ва зери хатар гузоштани ҳаёт ва саломатии субъектони ФОҶ мегардад, ки ин боиси ба ҷавобгарӣ кашидани судя мешавад. Ин талабот инчунин, аз муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29 декабри с.2010 таҳти рақами № 644[11] бармеояд.

Чунин тавсия низ дар **қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо»** аз 29 сентябри соли 2014 № 6 дода шудааст. Дар қисми сеюми банди 6 қарори мазкур омадааст, ки «муҳокимаи пӯшидаи судӣ… дар ҳолатҳое, ки онро манфиати таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиа ва шоҳидон ё

[11] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2010, №12, қ.1. Мод. 806; Қонуни ҶТ аз 03.07.2012. № 865

хешовандони наздики онҳо талаб мекунад, гузаронида мешавад»[12].

Ё ин ки, чи тавре маълум аст, натиҷаҳои ФОҶ, ки онҳо вобаста ба гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дастрас гардидаанду вале бидуни иҷозати суд ва муқаррароти қонун амалӣ гардидаанд, ҳамчун далел эътироф нашуда, ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда намешаванд.

Чунин муқаррарот низ аз мазмуни **қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри с.2014 таҳти № 5 «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ»**[13], ки ба ҷараёни ҷамъоварии маълумотҳои оперативӣ ва муқаррар кардани далелҳо бахшида шудааст, бармеояд. Аз ҷумла, дар банди 19 қарори мазкур омадааст, ки мақомоти таъқиби ҷиноятӣ бояд дар назар дошта бошанд, ки гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро ба маҳрамияти мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, ҳамчунин ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро маҳдуд мекунанд, тибқи қарори асосноки мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо дархости прокурори ваколатдор ва иҷозати судя роҳ дода мешавад (ба истисноӣ ҳолатҳои муқарраркардаи қонун). Ҳамзамон, дар ин банди қарор гуфта шудааст, ки натиҷаҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки тавассути маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрванд ба даст оварда шудаанд, ҳамчун далел аз рӯйи парвандаҳо дар сурате истифода бурда мешаванд, агар онҳо аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд тибқе

[12] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» № 6 аз 29 сентябри соли 2014. Душанбе. 2014. С. 8.

[13] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумхурии Тоҷикистон. Душанбе. 2014. С.16.

меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мавриди санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор дода шуда бошанд.

Ҳамзамон, ин дастовардҳо моро қаноатманд карда наметавонанд. Ҳалли бисёр масъалаҳои мубрами сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ то ҳол ба таъхир гузошта шуда истодааст. Масалан, аз тарафи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намудани санади лозимӣ оид ба муайян намудани судяҳои ваколатдор доир ба баррасии мавод дар бораи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯие, ки ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандонро маҳдуд менамоянд, аз аҳамият холӣ нест.

Инчунин, бояд қайд намуд, ки то ҳол ягон қарори Пленуми Суди Олӣ ва дигар санади судӣ вобаста ба баҳодиҳӣ ва истифода бурдани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ таҳия нашудааст.

Бинобар ин, имрӯз зарурат ба миён омадааст, ки як асноди меъёрӣ байни мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба пешниҳоди натиҷаҳои ФОҶ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд қабул карда шавад, то ин ки он механизми ягонаи истифодаи маводи дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бадастомадаро ҳангоми пешбурди таҳқиқ, тафтишот ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар суд мувофиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ муайян намояд.

Айни замон бо мақсади такмил додани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ, ки дар он ФОҶ яке аз ҷойҳои марказиро ишғол менамояд, зарурияти қабул намудани қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таҳлили амалияи судӣ оид ба баҳо додан ва истифода бурдани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ба миён омадааст.

**Аҳамият ва вазифаҳои сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ** дар Қарори Мушовараи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 16 июли соли 2018 «Натиҷаи фаъолияти оперативӣ-хизматии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2018 ва вазифаҳо дар нимсолаи дуюм» низ муайян карда шудаанд. Тибқи Қарори зикршудаи Мушовараи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ баҳри амалӣ намудани «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» роҳандозӣ карда мешаванд.

Дар консепсияҳои мазкур таъкид мегардад, ки сиёсати ҳуқуқӣ, аз он ҷумла сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои амалигардонии консепсияи давлатӣ оид ба таъмини амнияти криминологӣ ба ҳисоб меравад. Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки яке аз ҷузъҳои муҳимтарин ва мустақилонаи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ мебошад, дар татбиқи сиёсати давлатии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ нақши калидӣ дорад. Самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ, алалхусус сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз сифати фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мақомоти корҳои дохилӣ дар самти муқовимат ба таҳдидҳои ҷинояткорӣ вобастагӣ дорад.

Дар Қаророи зикршудаи Мушовараи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳқиқоти минбаъдаи илмии Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин вазифаҳои мақомоти корҳои дохилӣ дар самти амалигардонии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба тариқи зайл муайян карда мешаванд:

- ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ;
- пешгирии ҷинояткории фаромиллӣ;
- татбиқи чораҳои самарабахши ҳуқуқии ҷиноятӣ нисбат ба шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд;

- сифатан беҳтар намудани мубориза бо ҷиноятkорӣ, аз ҷумла паст намудани сатҳи таҳдидҳои ҷиноятkории муташаккилона, ҷиноятҳои террористӣ, экстремистӣ, коррупсионӣ, ҳамчунин ҷиноятҳое, ки тариқи зӯроварӣ содир мешаванд, ҷиноятkорӣ миёни ноболиғон;

- таъмини манфиатҳо ва амнияти ҷабрдидагон.

Ҳолатҳои зикршуда мубрам будани масъалаи сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯиро исбот мекунанд.

Чӣ тавре ки сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ба сифати шохаи мустақили илми ҳуқуқи ҷиноятӣ эътироф шудааст, ҳамин тавр сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низ ба предмети таҳқиқоти назарияи ФОҶ мансуб аст. Дар доираи ин илм дар баробари дигар масъалаҳо сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низ омӯхта мешавад. Дар навбати худ амалигардонии сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба назарияи ФОҶ таъсири ҷиддӣ расонида, дар давраҳои алоҳида бошад, метавонад барои муайян намудани самти инкишофи минбаъдаи илми оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва мутаносибан ба он фанҳои таълимӣ аҳамияти ҳалкунанда дошта бошад.

Масалан, нигоҳи давлат вобаста ба сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (солҳои 90-уми асри XX) тағйир ёфт. Ин бошад, дар навбати худ, қабули қонунгузориро дар бораи ФОҶ ба миён овард. Яъне, дар партави сиёсати пешгирифтаи давлат қонунгузории нави фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ, аз ҷумла фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ташаккул ёфт. Ин боиси он шуд, ки назарияи кори оперативӣ аз доираи категорияи махфӣ берун баровард ва ба пайдо шудани соҳаи нав дар илми ватанӣ – яъне, назарияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ асос гузошт.

Чунин тағйиротҳо сабаб шуданд, ки тасаввурот дар омӯзиши ФОҶ низ тағйир ёфт, инчунин гузариши ҷиддӣ ба тадриси (таълим додани) фанни оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба вуқӯъ омад.

Бояд қайд кард, ки дар умум дар бораи моҳияти сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар байни олимон ақидаҳои мухталиф вуҷуд надорад, агарчӣ дар асарҳои асосгузорони илми сиёсати мубориза бо ҷиноятҷорӣ самти сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ нишон дода намешуд. Айни замон бошад, қисми муайяни мутахассисон чунин мешуморанд, ки ин самти сиёсати давлатӣ чун қисми таркибии сиёсати мубориза бо ҷиноятҷорӣ, шохаи муҳими сиёсати ҳар як давлат ба шумор рафта, дар мубориза бо ҷиноятҷорӣ нақши бениҳоят назаррасро мебозад.

Масалан, А.И. Александров сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯиро ҳам ба фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ва ҳам ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ паҳн менамояд, ки он барои ноил шудан ба мақсадҳои кушодани ҷиноят ва ҷустуҷӯйи шахсони онро содиркарда тавассути истифода бурдани тамоми қувваҳо, усулҳо, тактикаю воситаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ равона шудааст[14].

В.П. Хомколов андеша дорад, ки маҳз ба туфайли сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ тавсияҳои амалӣ таҳия карда мешаванд, ки онҳо барои самаранок истифода бурдани имконияту қобилиятҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои амалигардонии сиёсати давлатӣ дар самти мубориза бо ҷиноятҷорӣ нигаронида шудаанд[15].

А.В. Федоров сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯиро чун самти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлат ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти давлатӣ оид ба коркард ва истифодаи имкониятҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мубориза бо ҷиноятҷорӣ муаррифӣ менамояд[16].

---

[14] Александров А.И. Уголовная политика и уголовный процесс в российской государственности: история, современность, перспективы, проблемы / Под ред. В.З. Лукашевича; Предисловие академика РАН В.Н. Кудрявцева. СПб., 2003. С. 70.

[15] Хомколов В. П. Организация управления оперативно-розыскной деятельностью. М., 1999. С. 34.

[16] Федоров А. В. К вопросу разработки основ национальной оперативно-розыскной политики // Оперативник (сыщик). 2009. № 4. С. 91.

Дар инкишофи илми сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ хизматҳои олимони рус – В.П. Салников, С.И. Захарсев, А.Ю. Шумилов ва дигарон бениҳоят калон аст, ки онҳо объект и методологияи онро таҳқиқ карда баромадаанд[17].

Назарияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон низ таҳлил карда мешавад.

Паҳлуҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявии сиёсати ҳуқуқӣ дар асарҳои муҳаққиқони Тоҷикистон - У.А. Азиззода, Г.С. Азизқулова, И.Х. Бобоҷонов, А.М. Диноршоев, Ҷ.З. Маҷидзода, М.А. Маҳмудзода, М.З. Раҳимзода, Б.А. Сафарзода, К.Ҳ. Солиев, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода, Т.Ш. Шарипов ва дигарон таҳқиқ шудаанд. Мафҳум, хусусиятҳо, асосҳои илмӣ, намудҳо, сатҳ, намудҳо ва шаклҳои амалсозии сиёсати ҳуқуқӣ дар асарҳои Р.Ш. Сотиволдиев, С.С. Ятимов таҳқиқ гардида, заминаи пешкаши консепсияи илмии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидаанд[18].

Ҷанбаҳои гуногуни сиёсати ҳуқуқӣ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ, ислоҳоти фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ низ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудаанд. Аз ҷумла, асосҳои назариявии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар асарҳои

---

[17] Сальников В.П., Захарцев С.И., Сальников М.В. Современная российская оперативно-розыскная политика / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷалаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе: «Сино». 2017. С. 78-89; Шумилов А.Ю. Оперативно-розыскная энциклопедия. – М., 2004.

[18] См.: Сативалдыев Р.Ш. Правовая политика как общетеоретическая категория: анализ концептуальных подходов // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. – 2013. – № 108 (3/2). – С. 72 – 73; Ӯ низ: Научный характер правовой политики // Мир политики и социологии. - 2013. - № 11. - С. 83 – 91; Ятимов С. О политической идеологии. – Душанбе, 2014; Ӯ низ: Политический субъект и национальная безопасность // «Народная газета». - № 30 (20156). – 25 июля 2018 года; Бабаджанов И.Х. Судебное рассмотрение материалов об ограничении конституционных прав личности при проведении оперативно-розыскных мероприятий // Проблемы теории и практики. Труды Академии (научный журнал). - 2016, - №1 (29). – С. 96 – 103; Солиев К.Х., Рахимов Р.Х. Комментарий к преступлениям в сфере экономики. – Душанбе, 2001. – 276 с. ва дигарон.

собиқ Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳ.Ҳ. Шарипов таҳқиқ карда шудаанд[19].

Ҳамин тариқ, имрӯз оид ба ҷанбаҳои гуногуни сиёсати ҳуқуқӣ, самтҳо ва намудҳои он, низоми ҳифзи ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, назарияи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, амнияти миллӣ, ҷиноятҳои иқтисодӣ, ҳамкории субъектони низоми мубориза бо ҷиноятҳои муташаккил ва таъмини амнияти миллӣ адабиёти кофии илмӣ мавҷуд аст.

Ҳамзамон, сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ объекти таҳқиқоти махсуси комплексии умуминазариявӣ, алалхусус дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нагардидааст. Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба сифати категорияи назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳамчун падидаи мустақили сиёсӣ-ҳуқуқӣ, самти мустақил ё намуди сиёсати ҳуқуқӣ таҳқиқ нагардидааст. Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар самти таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ то ба имрӯз таҳқиқ нашуда буд.

Бинобар ин, аз ҷониби мо аввалин таҳқиқоти илмии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва таҳлили минбаъдаи паҳлуҳои назариявии он ба сомон расонида шуда, бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон категорияи «сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» асоснок ва таҳқиқ карда шуд.

Аз ин хотир, таҳқиқоти умуминазариявии сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва махсусан паҳлуҳҳои гуногуни он оид ба таъмини амнияти миллӣ камбудии дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ ҷойдоштаро бартараф мекунад.

---

[19] Шарипов Х.Х. Действия личного состава МВД РТ при проведении специальных операций (Операция «Молния»). – Душанбе, 2003. – 310 с.; Ӯ низ: Борьба с организованной преступностью специализированными подразделениями ОВД (на материалах и опыте МВД Республики Таджикистан). – Душанбе: Матбуот, 2005. – 320 с.

Асосҳои зерини илмӣ мустақилияти сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯиро собит менамоянд:

- ташаккули ҳуқуқи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба ҳайси унсури таркибии низоми ҳуқуқ, ки дорои предмет ва объекти танзими ҳуқуқӣ мебошад;

- ташаккули илми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки дорои объект, предмет, методологияи дарки илмии хеш аст;

- назарияи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун заминаи илмии сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба заминаи илмии хеш – назарияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (сатҳи илмӣ) такя дошта:

- тавассути воситаҳо ва усулҳои махсуси оперативӣ-ҷустуҷӯии танзими ҳукуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар раванди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пайдо мешаванд, амалӣ мегардад (сатҳи воситавӣ-танзимӣ);

- дорои заминаи қонунгузории хеш мебошад, ки сатҳи меъёрӣ-ҳуқуқии сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯиро таъмин мекунад (сатҳи меъёрӣ);

- дар робита бо асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ (ташкилӣ, молиявӣ, моддӣ, иттилоотӣ, техникӣ ва дигар), ки дар санадҳои дохилиидоравии ҳуқуқӣ дарҷ гардидаанд, тарҳрезӣ мегардад (асоси ташкилӣ-ҳуқуқӣ);

- дар заминаи санадҳои ҳуқуқтатбиқсозии мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба сомон мерасонанд, амалӣ мегардад (заминаи ҳуқуқтатбиқсозӣ);

- дар доираи ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалии мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар ҳамкорӣ бо хадамоти шабеҳ дар дохили иттиҳодҳои байнидавлатӣ ва дар сатҳи байналмилалӣ анҷом медиҳанд, амалӣ мегардад (сатҳи байналмилалӣ-ҳуқуқӣ).

Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар баробари асосҳо ва сатҳи зикршуда ба заминаҳои бештар васеи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ташкилӣ-ҳуқуқӣ, илмӣ такя дорад. Сиёсати мазкур:

- ба донишҳои умуминазариявии ҳуқуқӣ ва умумиилмӣ (сотсиологӣ, сиёсатшиносӣ, иқтисодӣ ва дигар) такя дорад;

- дар асоси стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ, ки стратегияи мубориза бо ҷинояткориро муайян мекунанд, амалӣ мегардад;

- заминаи васеи меъёрӣ-ҳуқукӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқӣ (иттилоотӣ, технологӣ, иқтисодӣ ва дигар) дорад;

- бо фаъолияти тафтишотӣ, судӣ, прокурорӣ ва дигари ҳуқуқӣ робита дорад;

- дар доираи робита бо сиёсати ҳифзи ҳуқуқӣ, ҳуқуқтатбиқсозӣ амалӣ мегардад;

- дар заминаи васеи иттилоотӣ-технологӣ, бо дарназардошти таҳдидҳои нави иттилоотӣ (ҳамлаҳои киберӣ, ҷиноятҳои киберӣ, тарроризми киберӣ ва дигар) роҳандозӣ мешавдад;

- дар доираи ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқӣ ва дигари давлатӣ дар соҳаи мубориза бо терроризми байналхалқӣ, экстремизм, ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, савдои одамон амалӣ мегардад.

Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ фаъолияти илман асоснокгашта, муташаккил, мақсадноки давлат, мақомоти махсуси босалоҳият ва дигари давлатӣ, инчунин ташкилотҳо ва шаҳрвандони ҷалбшаванда оид ба муқовимат ба ҷинояткорӣ дар заминаи стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ, воситаҳои ҳуқуқӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ баҳри ҳимояи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, таъмини амнияти ҷомеа ва давлат аз таҳдиди ҷиноякорӣ маҳсуб мешавад.

Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз лиҳози умуминазариявӣ, ғайр аз сатҳи миллӣ, инчунин дорои сатҳи минтақавӣ ва

байналмилалӣ буда, дар заминаи қонунгузории миллӣ, ҳуҷҷатҳои байниддавлатӣ ва байналмилалӣ, ки асосҳо ва тадбирҳои консептуалии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии дохилидавлатӣ, байнидавлатӣ ва байналмилалиро муайян мекунанд, амалӣ мегардад. Айни замон сатҳи минтақавии (байнидавлатии) сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои ягонаи ҳуқуқии ИДМ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Масалан, як қатор қарорҳо дар соҳаи ҳамкории байнидавлатии давлатҳо-аъзоёни ИДМ бо ташаббус ва ширкати бевоситаи мо қабул карда шудаанд. Ба онҳо дохил мешаванд:

- Қарори Шӯрои вазирони корҳои дохилии давлатҳо-аъзоёни ИДМ оид ба тарҳрезии механизми имконпазири муомилоти иттилоот нисбат ба шахсоне, ки дар низоъҳои мусаллаҳона дар ҳудуди кишварҳои сеюм иштирок мекунанд (28 июни с. 2017, ш. Душанбе);

- Қарори ШВКД ИДМ «Дар бораи муайян намудани номгӯйи ташкилотҳои дорои майли террористӣ ва экстремистӣ, ки фаъолияти онҳо дар ҳудуди давлатҳо-аъзоёни ИДМ манъ карда шудааст» (ш. Душанбе, 28 июни с. 2017);

- Консепсияи инкишофи ҳамкории вазирони корҳои дохилии (политсияи) давлатҳо-аъзоёни ИДМ дар соҳаи муқовимат ба ҷалб гардидани шаҳрвандон ба ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ (28 августи с. 2017) ва дигарҳо.

Дар ҷаласаи ШВКД ИДМ (ш. Душанбе, 28 июни с. 2017) аз ҷониби муаллиф таклифи таҳияи лоиҳаи ҳуҷҷат оид ба тартиби ягонаи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (ЧОҶ) тавассути усули таҳвили назоратшавандаи байналмилалӣ пешкаш гардид.

Ба туфайли заҳматҳои мо дар ҷаласаи ШВКД ИДМ (19-21 июли с. 2018, ш. Боку) Қарори алоҳида қабул гардид. Тибқи он ба БКБОП (Бюро оид ба ҳамоҳангсозии мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккил ва дигар намудҳои ҷиноятҳои

хавфнок дар ҳудуди давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ) супориш дода шуд, ки ба ҷаласаи навбатии ШВКД ИДМ (моҳҳои май-июни с. 2019 дар Ҷумҳурии Ўзбекистон бояд баргузор гардад) лоиҳаи ҳуҷҷатро бо номи «Тартиби ягонаи гузаронидани таҳвили назоратшавандаи байналмилалӣ тибқи дархости мақомоти корҳои дохилии (политсияи) давлатҳо-аъзоёни ИДМ» пешкаш намояд.

Барои сиёсати оперативӣ-ҷустуҷўӣ лоҳаи ҳуҷҷати дигар «Дар бораи ҳамкорӣ дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷўӣ дар ҳудуди давлатҳо-аъзоёни ИДМ», ки бо ташаббуси мо ба таваҷҷуҳи ШВКД ИДМ пешниҳод шудааст, аҳамияти консептуалӣ дорад. Аз ҷониби мо лоиҳаи Созишнома «Дар бораи тартиби будубоши гурўҳҳои тафтишотӣ-оперативӣ дар ҳудуди давлатҳо-аъзоёни ИДМ» пешниҳод карда шудааст. Нуктаҳои асосии ҳуҷҷати мазкур дар Созишномаи «Дар бораи ташкил ва фаъолияти гурўҳҳои тафтишотӣ-оперативии муштарак дар ҳудуди давлатҳо-аъзоёни ИДМ», ки аз тарафи Сарони давлатҳо-аъзоёни ИДМ 16 октябри соли 2015 ба имзо расидааст, инъикоси бевоситаи худро ёфтанд.

Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷўӣ ба мисли намудҳои дигари сиёсати ҳуқуқӣ хусусияти илмӣ-консептуалӣ дорад ва ба назарияи умумии сиёсати ҳуқуқӣ ва назарияи хусусии оперативӣ-ҷустуҷўӣ такя менамояд.

Минбаъд мо тадқиқотро дар ин самт тақвият бахшида, масъалаҳои дигаре, ки аз сиёсати оперативӣ-ҷустуҷўӣ бармеоянд, бояд ҳаллу фасл намоем. Аз ҷумла, асосҳои қонунгузории сиёсати оперативӣ-ҷустуҷўиро бояд дар соҳаи танзими муносибатҳои оперативӣ-ҷустуҷўӣ таҳлил карда, мафҳумҳои «ошкор кардани ҷиноят», «кушодани ҷиноят» ва ғайра шарҳ дода шавад.

Раванди васеъ шудани предмети танзим аз тарафи Қонун дар бораи ФОҶ бошад, такмили мафҳумҳои онро талаб менамояд. Зимнан мо бояд таърифи мафҳумҳои «ҳаракатҳои

оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», «ҳуҷҷатноккунии оперативӣ» ва ғайраро муайян намоем. Мо андеша дорем, ки тағйироту иловаҳое, ки ба Қонуни ҶТ дар бораи ФОҶ ворид карда шудаанд, аллакай аз ҳаёт ақиб мондаанд ва такмили минбаъдаро талаб мекунад.

Дар шароити ҳозира, фикр дорем, масъалаи то кадом андоза зарурият доштан қабули Кодекси оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бояд таҳқиқ карда шавад.

Доираи танзими ҳуқуқии ФОҶ, аз ҷумла доираи танзими меъёрии идоравии самти мазкур бояд муайян карда шавад. Аз ҷумла, ба масъалаи ба танзим гардидани **фаъолияти ҷустуҷӯи хусусӣ** диққат додан лозим аст.

Танзими ҳуқуқии парвандаҳои баҳисобгирии оперативӣ (ПБО) ва пешбурди онҳо аз ҷониби воҳидҳои оперативии босалоҳияти амаликунандаи ФОҶ бояд бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиб дароварда шаванд.

Он чиро ки мо қайд намудем, албатта сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар фаҳмиши маҳдуд маънидод менамояд. Дар мазмуни васеъаш бошад, сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дорои ҷанбаҳои гуногун - иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, сиёсӣ, идеологӣ, психологӣ, ахлоқӣ, шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва ғайра мебошад. Масалан, заминаи иҷтимоӣ-фарҳангии онро ҷаҳонбинӣ, омилҳои арзишӣ-ғоявӣ, идеологӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва тамаддунӣ ташкил медиҳанд. Онҳо барои таъмини мазмуни маънавӣ-фарҳангии сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, пеш аз ҳама ҳифзи манфиатҳои миллӣ хизмат мекунанд.

Дар ин ҷода дар бораи дигар ҷанбаи сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯиро сухан кардан ҷоиз аст.

Дар сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар сатҳи дахлдор ташаккул ёфтани шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии кормандони оперативӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар умум нақши муҳим мебозад. Ноил шудан ба ин мақсад бошад, асосан дар муассисаҳои таҳсилотии махсусгардонидашуда, ки дар онҳо

фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муфассал ва пурра омӯхта мешавад, имконпазир аст. Чунки, фанни мазкур маҳз дар ҳамин хел муассисаҳои таҳсилотӣ, ба мисли Академияи ВКД, Мактаби Олии КДАМ, дар сатҳи ниҳоят касбӣ омӯзонида ва азхуд карда мешавад.

Танҳо дар шароити муассисаи таҳсилотии махсусгардонидашуда мумкин аст, ки пурра тамоми нозукиҳои гуногуншакли фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро, моҳияти ҳуқуқии онро ва дорои аҳамияти ҷамъиятӣ доштани сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯиро дарк намуда, амалӣ шудани андешаю ғояи (идеяи) миллии Тоҷикистонро таъмин кард.

Аз ин ҷост ки бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда мо мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсии «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ»-ро тағйир додем, аз ҷумла дар онҳо боби «Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ»-ро ворид намудем[20]. Дар Тоҷикистон мактаби соҳавии илмии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ташаккул ёфт. Бо Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2017 дар Академияи ВКД ҶТ факултети № 6 - «Омода намудани кадрҳои оперативӣ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис гашт, курсҳои такмили ихтисос барои ҳамаи категорияи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ташкил карда шуд, интишори маҷаллаи илмӣ-касбии «НаркоФронт» ба роҳ монда шуд.

Ҳамин тариқ, сиёсти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ буда, бо мақсади муқовимат ба ҷиноятҳо, ки ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдиди бевосита доранд, тавассути воситаҳо, шакл ва усулҳои махсус амалӣ карда мешавад.

---

[20] Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 4-ум. Боби 3-юм. Душанбе: «ЭР-граф», 2017. С. 86-96.

## ФАРҲАНГИ МАРДУМӢ ВА РУШДИ САЙЁҲИИ ВАТАНӢ

**Санавбарбону ВОҲИДОВА**
*доктори илмҳои таърих, профессор*

# ОЛМОНИЁН БО ТАЪРИХ ВА ФАРҲАНГИ ТОҶИКОН АЗ НАЗДИК ОШНО ШУДАНД

Вақте ки мо таърихи Тоҷикистон назар меандозем,маълум мегардад, ки дар тӯли қарнҳо олмониён таърих ва фарҳанги мардумони Осиёи Марказиро аз ҷумла тоҷиконро ҳаматарафа меомӯзанд. Ошнои олмониён бо Тоҷикистон нахустин бор соли 1928 ба вуқуъ пайваста буд. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки соли 1928 як гӯруҳ олимони олмонӣ бо олимони шӯравӣ таҳти унвони «Экспедисияи илмӣ тадқиқотии Помир» буд, ки иштирокчиёни ин лоиҳа бо роҳбарии Павел Лукнитски барои омӯхтани мардумшиносӣ, иқлим, ҳайвоноту наботот, анъанаҳо, ҳунарҳои мардумӣ тоҷикон, расму оин сафари нафақат Бадахшони Кӯҳӣ балки тамоми Тоҷикистонро кардаанд. Баъд аз сафари хеш Павел Лукнитски китоби «Саёҳат ба Помир»-ро чоп намуд.

Дар ҳамаи давраҳои таърихӣ, махсусан дар давраи нав, шахсиятҳои маъруфи илму фарҳанги Ғарб, аз ҷумла олмониён кишварҳои Шарқро ҳаматарафа таҳқиқ намуда барои худ арзишҳои безаволи ақидаи – экстетики мероси фарҳангии мардумони тоҷикуфорсро кашф намуданд ва онро бо комёбиҳои фарҳанги пешрафтаи кишварҳои худ алоқаманд мекарданд.

Ба ақидаи шарқшиноси маъруфи олмонӣ Ф. Шлегел «Дар бегонагон худро дарёфтан, дар хеш бегонагонро ҷустан» усули муҳимми таҷассуми илми шарқшиносӣ дар Аврупо мебошад.

Қобили зикр аст,ки Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати «Дарҳои кушода» - ро қариб ба ҳамаи кишварҳои олам пеш гирифтааст. Муносибатҳои дипломатии миёни Ҷумҳурии Федеративии Олмон моҳи декабри соли 1992 барқарор шуданд. Олмон яке аз аввалин намояндагии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 1993 бо Сафири фавқулода ва худмухтор муҳтарам Александр Бекманн оғоз шуданд. Саҳми собиқ дипломати пуркору нотакрор Александр Бекманн ва собиқ роҳбари Хадамоти мубодилаи академикии Олмон (DAAD) доктор Кай Франке алалхусус дар солҳои аввали мушкили истиқлолияти Тоҷикистон ва рушди ҳамкориҳои тарафайн хело назаррас ва беназир аст. Бисёр аз ҷавонону устодон аз Тоҷикистон барои такмили ихтисос ба донишгоҳҳои Олмон сафар карда таҳсил карданд. Тавассути Хадамоти мубодилаи академикии Олмон (DAAD) дар Тоҷикистон хушбахтона ба донишкадаҳои Олмон сафарҳои илмӣ дошта кору фаъолият кардам, аз ҷумла: дар донишгоҳи Ҳумболди Берлин, институти эроншиносии Карл-Август-Геттинген, институти шарқшиносӣ ва илмҳои Осиё дар донишгоҳи Рейнише Вилхелм Бонн, донишгоҳи Отто-Фридрих дар Бамберг ва ғайраҳо.

Воқеаи таърихӣ ин аст, ки собиқ вазири корҳои хориҷии Олмон Клаус Кинкел ба муносибати баргузор намудани рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Федералии Олмон дар Осиёи Марказӣ дар соли 1996 аз ҷумла дар Тоҷикистон қайд кард, ки «Рӯзҳои Ҷумҳурии Федеративии Олмон дар минтақае баргузор мегардад, ки аз қадиммулайём чаҳорроҳи тамаддуни мухталиф будааст. Аз замони салтанати афсонавӣ дар тӯли Роҳи бузурги абрешим мардумони Осиёи Марказӣ аз ҷумла тоҷикон худ соҳибтамаддун буда таъсири тамаддунҳои

дигарро ҳам қабул намуданд. Дар ин сарзамин ҷараёни таҷаддуди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бемонеа ба пеш ҳаракат мекунад». Ҳақиқатан, рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар сентябри соли 1996 ва рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Олмон дар моҳи июни соли 1997 ба наздикшавӣ ва ҳусни тафоҳуми ду мардуми дӯст буд. Рушди ҳамкориҳои байни ду кишвар, ёрии беғарази иқтисодӣ ва башардӯстонаи Олмон ба Тоҷикистон мусоидат намуд. Маълум аст, ки обрӯю эътибори Олмон дар Аврупо ва ҳам дар тамоми ҷаҳон нафақат бо иқтидор ва захираи иқтисодиаш, балки бо мероси маънавӣ ва фарҳанги он муайян мешавад. Бинобар ин, роҷеъ ба ҳамкорӣ сухан ронда мо нафақат алоқаҳои тиҷоратӣ- иқтисодиро, балки табодули мутақобила дар соҳаҳои фарҳангу ҳунар, илму донишро дар назар дорем. Таваҷҷуҳи Олмон ба Тоҷикистон баъд аз эълони истиқлолияти ҷумҳурӣ хислати вусъатнок ва расмии давлатӣ- ҳуқуқиро ба худ гирифтааст. Ин таваҷҷуҳ ба кишвар ба миллат, ба расму оин ва кайҳо боз ба мутахассисони олмонӣ ва хонандагони кунҷков маълуманд.

Ба ин тартиб дар густариши муносибатҳои Тоҷикистону Олмон давраи «Ренесанс» – Эҳё ба вуҷуд омадааст, ки бе шубҳа ба рушди фаъолияти гуногуни илмии олимон, мутахассисон, донишҷӯёни ду кишвар мусоидат хоҳад кард. Қобили зикр аст, ки Олмон аз ҳама зиёд санади ҳамкори имзо намудааст ва ба имрӯз байни Тоҷикистону Олмон 40 санади дуҷониба ба имзо расидааст.

Барои ҳамкориҳои дуҷониба Президенти Ҷумҳурии Федералии Германия Франк- Валтер- Штайнмайер 1 –уми апрели соли 2016 ба шаҳри Душанбе ташриф оварда, ба доираи стратегияи миёнамуҳлати рушд дар давраи 2016-2022-ро ва чанд созишномаҳоро ба имзо расонидаанд.

Имсол барои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеаи таърихӣ ва фарҳангӣ буд. Тибқи доираи густариши

равобити хориҷӣ табодули афкор ва омӯзиши таҷриба ва дастовардҳои илмии олимон тарғибу ташфиқи забон, фарҳанг, таърих ва адабиёти халқи тоҷик аз 17-уми сентябр то 5 –уми октябр соли 2018 тавассути «курсҳои тобистона» 15 нафар олмониён аз донишгоҳи Ҳумболди Олмон меҳмонони институти  мо буданд. Агар ба оинаи таърих назар андозем, донишгоҳи ба номи А. ва В. Ҳумболдтҳоро бахусус қайд кардан ҷоиз аст. Ин донишгоҳ соли 1810 аз ҷониби бародарон Александр ва Вилҳелм фон Ҳумболдт таъсис дода шуда ба дунёи илм 27 соҳиби ҷоизаи нобелиро тарбия намудааст, амсоли Алберт Эйнштайн, Нилс Бор, Макс фон Планк ва дигарон аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Маҳз дар ҳамин донишгоҳ ба тадриси таърих ва фарҳанги мардуми форсизабон аз ҷумла тоҷикон машғуланд. Алалхусус, дар ин робитаи дуҷонибаи фарҳангӣ нақши босазои яке аз тоҷикшиносони маъруфи олмонӣ Томас Лой хеле бузург аст. Ин иқдоми нек аз тарафи Департаменти масъалаҳои  Осиёи Марказӣ ва намояндагони Хадамоти мубодилаи академии Олмон (DAAD) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон собиқ роҳбари ин хадамот хонум Никола Фурингер ва муҳаққиқини Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумъаева Мусаддас дастгирӣ ва баргузор гардид. Азбаски курсҳои тобистона бо омӯхтани забон ва фарҳанги тоҷик равона шуда буд,  иштирокдорони ин курсҳо боздид аз наздик мамнӯъгоҳи таърихию фарҳангии «Қалъаи Ҳисор», «Корвонсарои Хиштин» ва «Мадрасаи куҳна»-ро тамошо кардаанд.

Баъди бозгашт ба пойтахти кишвар шаҳри Душанбе шоми ҳамон рӯз бо ҳамроҳии устодони забони тоҷикӣ ва узбекӣ дар донишгоҳи мазкур Барно Орипова, Шерзод Бурҳонов, устоди забони олмонӣ дар донишгоҳи миллӣ Зуҳроҷон Ғуломова ва бо донишҷӯёни курсҳои мактаби тобистона дар чойхонаи «Роҳат» пазирой шуданд. Онҳо аз шоҳкориҳои нақшу нигори

ин чойхона дидан карданд ва хело ба онҳо писанд омад. Мувофиқи барнома дар тӯли се ҳафта аз забонӣ тоҷикӣ гурӯҳҳо ба "пешрафта" ва "навомӯзон" ҷудо карда шуда буданд. Устодони Донишгоҳи Ҳумболдт Барно Орипова, Шерзод Бурҳонов ва устоди Донишгоҳи миллӣ Ғуломова Зуҳро аз рӯйи китоби "Грамматикаи забони тоҷикӣ", ки муаллифи ин китоб тоҷикшиноси шинохтаи олмонӣ Лутс Жехак мебошад, дарс хонданд. Кушодашавии расмии "Курсҳои тобистона" дар Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо баргузор гардид. Директори Институт номзади илмҳои сиёсатшиносӣ Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо ташрифи меҳмононро хайра мақдам гуфта, аз сохтори Институт ва шуъбаҳои он нақл карданд. Мудири шуъбаи Аврупо ва Амрико доктори илмҳои таърих профессор Санавбарбону Воҳидова дар сухани ифтитоҳӣ, аз таърихи ҳамкориҳои Тоҷикистону Олмон, ва таърихи ташрифи олимони олмонӣ дар Тоҷикистон маърӯза карданд. Ногуфта намонад, ки дар охири ҳафта як нафар профессор дар мавзӯъҳои мухталиф дарс мегуфтанд, амсоли доктори илмҳои педагогӣ Хайрулло Сайфуллоев дар мавзӯи "Таърих ва сиёсати Тоҷикистон" лексия ба забони олмонӣ гузарониданд. Маърӯзаи доктори илмҳои таърих Камолиддин Абдуллоев дар мавзӯи "Муқаддимаи таърихи муосири Тоҷикистон", лексияи ноиб-директори Институт Н.Амиров роҷеъ ба "Иҷтисодиёти Тоҷикистон" ва маърузаи мудири шуъбаи Аврупо ва Амрико, профессор Санавбарбону Воҳидова дар мавзӯъи "Шоҳномашиносӣ дар Тоҷикистон ва Аврупо" бо забони олмонӣ шунида шуд. Аввалан, банда иштирокдорони курсҳоро бо таърихи маркази ганҷинаи осори хаттӣ шинос кардам, баъдан порчаҳо аз филмномаи Б. Кимёгаров "Рустам ва Суҳроб"-ро намоиш додам ва ин порчаҳоро ба олмонӣ тарҷума карда аз таърихи шинохти "Шоҳнома" дар Тоҷикистон ва тарҷумаҳои "Шоҳнома" дар мусташрикини

Аврупо суҳбат кардам, ки ба донишҷӯёни олмонӣ писанд омад.

Қобили зикр аст, ки донишҷӯёни олмонӣ, сафари шаҳри Панҷакент доштанд, боздид аз осорхонаи Панҷакент аз ҳавзаи таърихии "Саразм" ҷашнвораи "Лаззати Панҷакент" ва "Ҳафткӯл" доштанд. Дар ин сафар саҳми Зуҳро Ғуломова ва Кайхусрави Субҳонзод ба сифати мутарҷим ва ёрдамчӣ назаррас буд.

Ба ғайр аз ин донишомӯзони "Курсҳои тобистона" аз "Осорхонаи милли Ҷумҳурии Тоҷикистон," "Ҳазрати Мавлоно Яъкуби Чархӣ" "китобхонаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Индира Гандӣ", "Маркази Исмоилия", осорхонаи бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ ҶТ дидан карданд. Қобили зикр аст, ки устоди забони олмонӣ дар донишгоҳи Тоҷикистону Россия (славянӣ) Нафасшо Шозедов, намоиши театркунонидашудаи донишҷӯён, роҷеъ ба мавзӯъи "Тӯйи тоҷикӣ-ро дидан карданд, ки хело олӣ буд. Донишҷӯёни олмонӣ аз наздик дар як оилаи тоҷик "пӯхтани Оши палав" ва "пӯхтани нон-ро" омӯхтанд. Аз дастовардҳои "Мактаби калонсолон"-и Вазорати шуғли аҳолии ҶТ, муаррифии ҳунарҳои мардумӣ атласбофӣ, адрасбофӣ, қолинбофӣ ва барои онҳо аз ҳунар ва фарҳангӣ тоҷикон аз наздик ошно шуданд.

Донишҷӯён рӯзҳои охир аз забонӣ тоҷикӣ имтиҳон супориданд ба онҳо шаҳодатномаҳо супорида шуд. Азбаски 3-октябр рӯзи "Ваҳдати Олмониён" буд, мо ҳамаи гурӯҳро Сафири фавқуллода ва мухтори Олмон дар Тоҷикистон ҷаноби Найтҳарт Ҳофер-Визинг ба Сафорати Олмон даъват карданд.

Гимни Тоҷикистон ва Олмон ба тариқи зинда шунида шуд. Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Неъматулло Ҳикматуллозода аз ҳамкориҳои байни Тоҷикистон ва Олмон суханронӣ карданд. Сафири Олмон

ҷаноби Найтҳарт Ҳофер-Визинг аз дастовардҳои Олмон дар тӯли “Ваҳдати Олмониён” аз технологияи наву навтарин аз табиату наботот дар монитор дидан кардем, ки ин ҳам барои ҳозирин ҷолиб буд.

Рӯзи дигар, донишҷӯёни “курсҳои тобистона” бо як олам таассурот ба Ватани хеш баргаштанд.

**Нозим НУРЗОДА**
*фарҳангшинос*

## ФАРҲАНГИ МАРДУМӢ – БОЗТОБИ ҲУВИЯТИ ҲУНАРӢ

Аз бозе ки инсон худро дар баробари ҳастӣ ва мушкилоти рӯзмарраи зиндагӣ шинохт, бо фарҳанг сари кор гирифт ва онро ба сифати ҳастаи муносибатҳо ва меъёри шинохти табиат, ҷамъият ва кайҳон пазируфт. Зимнан, агар инсон дар муҳити биологӣ ба арсаи вуҷуд қадам ниҳода бошад, бо фарҳанг ба фазои сохтану офариш ворид гардид ва олами пешорӯйи худро аз нав тавлиду бозсозӣ кард. Бар ин мазмун, фарҳанг маҷмӯаи дастовардҳои моддию маънавии инсон дар тӯли таърих аст ва раванди таъсироти мақсаднок ва ҳадафманди инсон ва ҷомеаи инсониро ба табиат дар идомати ҳастӣ талаққӣ мекунад. Аз ин ҷост, ки комплекси илму донишҳо, бинишу ҷаҳонфаҳмиҳо, фаросату фазилатҳо, ибтикороту ташаббусҳо ва иқдомоту роҳкорҳои инсонӣ, ки бар таҳаввулоту тараққиёт сабаб мегарданд, фарҳанг номида мешаванд.

Фарҳанг дар ҳар шакле баёнгари ҳунари созандагӣ ва офаринандагии инсон аст. Инсон, бо истифодаи имконоти зеҳнӣ, фикрӣ, ақлонӣ, ҷисмонӣ ва иродавии худ даст ба иқдоме мезанад, ки на танҳо барои худ, балки барои дигарон

ҳам манфиат меоварад ва рӯҳи манфиатоварӣ ва манфиатбахшӣ меҳвари кори фарҳангиро ташкил медиҳад. Кори фикрӣ ва амали дастӣ, ки аввалӣ, ба василаи ба кор андохтани дастгоҳи мағзӣ-зеҳнӣ ва дигарӣ, тавассути фаъолсозии механизми ҷисмонӣ-баданӣ имконпазир мегарданд, тайи асрҳои тӯлонӣ ҷисму рӯҳи инсонро тамрин дода, фарҳанги моддию маънавиро асос гузоштаанд. Бар мабнои шинохти ҳувият ва фарогирии аносири фарҳангӣ инсоният аз қадимтарин замонҳо ба эҷоду офариниш даст зад, то ки мушкили худ ва дигаронро осон намояд. Аз ҷониби дигар, тавассути эҷод ва офаридани ашёи моддӣ ва осори маънавӣ қишрҳои фикрӣ ва ҳунармандӣ халои фикрӣ, маданӣ, ҳунарӣ ва иҷтимоиро, ки боиси ташаннуҷи бӯҳронҳои гуногуни маишӣ мегардид, бартараф карда, авзоро як навъ муътадил менамуданд. Дигар ин ки аз роҳи сохтану пардохтан ва тавлид намудан барои наслҳои баъдӣ мероси арзишманди ҳунарӣ боқӣ гузоштаанд, ки дар сафаҳоти таърихи миллию мардумӣ абадан сабт гардидаанд.

Табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ, махсусан косибону ҳанармандон, ки аз тариқи кори дастӣ нон мехӯрданд ва рӯзгор мебурданд, дар раддабандии иҷтимоӣ ҷойгоҳи вижа доштанд. Онҳо бо ҳунари дастӣ ва дасткориҳои беназири худ миёни мардум маъруфият пайдо кардаанд ва касбу ҳунарашон аз насл ба насл гузашта, он асолати ҳунарӣ то имрӯз ҳалқаҳои фарҳанги мардумиро мустаҳкам нигоҳ доштааст. Мусаллам аст, ки раванди ҷаҳонишавӣ солҳо боз бо суръати кайҳонӣ вориди тамаддуни миллию мардумӣ шуда, баданаҳои иҷтимоиро, ки бар мабнои фарҳанги бумӣ шакл гирифтаанд, сусту заиф сохта истодааст, вале ҳунарҳои мардумӣ ба унвони муҳаррики ҷомеаи миллӣ аз кор намонда, бо қуввати табиӣ механизмҳои ҷисмию равониро дар ҳаракат медарорад. Файласуфи шаҳири олмонӣ  Фридрих Ница ба ин ҷавҳари

зиндагӣ (ҳунар) арҷ гузошта гуфта буд: «Ҳунар бузургтарин муҳаррики зиндагӣ аст». То замоне ки ин муҳаррик фаъол аст, имкони сиҳату солим бадар омадан аз лобалои хатарҳои гуногуни имрӯзӣ, ки ҳамарӯза инсонро дунболагирӣ мекунанд, даст медиҳад.

Фарҳанги мардумӣ, ки дар осори ҳунарӣ ва дасткориҳои табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ, хоссатан, косибону ҳунармандони халқӣ инъикос ёфтааст, таҷассумгари рӯҳи миллию мардумӣ дар таърихи ватанӣ ба шумор меравад. Муҳимтар аз ҳама, ҳунарҳои дастӣ, ки аз сиришти ҳунарӣ, диди хос, табъи нозук, нафосати эҷод, фаросати баланд ва ҷаззобияти касбӣ шаҳодат медиҳанд, ҷанбаи ҳувиятӣ доранд. Аз ин ҷост, ки ҳунарҳои мардумӣ читгарӣ, заргарӣ, зардӯзӣ, қолинбофӣ, адрасбофӣ, дуредгарӣ, кандакорӣ, мисгарӣ, оҳангудозӣ ва амсоли инҳо, ки собиқаи тӯлонии таърихӣ дошта, тавассути пиру мурид, устоду шогирд аз насл ба насл гузашта, беосеб то замони мо омада расидаанд, аз мушаххасоти ҳувиятии мардуми тоҷик ҳисобида мешаванд. Ба сухани дигар, ҳунармандӣ аломат ва нишонаи сириштӣ ва зотии мардуми тоҷик мебошад ва дар баробари асолатҳои дигари миллӣ, аз рӯйи ин аломат ҳам сатҳи зеҳниёт(ментальность) ва ҳувият(идентичность) санҷида мешавад. Ҳунарманди мардумӣ ҳангоми офаридан дар як ҷараён ё ба истилоҳ, протсесси мушкили эҷодӣ қарор мегирад ва талошу заҳматҳои пайдарпай ва мутавотири ӯ бор меоваранд.

Ҳамин тариқ, ҷараёни сохтану офаридан, чи аз лиҳози назарӣ ва чи аз ҷиҳати амалӣ содаву осон нест. Тамаркуз додани зеҳн, дар зеҳн парвариш додани тарҳҳои ҳунарӣ, дар хотир нигаҳ доштан ва пасон, дар коргоҳи ҳунарӣ дар шакли амалӣ офаридани ашё мароҳили раванди эҷодиест, ки як ҳунарманди мардумӣ аз миёни он убур мекунад ва ба мақсад

мерасад. Акнун тасаввур кунед, ки як ҳунарманди мардумӣ (аз содатарин анвои ҳунарӣ шурӯъ карда, то ба навъҳои мушкили он – заргарӣ, читгарӣ, намадбофӣ, қолинбофӣ, адрасбофӣ, зардӯзӣ, мисгарӣ, оҳангарӣ, кандакорӣ, наҷҷорӣ, гаҷкорӣ, таббохӣ ва монанди инҳо) барои сохтану офаридани ашё чӣ мароҳили мушкилро пушти сар мекунад ва чӣ машаққатеро аз сар мегузаронад? Ҳар кӣ дар коргоҳи эҷодӣ ва ҳунарии ҳунармандону косибони миллию мардумӣ будааст, хуб медонад, ки онҳо бо чӣ мушкилоте даргиранд. Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» аз баъзе ҳунарҳои мардумӣ ёдовар мешавад ва лаҳзаҳоеро аз ҷараёни кори косибону ҳунармандони мардумӣ ва барои намуна, омода кардани ин ё он навъи мураббо манзури хонанда мекунад. Азбаски падари устод Сайидмуродхоҷа косиб ва ҳунарманд буд, Айнии хурдсол аз синни наврасӣ бо коргоҳи падар ошноӣ пайдо карда, дар ҷараёни сохтусози ашё қарор гирифта буд. Аз ҷониби дигар, устод Айнӣ бо дақиқбинӣ, мушоҳидакорӣ ва фаросати тамом тавонистааст мушаххасоти ҳунари як идда косибони замонро мавриди тасвир қарор бидиҳад. Ин аст, ки устод дар тасвири косибони замон ва ҳунари онон дасти тамом доштааст(бо даст додани фурсат дар ин маврид мақола хоҳем навишт).

Ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла гаҷкорӣ, зардӯзӣ, зардеворӣ, бардеворӣ, гулдӯзӣ, даспонасозӣ, заргарӣ, гулдӯзӣ таърихи куҳан дошта, бозгӯкунандаи ҳаёти ороишӣ-тасвирӣ ва дар маҷмӯъ, зиндагии маишӣ-мадании халқи тоҷик мебошанд. Мардону занони тоҷик аз қадимтарин замонҳо, новобаста аз шароит ва вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ба саноеи ороишӣ-амалӣ машғул шуда, на танҳо рӯзгори худро таъмин карданд, балки ҷузъи муҳимми фарҳанги мардумиро ҳифз ва умри касбу ҳунарҳои миллиро дароз намуданд.

Аз таърих медонем, ки дар замонҳои гузашта дар бозорҳо ба маҳсулоти косибони маҳаллию хориҷӣ растаҳо ихтисос дода мешуд ва муштариёну харидорон ашёи зарурии худро аз

растаҳои махсусгардонидашуда пайдо ва харидорӣ менамуданд. Ин суннат ва анъана то имрӯз аз байн нарафтааст ва дар бозорҳои деҳоту музофот ба назар мерасад. Имрӯз ҳам, хушбахтона, касбу ҳунарҳои мардумӣ дар манотиқи гуногуни қаламрави ҷумҳурӣ арзи ҳастӣ карда, аз насл ба насл мегузаранд. Маҳсулоти ҳунари дастии косибону ҳунармандони маҳаллӣ ва шаҳриро дар бозорҳои шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ метавон мушоҳида кард. Махсусан, дар баъзе бозорҳои марказии шаҳру навоҳӣ (аз ҷумла дар бозори марказии шаҳри Истаравшани вилояти Суғд) растаҳои алоҳидаи косибони маҳаллӣ вуҷуд доранд ва мардум маводи мавриди писандашро бо нархи дилхоҳ харидорӣ мекунад. Мутаассифона, дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳунарҳои дастӣ ва ороишӣ-амалӣ фаъол нестанд ва сохторҳои марбутаи расмӣ дар эҳёи суннату анъаноти миллию мардумӣ камфаъоланд. Маҳз камфаъолиятӣ ва фориғболӣ дар ин замина давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор сохт, ки тасмимоти ҷиддие рӯйи даст бигирад ва соли 2018-ро ба унвони Соли рушди сайёҳӣ ва фарҳанги мардумӣ эълом дорад.

Ростӣ, сайёҳӣ ва фарҳанги мардумӣ то ҷое ба ҳам тавъаманд. Ба ин далел, ки гардишгарон ва сайёҳони хориҷӣ бештар ба суннат ва анъаноти мардумӣ таваҷҷуҳ доранд ва ҳангоми сафар, ғолибан ба самти ҳунарҳои мардумӣ ва фарҳанги миллӣ мутаваҷҷеҳ мешаванд, то бо таассуроти хубе мамлакати моро тарк кунанд. Гузашта аз ин, харидорӣ кардани тухфаҳои махсус(сувенир) аз ҷониби гардишгарони хориҷӣ, ки дар бисёр мавридҳо аз ҳисоби молу колои ҳунармандони мардумӣ иттифоқ меафтад, воситаи хуби муаррифии фарҳанги миллӣ дар миқёси минтақавӣ ва байналмилалӣ аст. Ба ҳар сурат, фарҳанги гардишгарӣ ҳамин чизро тақозо мекунад, бинобар ин, дастандаркорони самтро зарур аст, ки дар бозорҳои марказӣ ва маҳаллӣ растаҳои

махсуси молу колои дастӣ ва амалӣ-ороишӣ ташкил дода, ба ин васила фазои нокомили бозориро бо маҳсулоти косибону ҳунармандони маҳаллию миллӣ комил созанд.

Воқеан, тарғибу ташвиқи ҳунарҳои мардумӣ кори дастаҷамъона аст. Онро наметавон кори як ниҳод донист, зеро ки фарҳанги мардумӣ ба мардум иртиботи бевосита дорад ва вуҷуду ҳастӣ ва идомати зиндагии миллиро аз оғоз то имрӯз дар худ инсиҷом бахшидааст. Ба таври куллӣ, фарҳанги мардумӣ бозтоби ҳувияти ҳунарии халқи тоҷик аст ва ҳифзи ин ҳувият рисолати таърихӣ, маданӣ, иҷтимоӣ ва инсонии мост.

**Мадумаров ЯҚУБҶОН**
*ходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо*

## ТОҶИКИСТОН МЕТАВОНАД МАРКАЗИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРОНИ ТУРКӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ ШАВАД

Туркия кишварест, ки яке аз аввалинҳо шуда Истиқлоли Тоҷикистонро эътироф кард, дар муддати 27 сол бо таваҷҷуҳи зиёд пешрафти онро пайгирӣ менамояд.  Дар натиҷаи рушди босуботи макроиқтисодӣ дар ҳарду кишвар тиҷорат ва имкониятҳои сармоягузорӣ боло рафта истодааст. Аъзогии Тоҷикистон дар Ташкилоти Умумиҷаҳонии Савдо (ТУС) муносибатҳои тиҷоратиро озод намуда, онро боз ҳам шаффоф кардааст.

Имрӯз Туркия дар байни кишварҳое, ки ба Тоҷикистон содирот мекунанд, ҷойи якум ва аз рӯйи воридоти мол дар байни дигар кишварҳо дар ҷойи чорум меистад. Туркия яке аз ширкаткунандагони асосӣ дар савдои хориҷаи Тоҷикистон мебошад. Дар соли 2017 содироти ҶТ 233226,9 млн. доллари ИМА, воридот бошад – 1053368,7 млн. доллари ИМАро ташкил намуд.

Вобаста ба ин барои дастгирии бахши хусусӣ мо бояд ҳамкориро идома дода, имкониятҳои корни дуҷонибаро баррасӣ кунем ва муҳити тиҷоратиро васеъ намоем.

Қадами дигаре, ки дар робитаҳо ва рушди савдо дар минтақа нақши калон мебозад, ин амали намудани Созишномаи савдои имтиёзнок мебошад, Тоҷикистон бо 7.8 млрд.доллари ИМА ҳаҷми ММД ва сатҳи пасти тавarруму

захираҳои бойи табиӣ метавонад барои сармоягузорони туркӣ ҷалбкунанда бошад.

Бо роҳи амалӣ намудани сармоягузории якҷоя Туркия метавонад ба Тоҷикистон таҷриба ва технологияеро, ки дар соҳаҳои гуногун аз худ кардааст, пешниҳод кунад. Аз ҷумла, технологияи муосир дар соҳаҳои автомобилсозӣ, телекоммуникатсия, истеҳсоли молҳои истеъмолии истифодаи дарозмуддат, бофандагӣ, электроника, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, саноати ҳарбӣ, соҳаи фармасевтика, дорусозӣ ва ғайраро метавонад дар корхонаҳои муштарак роҳандозӣ кард.

Чорабиниҳои иқтисодӣ дар ҳарду кишвар аз он шаҳодат медиҳад, ки имкониятҳои онҳо хеле васеъ аст. Роҳе, ки имрӯз бояд ҳарду ҷониб тай кунанд ин ба роҳ мондани муносибатҳои нави муштарак, пешбурди ҳамкориҳои дуҷониба ва амалӣ намудани имкониятҳои ҷойдошта дар лоиҳаҳои мушаххас мебошад.

Байни Туркия ва Тоҷикистон арзишҳои умумӣ мавҷуданд. Яке аз онҳо осори шоир ва мутафаккири бузург Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ аст, ки саршори андешаҳои сулҳпарвариву таҳаммулгароӣ мебошад. Ҳар ду кишвар дорои анъанаҳои умумии таърихӣ, ҳамдигарфаҳмии умумии динӣ, ирфонӣ мебошанд, ки ин имконияти ҳусни тафаҳумро эҷод мекунад. Чунон ки зикр шуд, Туркия яке аз аввалин кишварҳое буд, ки Истиқлоли Тоҷикистонро эътироф кард, сафоратхонаи худро дар Душанбе кушод ва бе танаффус муносибатҳои дипломатии дуҷонибаи худро давом дода истодааст. Ин ба он оварда расонд, ки муносибатҳои дуҷониба ва бародаронаи ду ҷониб боз ҳам қавитар гашта, ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Туркия дар платформаи бисёрҷониба рушд мекунанд. Дар шӯрои соҳибкорӣ DEIK Туркия ва Тоҷикистон саъю талоши худро барои мустаҳкам намудани муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва боло бурдани сармоягузории

мутақобилан судманд равона сохтааст. Бовар дорем, ки дар Осиёи Марказӣ Тоҷикистон метавонад ҳамчун маркази ҷалбкунандаи сармоягузорони туркӣ бошад. Махсусан, баъди ба аъзогии ТУС қабул кардани Тоҷикистон дар моҳи марти соли 2013 муносибатҳои тиҷоратӣ шаффофтар гардидаанд.

Дар баробари ин, ба ғайр аз дӯстӣ дар муносибатҳои сиёсӣ, мо имкониятҳои хуби инфрасохторӣ барои рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Туркияро ҳастем. Барои ҳамин намояндагони доираҳои тиҷоратии Туркия ва Тоҷикистон муроҷиат шуд, ки ҳарчи зудтар ҳаҷми гардиши молро байни ду кишвар боло бурда, онро то 1 млрд. доллари ИМА расонанд ва ба ҷаҳониён исбот кунанд, ки ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия дар соҳаи савдо бренди ҷаҳонӣ мебошад.

Барои ҳамин, мо бояд имкониятҳои ҷойдоштаро оқилона истифода барем. Дар ҳамкориҳои дуҷониба диққати махсусро бояд ба рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ, об, саноати истихроҷи маъдан ва энергетика равона созем. Ҳам барои Туркия ва ҳам барои Тоҷикистон амалӣ намудани лоиҳаи "Як насл - як роҳ", ки ба эҳёи Роҳи бузурги абрешим равона карда шудааст ва аз ҷониби ҶХХ соли 2013 пешниҳод гардидааст, хеле муҳим мебошад. Бе шакку шубҳа метавон гуфт, ки Тоҷикистон яке аз иштирокчиёни муҳими ин лоиҳа мегардад, ки баҳрҳои Каспий, Сиёҳ ва Миёназаминро бо ҳам пайваст намуда ва ҳамзамон ҳамгироии иқтисодиии глобалии Осиёи Миёнаро таъмин менамояд. Дар панҷсолаи охир ҳаҷми савдои дуҷониба ба сатҳи баланд расида, дар соли 2013 он ба 655 млн. доллари ИМА баробар буд. Ба он нигоҳ накарда, ки дар давраи мазкур ҳаҷми савдои Тоҷикистон ва Туркия дар ҷои чорум буд, дар соли 2016 ҳаҷми умумии савдои дуҷониба то 313.9 паст шуд. Дар соли 2017 баъд аз се соли тиҷорат ҳаҷми савдо ба 12, 75% зиёд гашта, дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2016 354 млн.доллари ИМАро ташкил дод. Пастшавии ҳаҷми

умумии савдо бо Тоҷикистон бо тағийротҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ алоқаманд мебошанд, ки соли 2014 ба вуқӯъ омаданд. Ин тағийротҳо ҳамчунин таъсири худро дар савдои дуҷониба бо Туркия расониданд.

Бо дарназардошти динамикаи тиҷорати дуҷониба метавон қайд кард, ки иқтисодиёти Тоҷикистон ва Туркия метавонад имконияхтҳои дуҷонибаи худро барои боло бурдани ҳаҷми савдои умумӣ истифода барад.

Молҳое, ки дар соли 2017 аз Туркия ба Тоҷикистон ворид шудаанд асосан дастмолҳои гигиенӣ, уребчаҳои кӯдакона, маҳсулоти заргарӣ, гӯшти паранда ва воситаҳои муҳаррики нақлёт будаанд. Таҳқиқи маҳсулотҳое, ки аз Туркия бисёртар ворид мешаванд нишон дод, ки онҳо асосан молҳои ниёзи мардум ва масолеҳи сохтмони мебошанд. Дар ҳақиқат 51 % содироти Туркия ба Тоҷикистонро дар соли 2017 маҳсулоти ниҳоии истеъмолӣ ташкил дода, танҳо 40 % ба маҳсулотҳои фосилавӣ рост меояд.

Дар рушди ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи Туркияву Тоҷикистон саҳми Агентии Туркия оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ TIKA хеле калон аст. Агентӣ, ки намояндаи расмии агентии Туркия оид ба ҳамкориҳои техникӣ ва рушд мебошад. Чун 25 декабри соли 1991 ИҶШС барҳам хӯрд ва ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Қавқоз мустақилият ба даст оварданд, Туркия аввалин шуда мустақилияти ин ҷумҳуриҳоро эътироф кард. Бо тақозои замон ташкилоте зарур буд, ки ба ҳамоҳангсозӣ, амалисозӣ ва афзалиятҳои сиёсати хориҷии Туркия дар минтақа фаъолият дошта бошад. Бо ҳамин мақсад соли 1992 Раёсати агентии Туркия оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ созмон дода шуд.

TIKA лоиҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар кишварҳои рушдкунанда амалӣ менамояд. Ва пеш аз ҳама дар кишварҳое, ки аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба Туркия

наздик мебошад, таҷрибаҳои худро дар нуқтаҳои гуногуни ҷуғрофиии минтақа амалӣ менамояд. Фаъолияти TIKA тамоми соҳаҳои ҷамъиятро дар бар мегирад - (маориф, тандурустӣ, манзил, саломатии модар ва кӯдак, чорводорӣ, хоҷагии қишлоқ, нақлет, туризм, обтаъминкунӣ ва ғ.).Тахти шиори Адолат барои ҳама, озодӣ барои ҳама, ободии ҷаҳон амал намуда, TIKA дар тамоми ҷаҳон, аз ҷумла дар минтақаҳои аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ ва таърихию фарҳангӣ ба мо наздик лоиҳаҳои худро дар асоси ҳамкориҳо амалӣ месозад. Ҳангоми дастгирӣ бо мақсади рушд ва ёрии башардӯстона TIKA ба таҷрибаи худ такя намуда, муносибати наверо амалӣ менамояд, ки он модели рушди навъи туркӣ ном дорад. Ин муносибат асосан дар асоси хоксорӣ, эмпатия дар муносибат бо ҳамкорон, шаффофияти идоравӣ ва якдигарфаҳмӣ амалӣ мешавад. Дар лоиҳаҳое, ки имрӯз TIKA дар Тоҷикистон амалӣ менамояд, он пеш аз ҳама афзалият, зарурат ва мақсади рушди Тоҷикистонро ба назар мегирад. Дар ин замина, фаъолияти TIKA дар Тоҷикистон васеъ гашта, пеш аз ҳама дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, хоҷагии қишлоқ, туризм, табъу нашр, мубориза бо бекорӣ, омӯзиши касбӣ, рушди имкониятҳои институтсионалӣ ва ёрии башардӯстона равона шудааст. Дар ин давра муносибатҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ босуръат рушд мекунад.

TIKA яке аз фаъолтарин ташкилотҳои оид ба ёрии техникӣ дар Тоҷикистон мебошад ва чорабиниҳои гуногунро дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, хоҷагии қишлоқ, туризм, савдо ва идоракунии давлатӣ мегузаронад.

Ҳамчун мисол якчанд лоиҳаҳоеро, ки аз ҷониби TIKA дар Тоҷикистон амалӣ шудааст, метавон мисол овард. Таъмир ва ҷиҳозонидани шуъбаи онкологияи кудаконаи беморхонаи ш.Душанбе (дар соҳаи тандурустӣ), сохтмон ва ҷиҳозониданӣ

бинои иловагӣ дар мактаби № 4, ноҳияи Данғара (дар соҳаи маориф), устохонаи кафшергарие, ки дар Маркази омӯзиши касбӣ барои калонсолон дар ш.Душанбе сохта шудааст (дар соҳаи омӯзиши касбӣ), таҳвили таҷҳизот барои синфхонаи туркӣ дар Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ.

Хулоса, муносибатҳои Туркияву Тоҷикистон дар марҳалаи рушд қарор дошта, дар он на танҳо манфиатҳои иқтисодӣ, балки масъалаҳои фарҳангӣ низ нақши асосиро мебозанд. Барои иқтисодиёти Тоҷикистон, ки рушди рӯзафзуну босубот дорад, муносибатҳои тиҷорӣ ва умуман ҳамкориҳои иқтисодӣ метавонанд муфиду созанда воқеъ гарданд. Махсусан, ҳамкориҳо дар соҳаи воридоти технологияи наву замонавӣ барои тараққиёти саноат дар Тоҷикистон дорои имкониятҳои васеъ мебошад. Ҳамчунин дар соҳаи нисбатан нав, вале босуръат рушдкунандаи Тоҷикистон туризм низ густариши ҳамкориҳо бо Туркия манфиатбахш аст. Омӯзиши таҷрибаи Туркия дар ин самт бисёр муҳим буда ба рушди соҳаи туризм мусоидат менамояд.

Адабиёт

1) Рӯзномаи Туркия: 29 Ekim Cd. No: 3 Vizyon Park 1. Plaza Ofis 41 Yenobosna – Istanbul /Turkey.
2) История таджикско - турецкого сотрудничества: http://www.dissercat.com/content/istoriya-tadzhiksko-turetskogo-sotrudnichestva.
3) Таджикистан–Турция: по пути дружбы и сотрудничества: http://www.tajik-gateway.org/wp/?p=4329&upm_export=pdf
4) https://www.tourprom.ru/news/37909/

**Ниёзова МАҲИНА**
*ходими илмии шуъбаи фолклори*
*Институти забон ва адабиёти ба номи*
*Рӯдакии АИҶТ*

## НАҚЛУ РИВОЯТҲОИ МАРДУМӢ ДАР БОРАИ КӮҲИ «ЧИЛДУХТАРОН»

Ривоят ҳамчун маъмултарин жанри эҷодиёти бадеии шифоҳии мардумӣ буда, аз ҷиҳати пайдоиш ба давраҳои мухталифи таърихи мансуб аст. Он бо вижагиҳои худ ба ҳайси яке аз анвои насрии адабиёти шифоҳӣ шинохта мешавад. Теъдоди зиёди ривоятҳо ба замонҳои хеле қадим реша меандозанд ва аз ҳамон даварахо то ба имрӯз аз наслҳо ба наслҳо интиқол ёфта, мавҷудияти худро то имрӯз ба ҳайси як сарвати пурарзиши маънавию фарҳангӣ ҳифз карда омадаанд.

Ривоятҳо як навъ ҳикояҳои шифоҳии халқианд, ки бештар дар асоси шарҳу эзоҳи этимологии калимаҳо ва тавзеҳу тафсири пиндоштҳо, тасаввурот ва нуқтаи назари мардум дар бораи шаҳрҳо, деҳаҳо, маҳаллаву гузарҳо, ёдгориҳои қадима, мазору зиёратгоҳҳо, ва дигар рӯйдодҳои табиат ва ҷамъият гуфта шудаанд. Бисёр ривоятҳо аз ҷиҳати сохт, тарзи тасвир, шеваи баёни воқеа, мавзӯъ, образ ва истифодаи санъатҳои бадеӣ ба жанри нақл низ хеле наздиканд. Бинобар ин гӯяндагони халқӣ ба ҷои калимаи «ривоят» гоҳо истилоҳи «нақл»-ро низ ба кор мебаранд. Гоҳи дигар ҳам калимаи «ривоят» ва ҳам истилоҳи «нақл» якҷоя омада, барои ифодаи як мақсад ва адои як вазифа мусоидат менамоянд.

Дар бораи вижагиҳои ҷудогонаи бархе аз гурӯҳи ривоятҳо донишмандони тоҷик чун устод Садриддин Айнӣ, Абдулғанӣ

Мирзоев, Носирҷон Маъсумӣ, Раҷаб Амонов, Воҳид Асрорӣ, Бозори Тилавзод, Баҳром Шермуҳаммадов, Нисормуҳаммад Шакармуҳаммадов, Равшани Раҳмонӣ, Дилшод Раҳимов, Додоҷон Обидов ва дигарон ибрози ақида намудаанд. Вале мо тавассути мақолаи мазкур лозим донистем, ки бо истифода аз маводи Фонди фолклори тоҷик дар бораи вариантҳои ривояти «Чилдухтарон», ки ба гурӯҳи ривоятҳои тасмиявӣ тааллуқ дорад, ақидаи хешро иброз дошта бошем.

Ривоятҳои тасмиявӣ, ривоятҳоеанд, ки бо номи ҷуғрофии ин ё он маҳал вобастаанд. Хусусияти ин қабил ривоятҳо аз он иборат аст, ки дар онҳо тасаввурот, ақида ва нуқтаи назари одамон дар бораи сабабҳои бо ин ё он ном шуҳрат пайдо кардани шаҳр, мавзеъ, кӯҳ, дарё, қалъа, ҳавз ё чашма ва ғайра ифода мегардад. Мардум дар бораи тасмияи ҳар як маҳал, мавзеъ ва ё кӯҳу дарёҳо ва амсоли инҳо ақидаи худро доранд ва сабаби ин ҳодисаҳоро аз дидгоҳ ва мутобиқи донишу фаҳмиши худ тафсиру эзоҳ медиҳанд.

Дар Тоҷикистон ҷойҳои муқаддас, мазорҳо ва сангу кӯҳҳои парастиданӣ хеле зиёданд, ки яке аз онҳо кӯҳи «Чилдухтарон» ба ҳисоб меравад. Дар миёни халқи тоҷик ривоятҳо дар бораи кӯҳи «Чилдухтарон» ба таври васеъ густариш ёфтаанд. Суоле ба миён меояд, ки чаро ривоят бо номи «Чилдухтарон» миёни мардум густариш ёфтааст? Ва ё чаро духтарон ба санг мубаддал мегарданд? Чаро халқ дар эҷоди ин ривоят аз рақами «чил» истифода намудааст? Ва чаро халқ барои ифодаи мақсади худ аз ин ҷисми сахт, яъне санг ва рақами чил истифода намудааст?

Барои посух ба ин саволҳо дар мақола ба муҳтавои якчанд вариантҳои ривояти «Чилдухтарон» муроҷиат намуда кӯшиш менамоем, то тавониста бошем ба ин саволҳо ҷавоб диҳем.

Яке аз маъмултарин кӯҳ бо номи «Чилдухтарон» воқеъ дар ноҳияи Муъминободи вилояти хатлон буда, дар бораи ин кӯҳ

мардуми тамоми манотиқи Тоҷикистон нақлу ривоятҳо медонанд ва аз мавқеи ҷойгиршавии он хабар доранд. Вале бо чунин ном қариб дар тамоми манотиқи кишвар кӯҳе ё мазоре вуҷуд дорад, ки ба ғайр аз бошандагони ҳамон минтақа дар бораи онҳо, дигарон маълумоте надоранд. Ва мо тавассути ин мақола тасмим гирифтем, то дар бораи якчанд вариантҳои ривояти «Чилдухтарон», ки имрӯз ба он дастарсӣ дорем, маълумоте дода бошем. Бояд қайд намоям, ки муҳтавои ҳамаи нақлу ривоятҳои «Чилдухтарон» як буда, онҳо аз ҳамдигар бо дарбарагирии мотиву эпизод ва лаҳзаҳову иштироккунандагонаш аз ҳамдигар тафовутҳое доранд. Масалан, мардуми деҳаи Шехаки ноҳияи Ҳисор бар он ақидаанд, ки одамони давраи пеш назаркарда будаанд; яъне агар ба ягон мушкилӣ дучор оянд, даст ба дуо бардошта, аз Худованд мадад металабиданд ва дуои онҳо мустаҷоб мегардид. Дар ривояте, ки мавриди таҳлил қарор мегирад, чил духтар аз сабаби ба дасти душман наафтодан дуо мекунанд, ки Худованд онҳоро ба санг мубаддал гардонад ва дуои онҳо қабул мешавад:

«Чилдухтарон дараи Оҷукдай. Даштаю кӯҳи баландай. Усуни кӯҳда «Таговтсрояй ».

Мо шунавидем, ки давраи қадимда душман ай думи духтаро рафтай. Баъд духтаро ай ҳар қишлоқ буромада дар ҳамун ҷо дуо кардиян, ки:

- Худоё худованди карим, мора санг кун, да дасти ҳамиҳо нағалтем. Баъд чил духтар санг шудиян.

Ай дур дидем, ки як маърака одам баринай. Дидагиҳо меган, ки да пешашон говараҳо мондагӣ. У даврада ҳама назаркарда буд. Худо оҳашона қабул мекард» .

Тавре муайян шуд, дар ривояти мазкур гӯянда мавзеи ҷойгиршавии кӯҳро муайян карда, аз қадимӣ будани ин воқеа маълумот медиҳад. Гӯянда хулосаи ривоятро ба он оварда мерасонад, ки «дидагиҳо меган», яъне ӯ худ ин мавзеъро

надидаасту аз каси дигаре шунидааст ва бар он ақидааст, ки дар ҳақиқат ин кӯҳ аз чил духтар иборат аст. Маълумоти ҷолиби дигари ривояти мазкур дар он аст, ки дар ин ривоят натанҳо духтарон санг шудаанд, инчунин бино ба гуфтаи гӯянда дар назди ин сангҳо гаҳвораи сангшуда низ вуҷуд доштааст. Яъне, ба ин гурӯҳи чилнафара на танҳо духтарон, балки занҳои кӯдакдор низ шомил будаанд.

Бинобар маълумоти ривояти зерин, баръакси ривояти аввала, дар ин ҷо 40 нафар духтари пок зиндагӣ мекард ва танҳо ҳамон чил духтар ба санг мубаддал гардидаанд.

«Назикии қишлоқи Тӯтк-ба Чилдухтарон гуфтагӣ ҷо ҳаст. Одамо ҳамин хел мегӯн, ки вахтои қадим-ба ак ким-гиҷо душмано омада, ҷанг кара Уроттеппая гирифта будиян. Сонӣ ҳаминҷа-ба чилта духтари пок будиян. Душмано одамоя танг кара ҳаминҷа-ба омадиян. Аҳвол, ки танг мешад, ҳамино нола кара гуфтиян, ки:

- То дасти душмано-ба афтидана муҳон ҳаминҷа-ба санг шавим!

Сонӣ ҳамошон бору бухчаҳошон сарошон-ба ҳамунҷая худаш-ба санг шуда мондиян» .

Ривояти баъдӣ низ варианти ривоятҳои боло буда, фақат лаҳзаҳо ва иштироккунандагони он каме дигар мебошанд. Тибқи муҳтавои ривояти мазкур духтарон аз чил нафар зиёдтар буда, ба сайругашти баҳорӣ баромадаанд. Ҳангоми ҳамлаи душман, якчанд нафари онҳо ҳамроҳи сангҳо ғелон шуда нобуд мешаванд ва танҳо чил нафарашон санг мешаванд. Дар ин ривоят низ мисли ривояти қаблӣ духтарон ба дасти душман намеафтанд ва дуо карда ба санг мубаддал мегарданд. Дар давоми ривоят маълумоти дигаре низ вуҷуд дорад, ки духтараке гурехта натавониста, дар сари роҳ доирае, ки дар даст дошт ба сари худ гирифта ба санг мубаддал мегардад ва роҳгузарон то имрӯз ҳангоми аз назди ӯ гузаштан, дар ҳаққаш

дуою фотиҳа мехонанд. Хусусияти дигари фарқкунандаи ин ривоят аз ривояти аввала дар он аст, ки ба бузургдошти ин чил духтари покдоман ҳоло ҳам мардуми ин минтақа дар фасли баҳор ҷашни Наврӯзро дар доманаи ин кӯҳ таҷлил менамоянд. Чизи ҷолиби дигари ин ривоят дар он аст, ки мардум ба хотири эътиқоде, ки нисбати ин кӯҳ доранд наварӯсонро дар рӯзи Наврӯз дар ҳамин ҷо фотиҳа намуда, барои арӯс бо номи «сарикӯҳӣ» ҳалво, мавиз, қанд, қандалот, рӯймол ва сару пойи нав мебаранд. Ақидаи ҷолиби дигаре, ки мардуми ин минтақа нисбат ба кӯҳи «Чилдухтарон» доранд, дар ҷашни Наврӯз, ки дар ин ҷой баргузор мегардад, фақат занону духтарон ва бачаҳои хурдсол ҳуқуқи иштирок карданро доранд. Яъне, мардон ба хотири ба духтарон номаҳрам буданашон, дар ҷашни ин минтақа иштирок намекунанд. Матни ривоят чунин аст:

«Духтарои қишлоқ як вақто сайлу суҳбатба баромадагӣ. Гул чинда, тамошо карда, гаштагӣ, ки як ҷамоа душман омадагӣ. Духтаро ҳеҷ гуҷо гурехта натавонистагӣ. Якчандтеша санг ғелонда куштагӣ, сонӣ ад духтароям чилтеш мемонад. Душмано қариб медорем, гуфтагӣ вахтба, духтаро худова нола кардагӣ, ки дасти инова афтондана, моҳона санг кун. Як кам чилташ санг мешуд. Яктеш ад дасти душман гурехтас, мобайни раҳи Ғазғону Нурато раҳашба дойраша дар сараш мондагию санг шавам гуфтагӣ. Ҳамун дойреш катӣ санг шуда мондагӣ. Ҳолиям одамо а пеши ҳаму санг мегузаштагӣ вахтба ҳурмат карда мегузаранд» .

Дар ривояти зерин, ки мавриди таҳлил қарор мегирад, мотивҳо фарқ мекунанд. Вале рақами чил ва ҳамон чил духтаре, ки покдомананду аз тарси ба дасти душман афтода, беобрӯ нашудан, даст ба дуо мебардоранд, як аст. Дар ин ривоят низ мисли ривояти боло гуфта мешавад, ки ин чил духтар рӯзи соли нав, яъне ҷашни Наврӯз дар ин ҷой ба рақсу

бозӣ машғул буданд. Вақте душман меояд, онҳо дуо мекунанд, ки ҳамин санг ба болои мо афтад. Дуои онҳо қабул шуда онҳо зери санги калоне мемонанд. Дар ин ривоят низ духтарон аз чил нафар иборатанд, вале онҳо ба санг мубаддал нашуда, балки зери санги калоне мемонанд. Ҷиҳати дигари ин қабил ривоятҳо дар он аст, ки мардум бовару эътиқоде, ки нисбат ба онҳо доранд, тавассути як каф дуо ва ба хотири нек ёдовар шудани он чил духтар баён месозанд.

«Аз қишлоқӣ Кулолӣ поёнтар таги роба як санги якка ҳаст. Ҷойи санга Бобои Валӣ мегӯн, худи санга, санги чилдухтарон. Ҳамунба мардум гоҳ-гоҳ рафта дуою фотиҳа мекунан. Барои он чилдухатрон мегӯн, ки як вахти гузаштаба рӯзи соли нав чил духтар ҳамунҷа бозию шодӣ карда истодагиба, як одам хабар дод, ки душман омад шумоҳонба. Инҳо дасти душманба наафтем гуфта, худоба илтиҷо мекунанд, ки ҳамин санг ба болои моҳон ғалтад. Санг гашта онҳо таги сангба мондагӣ. Баъд одамо мераван, ки санга майда карда мурдаҳоя гирем, ки санг ҳеҷ намеҷумад. И духтаро дар таги санг ҳолиям мондагиян. Номи ҳамон санга чилдухтарон мондиян» .

Гарчанде мақсади эҷоди ривояти зерин низ ҳамон боиффатӣ ва қавиирода будани занонро инъикос намояд, ҳамчунин маълумоте, ки дар ин ривоят пешниҳод шудааст, аз кадом қавм будани ҳамон душманон мебошад. Яъне, гӯянда бо боварии том тасдиқ менамояд, ки душманҳо аз қавми муғ буданду ба мусулмонҳо душманӣ мекарданд. Ҷиҳати фарққунандаи дигари ин ривоят низ дар он аст, ки касе агар дар рӯзи ҷуъма ба зиёрати ин макон равад бо худ чархи ресандагӣ мебарад. Чархи ресандагӣ ба фикри мо ин рамзи зан будани ҳамин кӯҳро, яъне занони сангшударо инъикос менамояд. Мутобиқи маълумоти ин гӯянда агар ба он кӯҳ хуб назар афканӣ ҳатто нақши мӯйҳои сари ин духтаронро дар ин сангҳо дидан мумкин аст.

«Яг вахто ин ҷоҳо муғистун будагию мусулмоноям зиндагӣ мекардагӣ.

Як вахт муғҳо ба чил нафар духтар ҳуҷум карданд. Духтаро тарсида куба гурехта рафтанду аз худо панно талабиданд, ки «э худоё, моро аз дасти ҳамин номаҳрамо халос кун, мо санг шавему дасти ҳамуноба наафтем» сунӣ  онҳо санг шуда монданд. Ҳама вахт кас равад, рӯзҳои ҷумъа бо худ товиши чархресӣ мебарад. Ҳозир агар кас бинад, сурати чил духтара бо мӯйҳои сараш мебинад» .

Дар ривояти зерин низ, ки варианти дигари ривояти «Чилдухтарон» аст, мақсад ягона буда, чил духтари покдоман аз тарси ба дасти душман наафтодан ба Худо зорӣ мекунанд, то ин ки ба санг мубаддал шаванд. Гӯянда дар аввал мисли ривояти нахуст мавзеи ҷойгиршавии кӯҳро муайян намуда, сипас сабаби ба санг табдил гардидани духтарон ва чунин ном гирифтани кӯҳро ёдовар мешавад. Инчунин мутобиқи маълумоти ин ривоят ва ба ақидаи гӯянда, душманон аз қабилаи қалпоқҳо будаанд.

«Теппаи ҳамин кӯҳба Яғлоқ гуфтагӣ ҷой ҳаст. Дар мобайни Оқтош ва Қаратош гуфтагӣ ҷой як баландии кӯҳзор буда, дар болои ҳамун ҷой Чилдухтарон гуфтагӣ ҷой ҳаст. Дар нақли қадим дар ҳамин мамлакат ёвгарӣ  будаст. Дар вақти ёв омадан халқҳо аз ёв тарсида ба кӯҳҳо мерафтанд. Бо нақли одамои куҳна аз ин як чанд сол пештар ёв омаданба духтарҳо ба кӯҳ гурехта баромада:

- Рӯи кофирро надида моро санг кунӣ, гуфта ба худо нола мекунанд. Худо нолаи онҳоро қабул мекунад. Онҳо санг мешаванд. Ҳозир ҳаминҷаба сангҳои монанди рами духтарон тик истодаст. Пеш вахт духтарҳо идҳоба рафта зиёрат мекарданд. Аз санг чироғ ҳамон аст. Инҷоба ёв аз қалпоқҳо буд. Деҳқонҳои киштукор мекардагӣ чунин мегуфтанд» .

Чуноне дида шуд, хусусияти фарққунандаи ин ду ривоят аз вариантҳои аввала дар он аст, ки дар онҳо аз кадом қавм будани он душманон зикр гардидааст. Яъне, дар ривояти боло душманҳо «муғ» зардуштиён ва дар ин ривоят бошад «қалпоқҳо» гуфта мешавад. Яъне, чунин фаҳмида мешавад, ки дар давраи қадим ҳангоме, ки душманон ба кадом минтақаи тоҷикнишине ҳамла накунанд, занону духтарони ин минтақа ба санг мубаддал гашта ва ё зери санг мемонанд, ин маълумот аз он шаҳодат медиҳад, ки занони тоҷик аз қадим ба шахсони бегона ва ё душманон сар хам намекарданд ва сарбаландона барои ҳифзи обрӯи худ мубориза мебурданд. Ва ана ҳамин покдоманӣ ва иродаи мустаҳками онҳо сабаб гардидаст, ки дар бораашон ин гуна нақлу ривоятҳо эҷод шаванд.

Дар ривояти дигар, ки мавриди таҳлил қарор мегирад, ин чил духтар баъди ҳашт саҳобае, ки як вақтҳо дар ин минтақа зиндагӣ мекардаанд, ба ин ҷо омада, зиндагӣ кардаанд. Пас аз омадани душман онҳо низ хоҳиши ба санг мубаддал гаштан мекунанд. Хусусияти фарққунандаи ин ривоят аз вариантҳои дигар дар он аст, ки ин минтақа ҳоло кӯҳи сангӣ набуда, ба мазоре табдил гардидааст ва мутобиқи ақидаи гӯянда, чи тавре ки аз гузаштагони худ фаҳмида будааст, пеш вақтҳо аз зери замини ин ҷой садои гулдур-гулдур шунида мешудааст.

«Пас аз ҳашт саҳоба 40 духтарон аз кофирон гурехта ба ин ҷо кӯҳ гуфта омадагӣ. Омада хона гирифтагӣ.

Баъд кофиро ба ин маҳала омадагӣ, баъд ба худо зорӣ кардагӣ, ки ғоиб шаванд. Худо дуои онҳоро қабул карда онҳоро санг кардагӣ.

Ҳоло ҷои онҳо ҳамаш гӯр шудагӣ. Пеш вақто дар он ҷо таги замин гулдур-гулдур мекардаст» .

Мардум тавассути эҷоди чунин нақлу ривоятҳо таъкид кардаанд, ки зан бояд дар муқобили душман қавиирода ва мисли санг шикастнопазир бошад. Яъне, халқ тавассути

офаридани чунин ривоятҳо боз ҳам таъкид кардааст, ки занону духтарони тоҷик барои пок нигоҳ доштани насли оянда аз азал мубориз буданд. Ба фикри мо санг ҷисми сахтест, ки онро ба осонӣ шикастан номумкин аст, яъне, таслимнашаванда! Ба ҳамин хотир мардум сангро ҳамчун рамзи таслимнашаванда ва шикастнопазир интихоб намуда, дар эҷоди худ духтарони покдоманро ҳамчун санг қавӣ ва шикастнопазир тасвир намудаанд.

Дар мавриди истифодаи рақами «чил» дар ин қабил нақлу ривоятҳо ҳаминро бояд қайд кард, ки ин рақам дар зиндагии мардуми тоҷик ҷойгоҳи махсуси худро дорад. Яъне, бо истифода аз ин рақам мардум бар он ақидаанд, ки ин рақам муқаддас аст. Ба ҳамин хотир бо унвони ин рақам якчанд маросиму одатҳо низ роиҷ шудаанд. Масалан, «чиллашуморӣ» «чиллахона-чиллашинӣ», «чилёсин», «чилшикан ё маросми чил» ва ғайраҳо, ки дар ин маврид низ ибрози ақида хоҳем кард.

Яке аз тақвимҳои суннатии мардуми тоҷик «Чиллашуморӣ» буда, дар замони пеш тавассути ин навъи тақвимҳо одамон рӯзу моҳҳои фасли солро тақсим ва гоҳшуморӣ мекарданд. Мутобиқи ақидаи онҳо аввали сол аз чиллаи калон оғоз меёфт ва ҳамин тариқ чилау хурд ва ғайраҳо ҳисоб карда мешуд, ки ҳоло ҳам мардуми маҳаллӣ аз ин тақвимҳо истифода мебаранд.

Тоҷикон ҳангоми ба бемори, махсусан, бемориҳои рӯҳӣ дучор шудан чил рӯз чилла мешинанд, тибқи ақидаи мардум одами ба беморӣ гирифтор буда, бояд чил рӯз дар хонае танҳо нишинад ва бо одамони бегона ҳамсуҳбат нагардад. Чиллашинӣ дар миёни авлиёҳо, бузургон ва шайхон низ вуҷуд дошт. Инчунин ҷавоне, ки манзалати муллои мустақилро мегирифт бояд чил рӯз чилланишинӣ мекард.

Инчунин хонае, ки дар он тифли навзод ба дунё меояд ва хонае, ки дар он домоду арӯси навхонадоршуда зиндагӣ мекунанд низ чиллахона ном дорад. Мутобиқи ақидаҳо тифли навзод ва арӯсу домод чил рӯз, махсусан пас аз намози шом бояд танҳо набошанд. Дар ин чил рӯз метавонад қувваҳои бадӣ ба тифл ва ё арӯсу домод заррари худро расонад. Пас аз чил рӯз ин хатар бартараф мешавад ва онҳо метавонанд озод бошанд.

Маросими хондани дуо бо номи Чилёсин низ дар миёни мардум хеле мавқеи хос дорад. Мардум ҳангоми беморӣ дар рӯзҳои ҷумъа, ки онро рӯзи саид меноманд, беморро чилёсин мекунанд. Бо сабаби он ки сураи Ёсин оятҳои зиёд дорад ва барои як нафар хондани он душвор аст, дар маросими Чилёсин бояд чил нафар мулло ё инки донандаи сураи Ёсин иштирок намуда, онро хонда ба бемор дамад. Агар чил нафар мулло набошад, ин маросимро метавонад як нафар анҷом диҳад ва сураро чил маротиба хонад, ё ин ки даҳ ва ё панҷ нафар бошад, вале ҳатман Ёсинро чил маротиба мехонанд. Ин маросим ба ҳамин минвол се маротиба такрор карда мешавад. Яъне се ҳафта дар рӯзҳои ҷумъа маросими Чилёсин гузаронида мешавад.

Инчунин тоҷикон ҳангоми фавти аъзои хонавода дар рӯзи чилум маросими чилшикан барпо мекунанд, яъне дар рӯзи чилум субҳ аввал дар деги алоҳида отолаи сурх пухта ба меҳмонҳо ва аҳли хонавода медиҳанд, сипас хуроки фотиҳаро омода мекунанд.

Бояд қайд намоям, ки дар баъзе манотиқи Тоҷикистон бо номи Чилтан мазорҳои муқаддас вуҷуд дорад, ки одамони ба онҳо эътиқод дошта, бештар дар рӯзҳои чоршанбе ба зиёрати ин мазорҳо омада, аз арвоҳи онҳо мададу шифо талаб мекунанд.

Вобаста ба истилоҳи Чилтан мардумшинос Д.Раҳимов чунин ибрози ақида намудааст: «Чилтан дар тасаввуроти асотирии тоҷикон ва халқҳои дигари Осиёи Марказӣ образи чил нафар рӯҳи муқаддас аст, ки ба корҳои савоби дунё даст дошта, дар сарчашмаҳои хаттӣ бо номи «Риҷолу-л-ғайб» низ ёд мешавад. Чилтаҳо метавонанд ноаён бошанд ва метавонанд дар сурати одамӣ даромада, дар байни одамон зиндагӣ кунанд. Агар аз ин чил нафар яке вафот кунад, ба ҷойи ӯ аз байни мардум як шахси порсову накӯкор ва бовиҷдонро интихоб менамоянд» (Д.Раҳимов Донишнома с.627.). Аз ин гуфтаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки Чилтанҳо дар бовару эътикоди мардум ҳамчун рамзи арвоҳ ва ё инсони накӯкор ва ҷавонмард тасвир карда шудааст.

Рақами чил ба ғайр аз ривоятҳо бовару эътиқодоте, ки маросимҳои ҷудогона таҳти он барпо мешаванд, дар нақлҳои таърихӣ, афсонаҳои халқӣ низ хеле зиёд истифода гардидааст. Масалан дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ қиссаи Сиёвуш модарандари Сиёвуш, ки боиси марги ӯ мегардад дар утоқи чилум, ки ҳар як дари ин чил утоқ бо парда пӯшида буд ва Рустам барои қасос аз Сиёвуш ҳамаи пардаҳои ин чил ҳуҷраро канда дар ҳуҷраи чилум Судобаро ба қатл мерасонад.

Ё ин ки дар афсонаҳои халқӣ тоҷикӣ ҳарамсароҳо ва ё ганҷинаҳои шоҳон аз чил ҳуҷра иборат аст. Масалан, дар яке аз афсонаҳо, ки чанд вариант дорад, писари шоҳ дар ҳуҷраи чилуми қаср акси шоҳдухтареро дида ошиқ мешавад. Ва дар охир шоҳдухтарро пайдо карда бо ӯ хонадор мешавад.

Вобаста ба ин рақам инчунин дар зиндагии мардуми тоҷик якчанд ҷашну маросими дигар, аз қабили чиллагурезон, чиллаоб, чилҳуҷра, чилчӯб ва ғайраҳо вуҷуд доранд, ки якеаш ба маросим вобаста бошад, дигараш ба чигуна омадани фасли сол ва сеюми ба касбу кори мардум вобастгӣ доранд. Яъне, аз ин маълум мешавад, ки рақами «чил» дар эътиқоди мардум

ҷойгоҳи махсус дорад ва ба ҳамин хотир таҳти ин рақам ин маросимҳо баргузор карда мешаванд.

Чунон ки маълум шуд рақами чил дар зиндагии мардуми тоҷик аз рӯзи таваллуд то ба охири умр чанд маротиба дар чанд маврид истифода мешавад ва пас аз марг, ки инсон аллайкай чил рӯз аст, ки дар қайди ҳаёт нест, ин рақам ба хотири ӯ боз қайд карда мешавад. Рақами чил ин як рамзест, ки эътибори он миёни мардуми тоҷик ҷойгоҳи хосса дорад. Ва аз рӯзи таваллуд то пас аз марг ин эътиқод дар вуҷуди онҳо мустаҳкам боқӣ мемонад.

Хулоса аз маълумоти ривоёти мавриди назар бармеояд, ки мақсади халқ дар эҷоди ривояти «Чилдухтарон» дар ҳама давру замон ва ҷову макон як аст. Яъне, чи дар минтақаи шимоли Тоҷикистон бошад ва чи дар Ҷанубу Ғарб ё берун аз он мақсади эҷоди ин ривоят танҳо нишон додани боиффатӣ ва покдомании занҳои тоҷик мебошад. Як хусусияти ҷолиби ин ривоятҳо дар он аст, ки ҳар боре душманҳо ба мамлакати мо ҳамла меоранд, занону духтарони покдоман бо мақсади ҳифз намудани наслу насаби хеш омодаанд, ки ба санг мубаддал гарданд. Аз муҳтавои ин ривоятҳо ба натиҷае расидан мумкин аст, ки мардум тавассути офаридани ин гуна нақлу ривоятҳо ба ояндагон фаҳмонданӣ шудаанд, ки зани тоҷик аз қадим зани покдоман буд, дуояш дар ҳама маврид мустаҷоб мегардид ва аз ин сабаб то ба имрӯз ин миллат, ин халқият вуҷуд дошта, саҳми занони покдоман дар он ҷойгоҳи аввалро дорад.

Адабиёт

1. Рабиев, Ҷ. Фолклори Уротеппа. / Ҷалил Рабиев. Душанбе: Дониш, 1991. – с 235.

2. Раҳматов, Ҳ. Ривоятҳо / Ҳ.Раҳматов. // Дастурамал оид ба ҷамъ кардани эҷодиёти даҳнакии халқ. Сталинобод,1960, – с.90-91.

3. Раҳмонӣ, Р. Чилдухтарон / Равшан Раҳмонӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Ҷ 2. Душанбе: ЭМТ, 2017. – с. 756.

4. Обидов, Д. Андешаҳо перомуни ривоятҳо тоҷикӣ. // Фолклор, адабиёт, забон. Душанбе: 2004 – с. 29-52.

5. Раҳимов, Д.Фолклори тоҷик / Д.Раҳимов. – Душанбе, 2009. – с.262.

6. Фарҳанги забони тоҷикӣ ҷ. 1. Масква: // Советская Энциклопедия, 1969, – 690 с.

7. Фарҳанги забони тоҷикӣ ҷ. 2. Масква: // Советская Энциклопедия, 1969, – 949 с.

**Маҳмадов ФАРРУХҶОН**
*магистри Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АИ ҶТ*

## ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА ВА ТУРИЗМ

Сафарҳои саёҳӣ дар ҷаҳони муосир - қисми ҷудонопазири ҳаёти инсон, алоқаманд бо ҳуқуқи истироҳату фароғат, озодии ҳаракат, дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ ва инчунин, дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эътироф гардидааст. Ҳамчунин сайёҳат вазифаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ-экологӣ, байналмилалӣ ва дигар вазифаҳои муҳимро иҷро мекунад. Дар ҷараёни саёҳат таҳдидҳо ва хатарҳои дохилию берунии кам пешгӯишавандаю бештар харобиовар рух медиҳад. Аз ҷумла ҳангоми сайёҳат сайёҳонро ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ пайваста таҳдид мекунанд. Ба монанди садамаҳои нақлиётӣ, ба садама дучор шудани ҳавопаймоҳо, зарар ба ҳайёт, саломатӣ, тарма, сел, заминҷунбӣ, ярч, ғоратгарии молу амволи саёҳон, терроризм ва ғайра, ки аз сабаби камбудӣ зоҳир намудани ширкатҳои саёҳӣ рух медиҳанд. Бояд қайд кард, ки бехатарӣ ва саёҳат ҳамчун як зуҳурот бо якдигар алоқамандaнд ва ҳамдигарро пурра мекунанд. Зеро саёҳат бехатариро талаб мекунад. Эъломияи «Осоиштагӣ ва Саёҳӣ», ки аз ҷониби Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ, 27 сентябри соли 2001 дар шаҳри Сеул (Ҷумҳурии Корея) қабул гардид, намояндаи созмон изҳор дошт, ки бехатарӣ ва амнияти сайёҳон бояд дар ҳар як кишвар таъмин бошад.

Аз тарафи дигар бошад, муносибатҳои байнифарҳангӣ ва дӯстии мардум, ки дар давоми мубодилаи сайёҳӣ ба миён меоянд, асоси воқеӣ барои таъмини бехатарӣ дар соҳаи саёҳӣ, мусоидат ба эҷоди фазои боварӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ байни

мардуми тамоми рӯи замин ва мардуми мо мебошад. Дар робита ба ин, туризм қувваи пешбарандаи шукуфоӣ ва эҳтироми ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар сатҳи байналмилалӣ мебошад. Аз ин лиҳоз таъмини бехатарии саёҳон аз офатҳои табиӣ, техногенӣ ва дигар офатҳои номатлуб вазифаи муҳими ҳар як давлати дунё мебошад.

Туризм - ин бо ҳама гуна мақсад, ба ғайр аз корҳои музднок саёҳат кардан ва истодан дар ҷойҳои аз маҳали истиқоматии саёҳаткунанда берун ба муддати на зиёдтар аз 12 моҳ (ҳуҷҷатҳои конфроси байналмилалии Созмони Милали Мутаҳид оид ба саёҳат ва туризм, ки аз тарафи Созмони умумиҷаҳонии туризм соли 1992 қабул гардидааст).

Туризм - ин фаъолияте мебошад, ки дар зиндагии халқҳо нақши муҳимро дар соҳаҳои ҳаётан муҳим ва рафту омадҳои хориҷии давлат, аз ҷумла иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таълимӣ ва молиявӣ таъсири бевосита дорад (Эъломияи Манила оид ба туризми ҷаҳонӣ, соли 1980).

Туризм - ин озодана ва ҳар навъ тағйири маҳали одамон аз маҳали доимии зист ва кор, инчунин соҳаи хизматрасонӣ, ки барои қонеъгардонии эҳтиёҷҳои дар натиҷаи чунин тағйирдиҳии маҳал ба амал омадаанд, сохта шудааст (Эъломияи Гаага оид ба туризм соли 1989).

Туризм - сарчашмаи даромади асъор ба давлат; сеюмин аз ҳисоби саноатӣ дар соҳаи хизматрасонӣ, ки дар он ҳар як понздаҳум одамони коргар машғуланд (китобҳои дарсӣ вобаста ба туризм).

Туризм - саноатест, ки дар ноҳияҳои рӯи Замин, ки ҳолати табиӣ ва сунъии хоси ҷалбкунанда ба меҳмонони воридгардида доранд пеш меравад (профессор Питер Мерфи).

Туризм - воситаи пурқуввати иқтисодӣ, ки метавонад дар давлатҳои сусттарақиёфта барои сохтани ҷараёни асъор, муҳим барои рақобати бомувафақият дар сатҳи умумиҷаҳонӣ бошад (профессор Королин Купер).

Туризм - ин илм, санъат ва ҷалби тиҷорат, ташкили фароғати одамон, саёҳон ба хотири завқу лаззат ё ин ки аз рӯи кор мебошад (профессор Джон Уоркер).

Туризм - шуғле, ки низоми ташкили усулҳои гузаронидани истироҳатро бо мақсадҳои солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат (ба истисноӣ ҳаҷ), тиҷоратӣ, варзишӣ, касбию хизматӣ ва дигар мақсадҳо тавассути саёҳат (тур) ва будубоши муваққатии берун аз ҳудуди ҷои истиқомати доимӣ бароҳ мемонад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» аз 28.12.2012, таҳти №922).

Соҳаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ вазифаҳои тадбиқи сиёсати давлатӣ, ба танзим даровардани меъёрҳои ҳуқуқӣ, расонидани хизматрасонии давлатӣ ва идораи моликияти давлатӣ, сиёсати ягонаи давлатиро дар бобати омодагӣ ва ҳифзи аҳолӣ, иншоотҳои иқтисодӣ ва ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оқибатҳои ҳолатҳои фавқулоддаи замонҳои осоишта ва ҷангӣ дар бар гирифта тамоми чорабиниҳои умумидавлатӣ, ҳуқуқӣ, мудофиавӣ ва дигар чорабиниҳоро, ки ба ҳифзи аҳолӣ, иқтисодиёт ва ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оқибатҳои ҳолатҳои фавқулоддаи хусусияти табиӣ ва техногенӣ дошта, инчунин ҳангоми сар задании амалиётҳои ҷангӣ равона карда шудаанд, ҳамоҳанг месозад.

Ҳолатҳои фавқулодда - вазъиятест, ки дар ҳудуди муайян, дар натиҷаи садамаҳо, зуҳуроти табиии хатарнок, фалокатҳо, офатҳои табиӣ ва дигар офатҳои ба вуқуъомада ба талафоти ҷонӣ, зарар ба сиҳатии одамон ё муҳити табиии атроф, хисороти назарраси моддӣ ва халалдор намудани шароити зиндагию кории одамон оварда расонидааст ё оварда мерасонад.

Пешгирии ҳолатҳои фавқулодда - системаи чорабиниҳои саривақт ба роҳ мондашудаест, ки барои ҳар чӣ камтар кардани хатари рух додани ҳолатҳои фавқулодда, инчунин барои ҳифзи сиҳатии омма, кам кардани миқдори зарари муҳити зист ва

талафоти моддӣ дар ҳолати рух додани онҳо, нигаронида шудааст.

Бехатарӣ дар ҳолатҳои фавқулодда - ҳолати эмин будани аҳолӣ, иншоотҳои иқтисодӣ ва муҳити зисти табиӣ аз хатарҳо дар ҳолатҳои фавқулодда. Якчанд намуди бехатарӣ вуҷуд дорад: бехатарӣ аз рӯи навъҳо (бехатарии саноатӣ, радиатсионӣ, кимиёвӣ, заминҷунбӣ, сӯхтор, биологӣ ва экалогӣ); бехатарӣ аз рӯи иншоотҳо (бехатарии аҳолӣ, ишоотҳои иқтисодӣ ва муҳити табиати атроф) ва бехатарии манбаъҳои асосии ҳолатҳои фавқулодда.

Бехатарии аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулодда - ҳолати эмин будани ҳаёт ва саломатии одамон, молу мулк ва муҳити зисти онҳо аз хатарҳо дар ҳолатҳои фавқулодда.

Аз мафҳумҳои дар боло зикр гардида бар меояд, ки барои таъмини бехатарӣ аз ҳолатҳои фавқулодда бояд пешгирӣ кард, барои пешгирӣ намудани ҳолати фавқулодда пеш аз ба вуқуъ омадани он сари вақт чорабиниҳои пешгирикунанда аз ҳолатҳои фавқулоддаро ба роҳ мондан лозим аст. Чи тавре ки дар урфият мегӯянд «илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ». Ҳолатҳои фавқулодда ба инсонҳо, муҳити табиати атроф ва ҳайвонот таҳдид мекунанд.

Инсон доимо дар рӯзгор, дар истеҳсолот, дар роҳ, ҳангоми фароғат ва дигар шароитҳои зиндагӣ ба хавфу хатарҳои зиндагонӣ дучор мегардад. Рӯзе нест, ки рӯзномаҳо, радио ва телевизион аз хусуси садамаи навбатӣ, офати табиӣ ва ё ҳодисаи ҷиноятӣ хабар чоп накунанд.

Аз чи бошад, ки мо сабабҳои бадбахтиҳои ба сарамон омадаро аксар вақт дар нобарории қисмат ё шароитҳои маънидодшаванда мебинем, на ин ки онҳоро чун натиҷаи хатогиҳо ва рафтори нодурусти худ баҳо диҳем. Ҳол он ки рӯзгори ҳаррӯза баръакси ҳолро гувоҳӣ медиҳад: дар бадбахтиҳоямон бештару бештар худамон айбдорем, ки бо ин ё он сабаб чизеро ба назар нагирифтем, пешбинӣ накардем ё вақтро сарфа кунем гуфта, қоидаҳои ҳаракати роҳро вайрон

кардем...

Санаи 9-11 июни соли 1995 дар шаҳри Эстерсунд (Шведсия) 1-умин конфронси байналхалқӣ зери ҳимояи Созмони умумиҷаҳонии туризм дар бораи бехатарии туризм ва кам намудани хатар ҳангоми саёҳат гузаронида шуд. Дар конфронс ақидае, ки дар соҳаи мазкур асоси муваффақият дар ҳамкории ҳамешагии сектори туризм, меҳмонхонаҳо ва ширкатҳои саёҳӣ бо хадамот ва сохторҳои дахлдори давлатӣ мебошад, дақиқ мушоҳида карда мешуд. Мақсади асосии конференсия дида баромадани масъалаи бехатарӣ дар соҳаи туризм ва кам намудани хатар ҳангоми саёҳат, кордкард карда баромадани варианти мувофиқ ва муфиди ҳали мушкилоти соҳаи мазкур буд. Инчунин саволҳо оид ба байни давлатҳо ҳамеша додани маълумотҳои муосир, роҳбарии туризми давлатӣ ва дигар муассисаҳои соҳаи туризм, дастгирӣ ва мутобиқат, ҷавобгарии ҳукуматҳо ва давлатҳо дар бартарафкунии мушкилотҳои сади роҳи пешравии туризми байналхалқӣ буда, нақши воситаи ахбори омма дар вусъатдиҳии туризм ва баланд кардани бехатарии он нишон дода шуд. Дар рафти конференсия дарҷ карда шуд, ки бехатарии туризм ва кам намудани хатарҳо ҳангоми саёҳат маҷмӯи калони саволҳоро ташкил медиҳад, аз ҷумла мушкилиҳои фалокатҳо, бемориҳо, эпидемияҳо дар қатори ин паҳн шудани бемории масъунияти бадани (ВИЧ-инфекции); терроризм, мушкилот ва табадуллотҳои ҳарбӣ; роҳзанӣ; ҳолатҳои криминалӣ ва ҷинояткорӣ; паҳн кардани маводҳои нашъаовар; сирояти радиоактивӣ ва дигар намуди сирояткунии маҳал; фоҳишагарӣ; вандализм (харобкунии ваҳшиёнаи осори пурқимати маданият ва санъат) ва ҳама гуна навъҳои зуроварӣ; маҷмӯан дида баромадани ҳама гуна хатарҳои эҳтимолӣ, вобаста ба саёҳони воридгардида, истиқоматкунандагони маҳалӣ, ширкатони саёҳӣ ва пурра саноати туризм.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон дучори

таҳдидҳои зерин мебошад:

А) Гидрологӣ ва метеорологӣ:

◎ обхезӣ; сел; хушксолӣ; хунукӣ ва сармо; бориши барф; бориши борон; жола; шамол; тарма; биёбоншавӣ; баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ.

Б) Геологӣ:

◎ сел; ярч; обхезӣ; заминларза; сангрезӣ.

В) Биологӣ:

◎ эпидемия; эпизоотия; эпифитотия.

Г) Техногенӣ:

◎ партовҳои саноатӣ; партовҳои биологии хатарнок; партовҳои ғайринақшавии моддаҳои химиявӣ (ба ҳаво, об, замин); садамаҳо дар иншооти гидротехникӣ (ба сарбандҳо, саддҳои обӣ, низомҳои обёрӣ ва ғайра тааллуқ доранд); садамаҳои нақлиётӣ, аз ҷумла вобаста ба нақлиёти роҳи оҳан, автомобилӣ, ҳавоӣ ва обӣ; садамаҳои нақлиётӣ ҳангоми ҳамлу нақли бори хатарнок; фалокатҳои марбут ба газ, сӯзишворӣ ва тафсонидани хатҳои қубур; фалокатҳои марбут ба низомҳои таъмини ҳаёт.

Саёҳонро низ ҳолатҳои фавқулодда ва хатарҳо таҳдид мекунанд.

Аз ҷумла;

- рӯзи 12 - уми августисоли 2018 ҳангоми интиқоли кӯҳнавардоне, ки қуллаи Исмоили Сомониро фатҳ карда буданд, дар поёноби пиряхи Фортамбек дар баландии 4500 метр чархболи Ми-8 изтирорӣ ба замин нишаст. Ҳангоми парвоз дар чархбол 15 нафар кӯҳнавардон шаҳрвандони Федератсияи Русия, Белорус ва Испания, ҳузур доштанд. Барои интиқоли зарардидагони офат аз фурудгоҳи Лахш се чархбол бо наҷотдиҳандагон ва кормандони тиб парвоз карданд. Вақте ба ҷойи ҳодиса расиданд, муайян шуд, ки мутаассифона ду нафар аз сарнишинони чархбол, аз ҷумлаи шаҳрвандони Тоҷикистон ва се нафар кӯҳнавардон, шаҳрвандони хориҷӣ бар асари ин

фоҷеа ба ҳалокат расидаанд. Ҳамаи онҳо аз ҷойи офат ба макони АМН интиқол дода шуданд (www.khf.tj)

- 29 июли соли 2018, тахминан соати 15:30-дақиқа, гурӯҳи мусаллаҳи ҷинояткорон бо автомашинаи тамғаи «Леганзе», рақами қайди давлатиаш 74-98 ВН 03 дар шоҳроҳи Кӯлоб-Душанбе дар ҳудуди деҳаи Сафобахши ҷамоати деҳоти Оқсуи ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон (дар км 81) бо суръати баланд ба 7 нафар сайёҳони хориҷӣ - шаҳрвандони Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Швейтсария, Нидерландия ва Франсия, ки бо воситаи велосипедҳо аз самти Кӯлоб ба самти шаҳри Душанбе ҳаракат менамуданд, ҳуҷум карданд.

Баъд аз онҳоро зада, аз пой афтонидан, бо мақсади куштан бо олотҳои халанда ва бурранда, аз қабили кордҳои калон ва табарҳо ба узвҳои ҳаётан муҳими сайёҳон зада, ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ расонида, аз ҷойи ҳодиса ғайб задаанд. Дар натиҷа 4 нафар сайёҳони хориҷӣ - Аустин Ҷей, Лаурен Анне Мунотз шаҳрвандони Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Воке Рен Виллем шаҳрванди Нидерландия, Хамел Маркус шаҳрванди Швейтсария ба ҳалокат расида, 2 нафари дигар Ким Айрис шаҳрванди Нидерландия ва Дименд Мари Клер шаҳрванди Швейтсария дар ҳолати вазнин ба беморхонаи ноҳияи Данғара бистарӣ карда шудаанд. Шаҳрванди Франсия Казабат Гуиллаюм Ҷеан осеб надидааст (www.vkd.tj)

Ҳамасола дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон офатҳои табиии зиёде рух дода, ба иқтисодиёти кишвар хисороти зиёди моли ворид месозанд ва баъзан боиси ҳалокати одамон низ мешаванд. Аксари мутлақи офатҳои табиии дар қаламрави Тоҷикистон рухдода ба фаъол гардидани равандҳои геологӣ ва гидрометереологӣ, чун заминларза, фаромадани селу ярч, обхезӣ, равандҳои эррозионӣ ва ғайра вобаста мебошанд. Шароитҳои муҳандисӣ ва геологии Тоҷикистон бо хусусияти мураккаби беҳад мушкили мавқеи сохториву геологӣ, фаъол будани ҳолатҳои сейсмикӣ (заминҷунбӣ), гуногунии шароитҳои

геморфологӣ ва ба таври густурда вуҷуд доштани инкишофи маҷмӯи равандҳои эзогеннии геологӣ тавсиф дода мешаванд. Баррасии муфассали шароитҳои муҳандисиву геологии Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки ба таври возеъ дар робитаи мутақобила миёни шароитҳои муҳандисиву геологии минтақа хос будани навъҳои офатҳои табиӣ муайян карда шавад:

1. Навоҳии тобеи ҷумҳурӣ. Дар ин минтақа асосан равандҳои фаромадани сел ва эрозиаи хок хос аст. Селҳо асосан лойқавӣ ё омехтаи лойқаву санг мебошанд. Дар минтақаи Рашт ҳодисаҳои тармафаромӣ ва лағжиши ярч рух медиҳанд.

2. Дар вилояти Суғд босуръат фаъол гардидани ҳодисаҳои селфароии фалокатовар дар ҳавзаи Шинг (Панҷакент) ва қисмати чапи ҳавзаи дарёи Зарафшон ба мушоҳида мерасад.

3. Ба вилояти Хатлон (қисми ҷанубии кишвар) ҳодисаҳои лагжидани ярч, эрозияи ҷарӣ селҳои харобиовар ва обхезӣ хос аст. Дар солҳои охир босуръат афзудани чунин равандҳо ба назар мерасад.

4. Ба вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон (қисми ғарбии кишвар) ҳодисаҳои селфаромӣ бо лойқаву омехтаи лойқаву санг ва баъзан дар ҳаҷмҳои фалокатовар ва ҳамроҳ бо лагжиши ярчҳои барфӣ хос мебошанд.

Дар иинтиҳои сухан бояд зикр кард, ки туризм яке аз соҳаҳое мебошад, ки бехатариро талаб мекунад. Аз ин лиҳоз роҳбарони ширкатҳои саёҳӣ ва дигар идораю корхона, муассиса, ташкилот ва мақомотҳое, ки ба соҳаи туризм машғуланд бояд ба бехатарии саёҳон аҳмияти ҷиддӣ дода бо мақомотҳои қудратӣ ҳамкории зич намоянд ва ба корҳое, ки барои эътино, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда равона гардидаанд аз мади назар дур набошанд. Чунки ба хавфу хатар дучор шудани саёҳон метавонад ба дустию рафоқат байни мардуми ҷаҳон, иқтисодиёти давлат, илм, фарҳанг, обурӯй, маданият, рафту омади мардум ва би ин монанд зарарҳо расонад.

Адабиёт

1. Камолов Ҷ.Ҷ., Мансуршоева Л.С. Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳолатҳои фавқулодда. - Душанбе: Контраст, 2011. - 243 саҳ.

2. Воробьев Ю.Л., Латипов Ҳ.А. Тафсири мухтасари истилоҳот ва мафҳумҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодда (нашри дуюм, Empoweredlives. Resilient. UNDP, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон). - Душанбе, 2011. - 423 саҳ.

3. Абдуллоев Д., Абдуллоев Ҳ., Солеҳов Н. Ҳолатҳои фавқулодда ва бехатарии инсон. - Душанбе: Шарқи Озод, 2011. - 87 саҳ.

4. Маринин М.М. Туристские формальности и безопасность в туризме. - М.: Финансы и статистика, 2004. - 174 с.

5. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии хатари офатҳо барои солҳои 2010-2015 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-марти соли 2010, №164). - Душанбе: Контраст, 2012. - 86 саҳ.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм», 03.09.1999, №824 (www.mmk.tj).

# ТАБИАТШИНОСӢ ВА РАВАНДИ ИННОВАТСИОНӢ

**Номвар ҚУРБОН**
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
**Хубон НАЗИРӢ**
*ДДФСТ ба номи М.Турсунзода*

## Ҷоизаи нобел ва яҳудиён

Чанд сол қабл дар рӯзномаи «Фараж» (№33 (454), 12.08.2015) таҳти унвони «Яҳуд чаро дунёгир шуд?» матлабе ба нашр расида, ки оид ба масъалаи яҳудият ва исломият баҳсҳоро ба миён овард. Ба андешаи муаллифи мақола, дар 105 соли охир аз яҳудиён, ки шумораашон дар саросари олам бештар аз 13 млн. нафар аст, 180 кас сазовори Ҷоизаи нобелӣ гардиданду аз миёни мусалмонон, ки 1,4 млрд. мардуми сайёраро ташкил медиҳанд, танҳо се нафар ин ҷоизаро ба даст оварданд. Ҳарчанд ин сухан каломи нав нест, вале дар байни хурофотпарастону мутаассибин норозигӣ ва сарусадоҳои зиёдеро ба бор овард. Бо вуҷуди норозигиҳои хурофотпарастону мутаассибони ҷомеаи мо ҳақ ба ҷониби муаллифи мақолаи зикршуда аст.

Маросими супоридани Ҷоизаи нобелиро яке аз барандагони ин ҷоиза дар соҳаи адабиёт Иван Бунин чунин тасвир менамояд: «Баландии толор касро ба ҳайрат оварда, ба ӯ фароғат мебахшад. Ҳама ҷои он ба гул оро додашуда, пур аз одамон: гурӯҳи хонумҳо, ки худро бо гавҳар ва алмос зеб додаанд, садҳо фракҳо, ситораҳо, нишонҳо, тасмачаҳои рангин ва ҳамаи ин аз дигар ҷашнҳо ба куллӣ фарқ дорад. Дар давоми панҷ - даҳ дақиқа тамоми Шӯрои вазирони Шведсия, корпусҳои дипломатӣ, аъзои Академияи илмҳои Шоҳигарии Шведсия, аъзои Кумитаи Нобел ва ашхоси

даъватшуда ҷойҳои худро мегиранд ва хомӯшии амиқро нигоҳ медорад. Маҳз панҷ нафар муждадиҳандагон аз шайпурҳо садо медиҳанд ва шоҳ намудор мегардад. Зери навои мусиқии шайпурҳо Суруди миллӣ садо медиҳад ва шоҳзодаи валиаҳд бо дигар аъзои хонаводаи шоҳ бо ҳамроҳии шоҳ ба саҳна ворид мешаванд… Маросимро роҳбари Бунёди Нобел кушода, шоҳ ва ғолибонро муборакбод мегӯяд». Ҳар чанд аз ҷоизаи мазкурро гирифтани Бунин (1933) 85 сол сипарӣ гардида бошад ҳам, вале то ҳол дар маросими супоридани он ҳеҷ тағйирот ворид нашудааст. Зеро яке аз физикҳои намоёни шӯравӣ ва дорандаи Ҷоизаи нобелии физика П.Л. Капитса (1978) менависад, ки: «Сарфи назар аз тағйиротҳои бузург дар ҳаёти илмии башар, як чиз бетағйир боқӣ монд - Ҷоизаи нобелӣ. Имрӯз аҳамияти он як чизи маъмулӣ гардидааст».

Қайд кардан ба маврид аст, ки санаи 10 декабри соли 1901 нахустин тақдими ин ҷоизаи машҳури ҷаҳонӣ буд ва ҳоло умри он 117-ро убур менамояд. Ҷоизаи нобелӣ мувофиқи васияти кимиёшинос ва муҳандиси шведӣ Алфред Нобел 27-уми ноябри соли 1895 дар клуби норвегӣ-шведии шаҳри Париж таъсис дода шуд. Дар фонди ҷоиза 31 млн. кронаи шведӣ маблағ буда, он ба панҷ ҳиссаи баробар тақсим ва ба тариқи зайл тақдим карда мешаванд: «Қисми якум - ба шахсе, ки дар соҳаи физика кашфиёти аз ҳама муҳим мекунад; қисми дуюм - ба шахсе, ки дар соҳаи кимиё ба кашфиёти муваффақ ноил мегардад; қисми сеюм - ба шахсе, ки кашфиёт дар физиология аз дастовардҳо муҳимтаранд; қисми чорум - ба шахсе, ки дар адабиёт асарҳои барҷастаи хусусияти хайёлии володошта меофарад ва дар охир, қисми панҷум - ба шахсе, ки дар таҳкими ҳамкориҳои миллӣ, бартараф ё кам кардани шиддат ва муқовимати қувваҳои мусаллаҳ саҳми назаррас дорад ва инчунин, ба ташкилоту анҷуманҳои мададгори қувваҳои сулҳҷӯй…». Ин матн васиятномаи худи Нобел буда, ба таркиби Ҷоизаи нобелӣ: медали тилло бо расми Нобел ва навиштаи «Алфред Нобел. Аз 1833 то

1896», диплом ва расиди пул (1,12 млн доллари ИМА) дохил мешаванд. Сана 10 декабри соли 1901 бахшида ба 5-умин солгарди ёдбуди Нобел ва 100-солагии мавлуди падараш, ба шаш нафар ғолибон - В.Рентген (физика), Я.Ван-Гоф (кимиё), Э.Беринг (физиология ва тиб), Р.Сюли-Прюдом (адабиёти бадеӣ), А.Дюнан ва Ф.Пасси (таҳкими сулҳ) Ҷоизаи нобелӣ тақдим карда шуд. Соли 1968 бошад, дар робита бо 300-солагии Бонки давлатии Шведсия ва ёдоварӣ аз Ҷоизаи нобелӣ як бахши он барои улуми иқтисодӣ ҷудо гардид. Ҷоизаи нобелии сулҳро Кумитаи нобелии парлумони Норвегия тасдиқ мекунад, ки он дар Осло супорида мешавад. Дигар боқимонда ҷоизаҳо аз тарафи муассисаҳои илмии дахлдори Шведсия тасдиқ гардида, дар Стокголм аз дасти шоҳ тақдим мегарданд. Мукофотҳои нобелӣ бо назардошти баъзе истисноҳои нодир, ҳар сол пешниҳод карда мешаванд. Аз соли 1901 то имрӯз беш аз 860 мукофот эҳдо гардидааст.

Барои намуна, як таҳлили ҷолиберо аз таҳқиқи барандагони Ҷоизаи нобелӣ меорем. Пеш аз ба вуҷуд омадани низоми фашистӣ аз ҷиҳати шумораи дорандагони Мукофоти нобелӣ ҷойи аввалро Олмон ишғол мекард, сипас ин пешсафӣ ба ИМА кӯч баст. Аз соли 1901 то соли 1990 адади ҷоизаҳои ба кишварҳо воридшуда (дар қавс шумораи муҳоҷирон, муқимшудагон ё баръакс, онҳое ки кишварро тарк карданд нишон дода шудааст) оварда шудааст: ИМА - 216 (67), Олмон - 87 (28), Англия - 75 (9), Фаронса - 48 (6), Шведсия - 30 (7), Русия - 23 (7), Швейтсария - 21 (11) ва ғайра. Эҳтимол, ин тафсирҳо лозим нест ва ба иззати нафси баъзе хурофотпарастону мутаассибон мерасанду ба ҷаҳонбинии маҳдудашон латма ворид месозад. Вале бояд ҳаминро гуфт, ки аксар дорандагони Ҷоизаи нобелӣ хатмкардагони донишгоҳҳои бонуфузи Амрикою Аврупо мебошанд. Ҷойи аввал аз тарафи бархе аз донишгоҳҳои ИМА: Ҳарвард, Колумбия, Чикаго ва сипас, Оксфорд, Париж, Мюнхен, Берлин ишғол карда шудааст. Чунки тибқи омори муосири маориф ва илми ҷаҳонӣ дар 57 мамолики олами Ислом ҳамагӣ 500 донишгоҳ вуҷуд дошта, танҳо дар ИМА 5750 донишгоҳ амал мекунанд ва Ҳиндустон 8407 донишгоҳ дорад. Бар замми ин, аз 500 донишгоҳи мавҷудаи

олами Ислом дар руйхати беҳтарин донишгоҳҳои сатҳи ҷаҳонӣ на ном асту на нишон. Илова бар ин, дар кишварҳое, ки аксарияти сокинонашон мусалмонанд, ба сари ҳар 1 млн. нафар 230 ва дар ИМА бошад, ба сари ҳамин миқдор аҳолӣ 5000 олими соҳаҳои мухталиф рост меояд.

Дар ин мақола хостем танҳо мақоми яҳудиёнро дар байни ғолибони Ҷоизаи нобелӣ тавсиф ва дар натиҷа нақши онҳоро дар рушди илми ҷаҳонӣ арзёб намоему халос. Ин масъаларо исбот кардан хеле мушкил аст. Масалан, ҳарчанд дар соҳаи адабиёт барандагони Ҷоизаи нобелӣ нақши назаррас доранд, вале муқаррар кардани шахсияти миллии худи эшон на ҳамеша имконпазир аст. Чунки намояндаи дигар миллат (махсусан, яҳудиён) чун шаҳрванди давлати дигар барандаи ин ҷоиза мегардад. Ҳатто муаллифони бархе аз корҳои махсус: Э.Фрейерштейн - «Яҳудиён - Ҷоизадорони нобелӣ» (Тел-Авив, 1956), Т.Левитан - «Яҳудиён - дорандагони Ҷоизаи нобелӣ» (Ню-Йорк, 1960), А.Черняк - «Ҷоизаи нобелӣ ва яҳудият» (Нешер, 2000) доир ба шарҳи ин масъала ба баъзе хатогиҳо роҳ додаанд. Баъдан, вобаста ба масъалаи болоӣ суоли қадимае ба зеҳн меояд, ки «Киро яҳудӣ ҳисобидан ва киро дурага (half-blood) номидан мумкин аст?». Баъзе муҳаққиқон барои муайян кардани яҳудиён дар байни барандагони Ҷоизаи нобелӣ корҳои бисёр: таҳлилҳои зиёдро аз назар гузаронидан, манбаъҳои гуногунро пайдо кардан ва маълумоти фаровонро бо якдигар муқоиса намуданро анҷом доданд. Баъзан, ҳатто маҷбур буданд, ки муқобил ба сиёсати вақт сухан бигӯянд. Мисол, дар нашри комили олмонии китоби «Яҳудиён дар фазои фарҳанги олмонӣ» (1959) бархе маълумотҳо дар бораи яҳудиён, аз ҷумла рӯйхати олимон бо вуҷуди тафсилот ва дақиқияти олмонӣ доштан, хато нишон дода шудаанд. Яке аз ин олимон физики итолиёӣ Энрико Фермӣ мебошад, ки ӯ аз тарафи модар яҳудӣ буда, худаш ҳам инро расман эътироф кардааст.

Албатта, маълумот дар бораи яҳудиён ба кас таассуроти хеле ҷиддӣ мебахшад. Намояндагони яке аз миллатҳои кӯчаки ҷаҳон

барандагони аз панҷ як ҳиссаи тамоми ҷоизаҳои нобелӣ, аз ҷониби олимон ва ходимони давлатии миллатҳои гуногун мебошанд. Аз ҳар панҷ нафар ҷоизадори Ҷоизаи нобелӣ - як яҳудӣ! Оё барои шарҳи чунин як падидаи аҷиб имкон аст? Баёни ин масъала бениҳоят душвор буда, мураккабии он аз ду самт: бо роҳи исботи илмӣ ва бо рафъи айбдоркунии шовинистӣ, натсистӣ ва ғ. ба вуҷуд меояд. Лекин бисёре аз яҳудиён бар он назаранд, ки агар падидаи миллатгароӣ дуруст пажӯҳиш карда шавад, мушкилоти асосӣ айбдоркунии миллӣ аст. Баъд аз тавзеҳ, масъалаи муайянкунӣ функсияи таркибии илм буда, бояд илм муайян намояд, ки кӣ намояндаи кадом миллат аст, ҳарчанд «Бингар, ки чи мегӯяд…».

Дар ҳама ҳолатҳо ибораҳоеро, монанди «хиради яҳудӣ», «табиати яҳудӣ» вохурдан мумкин аст, ки аз нуқтаи назари илмӣ маънои қатъиян норавшан доранд. Масалан, дар аввали асри XX дар Фаронса аз ҷониби Ж.Мюре китобе бо номи «Хиради яҳудӣ» ба нашр расид, ки муаллифи он як зиддисемити (anti-Semite) ашадӣ буда, вуҷуд доштани ин фаҳмишро эътироф, вале онро муайян карда натавонистааст. Ҳатто олими бузург И.Павлов дар кори соҳавии худ «Оид ба хиради русӣ» таърифи умумии «хиради русӣ»-ро инкор менамояд.

Посух ба масъалаи болоӣ ё имрӯз яҳудиён «ҳукмрони илми ҷаҳон»-анд, шояд дар замони ҳозира, ки аксарият барандагони Ҷоизаи нобелӣ намояндагони миллати яҳуд мебошанд, дуруст гирад. Дар чунин маврид ҳақ ба ҷониби файласуфи шуҳратёри тоҷик А.Турсон аст, ки зимни як суҳбаташ иброз дошта буд: «Дар таърихи башарият се миллат - яҳуд, арман ва тоҷик ҷафодидатарин миллатҳои ҷаҳонанд, вале ду миллати аввала миллатҳои баргузида гардиданду фаҳмиши миллати тоҷик то имрӯз дар сатҳи маҳал боқӣ мондааст». Ин гуфтҳои академик А.Турсон боиси таҳсину офаринанд, зеро дар замони имрӯза аксарият олимони тоҷик ё фаҳмишашон дар атрофи қавму қабила ва маҳал чарх мезанад, ё дар хизмати дини арабанд, ё дар хидмати пантуркистонанд ва ё худ араб ё пантуркист шудаанд.

Мисоли равшани ин гуфтаҳоро дар китоби дастаҷамъонае чун «Ҳикмати таҳаммул» вомехӯрем ва мебинем, ки чи гуна олимони табиатшиносу ҷомеашиноси мо дар хизмати як пантуркист ва исломисти муосир қарор доранд.

Акнун дар бораи таркиби соҳавии Ҷоизаи нобелӣ чанд нуктаро зикр кардан ба маврид аст. Саҳми бузурги яҳудиён дар илми иқтисод зоҳиран метавонад анъанаи иштироки онҳоро дар ҳаёти иқтисодӣ ва пажӯҳишоти иқтисодӣ баён намояд. Ба ҳамагон маълум аст, ки аз се бунёдгузори бузурги иқтисоди ҷаҳон ду нафарашон - К.Маркс ва Д.Рикардо - яҳуд буданд. Ҳамзамон, тадқиқотҳои охир нишон доданд, ки саҳми яҳудиён оид ба усулҳои математикӣ дар иқтисод ва рушди кибернетикаи иқтисодӣ хеле бузург аст.

Дар бораи комёбиҳои олимони яҳудӣ дар соҳаи физика ҷойи шубҳа нест, зеро бо афзоиши нақши коркарди назариявии ин илм, ки бо талаботи зеҳни муайян алоқаманд аст, андозаи махсус ба олимони яҳудӣ хос мебошад. Дар бораи химия бошад, ҳоҷати баҳс ҳам нест. Агар сухан сари шумораи ками ҷоизадорони яҳудӣ дар адабиёт равад, шояд посух дар набудани давлати мустақил барои садсолаҳо, ки решаҳои адабиёти ин миллат ба он пайванданд, бошад. Ҷоизаи нобелӣ дар бахши таҳкими сулҳ, ба яҳудиён аз он сабаб кам насиб гардидааст, ки ин миллат дар як давлати кӯчак умр ба сар мебаранд. Умуман дар байни дорандагони Ҷоизаи нобелӣ дар тамоми соҳаҳо нақши яҳудиён назаррас буда, онҳо ба бузургтарин дастовардҳои илмӣ ноил гардидаанд. Масалан, ба ҷадвали ба муносибати 100-умин солгарди таъсиси Ҷоизаи нобелӣ тартибдодаи профессор ва узви пайвастаи Академияи байналхалқии информатика Арон Черняк назар афканед:

| **Соҳа** | **Муқдори умумӣ** | **Шумораи яҳудиён** | **Саҳми яҳудиён** | **Ҷой дар соҳа** |
|---|---|---|---|---|

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Иқтисод | 32 | 11 | 34,4% | 1 |
| Физиология | 155 | 42 | 27,1% | 2 |
| Физика | 140 | 35 | 25,4% | 3 |
| Химия | 116 | 19 | 16,4% | 4 |
| Адабиёт | 89 | 11 | 12,4% | 5 |
| Сулҳ | 75 | 6 | 8,0% | 6 |
| **Ҷамъ** | **607** | **124** | **20,3%** | |

Сарчашма: lechaim@lechaim.ru

Дар бораи вазъи илми Русия бояд ҳаминро зикр кард, ки дар ин кишвар то ибтидои соли 2000-ум шумораи дорандагони Ҷоизаи нобелӣ ба нуздаҳ адад расид. Дар миёни ҷоизадорони Русия 8 нафар ё 42%-ашон яҳудианд, ки аз онҳо дар адабиёт - Б.Пастернак ва И.Бродский, дар физиология ва тиб - И.Мечников, дар физика - И.Там, И.Франк, Л.Д. Ландау, Ж.Алферов ва дар иқтисод - Л.Канторович (ягона иқтисодчии Русия дорандаи ин ҷоиза) мебошанд.

Нахустин яҳудие, ки ба гирифтани Ҷоиза нобелӣ мушарраф гардид, физики маъруфи олмонӣ Адолф фон Байер (соли 1905, дар соҳаи кимиё) буд. Ӯ тӯли 70 сол дар илми химияи ҷаҳонӣ пешқадам буд ва мактаби машҳури илмии хешро таъсис дод. Байер муаллифи бисёр кашфиётҳо оид ба саноати синтези органикӣ буда, дар ташаккул ва рушди илм таъсири бузург дошт. Инчунин, бунёди бисёр мактабҳои илмӣ ва як қатор корҳо дар бораи бензол, фотосинтези растанӣ, ализарин, аспирин, веронал ба номи вай пайвастагӣ доранд.

Нахустин барандагони Ҷоизаи нобелӣ дар самтҳои худ аз яҳудиён: А.Майкелсон (1907, физика), И.Мечников (1908, физиология ва тиб), П.Хейзе (адабиёт, 1910), А.Фрид ва Т.Ассер (таҳкими сулҳ, 1911) ва П.Самуэлсон (иқтисод, 1970) мебошанд.

Ҷоизаи нобелӣ таваҷҷуҳи қишри поёнии ҷомеа - ноболиғон ва собиқ маҳбусони лагерҳои консентратсионии фашистиро низ ҷалб намуд. Соли 1981 ҷоиза дар бахши кимиё ба олими ИМА

Роалд Хоффман супорида шуд. Вақте ки ӯ ҷоизаро аз котиби Кумитаи нобелӣ С.Рамел гирифт, котиб ба гиристан оғоз кард, зеро ӯ ҳолномаи Хоффманро хуб медонист. Хофмани чорсола аввал дар гетто ва баъдан дар лагери консентратсионӣ (соли 1941, дар Украина) нигоҳ дошта мешуд. Соли 1943 падараш ӯ ва модарашро дар як деҳаи хурд пинҳон кард, ки онҳоро сокинони деҳа нигоҳубин мекарданд. Сипас, Хоффман дар Донишгоҳи Колумбия (тиб), Ҳарвард (физика), Упсалаи Шведсия (химияи квантӣ) таҳсили илм карда, барои таҷрибаомӯзӣ ба Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов омад. Имрӯз Хоффман яке аз кимиёшиносони бузурги ҷаҳон буда, муаллифи маҷмӯаҳои шеърии «Муболиға аз Маркс», «Агар туро фаромӯш кунам, Байтулмуқаддас», «Самараи хотира», «Солитон» ва ғайра мебошад.

Соли 1986 Ҷоизаи нобелии сулҳ ба нависандаи маъруф, очеркнавис, профессори иудаизм аз Нью-Йорк ва раиси Шӯрои амрикоии ёдгориҳо оид ба фалокати яҳудиёни Аврупо Эли Визел тақдим карда шуд. Визел соли 1928 дар Руминия, дар оила ҳасидик (Hasidic) таваллуд шуда, соли 1944 оилаи онҳо дар лагери Бикернау нигаҳдорӣ мешуд ва падару хоҳари Визел дар он ҷо вафот карданд. Сипас, Визел ба Бухенвалд, ки дар он ҷо ӯро марг интизор буду бо кӯшиши Артиши Сурх наҷот ёфт, раҳсипор гардид. Дар соли 1958 нашриёти ИМА маҷмӯаи шеърҳои Визелро бо номи «Шабона» интишор намуд, ки он яке аз сернаштарин китобҳо дар саросари ҷаҳон гардида, ба 18 забон тарҷума шуд. Дар романи «Дар ҷаҳони хомӯш» ва дар асари сеҷилдаи «Бар зидди хомӯшӣ» афродеро, ки дар раванди Ҳолокост хомӯш буданд, мазаммат мекунад ва романи «Гадо дар Байтулмуқаддас» бошад, оид ба ҷанги шашрӯза қисса менамояд. Визел муаллифи беш аз 30 китоб буда, ба ордени Легиони фахрӣ (Фаронса), медали Конгресси ИМА ва дигар мукофотҳои олӣ сарфароз гардонида шудааст.

Соли 1992 аз байни ҳафт нафар ҷоизадорон чор нафарашон яҳудӣ буданд. Яке аз онҳо Жорж Шарпак, олими маъруф дар соҳаи зарраҳои бунёдӣ, ихтироъкори як қатор асбобҳои асосии рентгенология ва аъзои Академияи илмҳои Фаронса буд. Шарпак низ дар замони кӯдакиаш ба лагери нобудсозии Дахау фиристода шуда, тӯл як сол байни ҳаёт ва марг мубориза бурд ва дар охири ҷанг, ки бо мағлубияти Олмони фашистӣ анҷом ёфт, озод карда шуд.

Ин се нафар ғолибони Ҷоизаи нобелӣ, ки дар замони кӯдакӣ ё наврасӣ дар лагерҳои нобудсозии маҳбусон нигаҳдорӣ мешуданд, бо шарофати ҳаводиси тасодуфии хушбахт наҷот ёфтанд. Шояд аз байни миллионҳо кӯдакон - қурбониёни миллатчигиҳои фашистӣ бисёре аз онҳо дар оянда дорандагони Ҷоизаи нобелӣ мегардиданду баҳри рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ саҳми арзанда мегузоштанд, буданд.

Хулосаи калом, бо шарофати офтоби тобноки истиқлолияти комили сиёсӣ ва ваҳдату якпорчагии миллати тоҷикистонӣ кулли мардуми шарифи кишвар ором осуда умр ба сар мебаранд. Аз ин рӯ, мардуми ватани маҳбуби моро месазад, ки атрофи як идеологияи миллии созанда муттаҳид гардида, баҳри пешрафту шукуфоии ин сарзамин мисли ангуштони як даст ва гулҳои як чаманистон амал намоянд. Дар идомаи ин гуфтаҳо умед бар он дорем, ки олимону донишмандони тоҷикистонӣ ҳам бояд дар талоши ин бошанд, то рӯзе шарафи доштани чунин ҷоизаро дар Тоҷикистон таъмин намоянд.

**Гулназар ҚУРБОНОВ**
*омӯзгори МТМУ №33, шаҳри Ҳисор*
**Бунафша НАЗАРОВА**
*омӯзгори МТМУ №65, шаҳри  Душанбе*

## Саҳми риёзидонон ва ҳайатшиносони асримиёнагии

Илм ва Ҷомеа

Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**
**№ 3 (11), 2018**

Маҷалла 17 декабри соли 2015 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст ва дар як сол чор маротиба нашр мешавад.

**Муассис:** Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва тарроҳ:** Бозорбой Ибодов

**Ҳайати мушовара:** Фарҳод Раҳимӣ, Абдуҷаббор Раҳмонзода, Талбак Назаров, Мӯсо Диноршоев, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Пӯлод Бобоҷонов, Комил Бекзода, Ёрмаҳмад Ниёзӣ.

www.ravshanfikr.tj

**тоҷик дар рушди риёзии Аврупо**

Таърих гувоҳ аст, ки ҳар як халқу миллат бо дастовард, кашфиёт, осори илмӣ, таърихӣ ва фарҳангии худ дар ганҷинаи илму маърифати ҷаҳонӣ нақши бориз гузоштааст ва аз ин рӯ мақому манзалат ва ҷойгоҳи худро миёни дигар халқияту миллатҳо пайдо намудааст. Дар ин миён тоҷикон бо мероси бою ғании илмӣ ва фарҳангӣ чун офтоби дурахшон ба оламиён нур мепошанд ва бо рӯшноии худ ҷомеа ва оламро равшану мунаввар месозанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки олимони қурунвустоии тоҷику форс дар таърихи инкишофи улуми риёзӣ ва ҳайатшиносӣ мақоми баландро соҳиб буданд, лекин ба комёбиҳои эшон солҳои тӯлонӣ баҳои сазовор дода намешуд. Нигаҳдорӣ ва расондани мероси илмии халқҳои Юнону Рим ва Мисру Ҳинд ба Аврупо хизмати ягонаи онҳо ҳисоб меёфт. Ин гуна фаҳмиш барои он асрҳои зиёд дар тафаккури илмӣ ҷой гирифт, ки ёдгориҳои илмӣ ва сарчашмаҳои хаттии гузаштагонамон ҳангоми истилои Хуросон ва Мовароуннаҳр аз ҷониби арабҳо (асри VIII) несту нобуд гардида буданд. Баъди заволи дуру дароз илмҳои риёзӣ ва ҳайатшиносӣ аз ибтидои асри IX рӯ ба инкишоф ниҳоданд. Асарҳо ҳамон замон бештар ба забони арабӣ таълиф меёфтанд, зеро ки он забони расмии аксари мамлакатҳо аз Испания то Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, риёзӣ ва ҳайатшиносии он даврро дар адабиёти илмӣ - илми давлатҳои исломӣ (ё араб) ном мебаранд, ки комилан ғалат аст.

Бояд тазаккур дод, ки тадқиқоти солҳои охири асри XX олимони Русия, Тоҷикистон, Эрон ва дигар кишварҳои хориҷа дар асоси омӯзиши дастхатҳои аслии дар китобхонаҳои мамолики Аврупо, Русия ва ғайра маҳфуз буда нишон доданд, ки дар тӯли 500 соли инкишофи риёзӣ (асрҳои IX-XV) ҷои нахуст ба олимони Осиёи Миёна ва Кавказ, қабл аз ҳама, ба тоҷику форсҳо тааллуқ дорад. Муаррихи риёзии собиқ ИҶШС А.П.

Юшкевич дар асари «Оид ба риёзии халқҳои Осиёи Миёна дар асрҳои IX-XV» ба ин масоил таваҷҷуҳ зоҳир намуда, навиштааст: «Дар ҳақиқат, бо ном риёзии араб ҳаргиз риёзии араб набуд, чуноне ки риёзии лотинӣ вуҷуд надошт; илме ки бо он олими фаронсавӣ Ферма, итолиёвӣ Торричелли, англис Ниютон, олмонӣ Лейбнитс ва академики рус Эйлер менавиштанд». Муҳаққиқ Г.Собиров, ки дар таҳқиқи таърихи риёзии тоҷик саҳми арзанда дорад, дар китоби «Инкишофи математика дар Осиёи Миёна (асрҳои XV-XVII)» қайд мекунад, ки муаррихони Ғарб мафҳуми «риёзии араб» - ро дар илм шомил карданд.

Донишмандони тоҷику форс дар рушди илми ҳисоб (арифметика) шуҳратманд буданд. Таърих собит сохтааст, ки мафҳуми адад пойдевори бинои муҳташами илми риёзиро ташкил медиҳад. Муаррихони илм нишон доданд, ки меъморони он дар қатори олимони Юнони Қадим ва кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, Чин, Ҳинд ва Осиёи Миёна ҳисоб мешаванд. Агар дар асарҳои Уқлидус (Евклид) таърифи номукаммали адад, дар асарҳои Пифагор, Арасту, Никомах ва дигарон назарияи ададҳои мусбати бутун, дар эҷодиёти Эвдокс, Эратосфен, Архимед ва дигарон назарияи касрҳои одӣ ва мутаносибӣ сохта шуда бошанд, он гоҳ рушди минбаъдаи он ба олимони тоҷику форс марбут будааст. Дар асрҳои IX - XVII дар Осиёи Миёна асарҳои зиёд оид ба арифметикаи амалӣ ва назариявӣ эҷод шудаанд. Риёзидони эронӣ Кушёр ибни Лаббан Ҷилӣ (асри X) дар рисолаи «Оид ба ибтидои ҳисоби ҳиндӣ» нахустин бор баёни даҳ рақами ҳиндӣ ва системаи позитсионии даҳӣ барои ададҳои бутун ва ғайрибутуни мусбат дучор меояд, ки бешак ин комёбии басо бузург буд. Дар ибтидои асри XI асарҳои риёзидони дигари эронӣ Абубакри Қараҷӣ (Алқархӣ) - «Китоби ҳисоб» ва «Алфахрӣ» интишор шудаанд. Баъдан китоби мутафаккири барҷастаи тоҷик Абӯалӣ ибни Сино (980-1037) «Арисмотайқӣ» дар пайравии Евклид таълиф мегардад, ки онро бо тавзеҳоту луғатҳо (соли 1991) адабиётшинос И.Хоҷаев ба

табъ расонд. Бо вуҷуди маълумоти зиёди назариявии баамаломада то асри XIII таърифи илмии мафҳуми адад вуҷуд надошт. Риёзидони намоёни тоҷик Насириддини Тӯсӣ (асри XIII) ин масоилро ҳал кард. Вай нахустин шуда таърифи илмии ададро ҳамчун нисбати ҳаргуна бузургиҳои якҷинса (ҳамченак ва беҳамченак) баён кард. Ба пайравӣ аз корҳои Тӯсӣ (1201-1274) баъди 320 сол риёзидони нидерландӣ С. Стевин ва пас аз 500 сол яке аз асосгузорони илми табиатшиносӣ Исаак Нютон (1643-1727) ҳамин гуна таърифи ададро такрор намудаанд.

Аксари кашфиёти пурарзишии соҳаи ҳисоб ба олимони мактаби илмии Самарқанд (асри XV) мансубанд. Дар як мактаби илмӣ ҳамаи олимони намоёни он давр (Қозизодаи Румӣ, Ғиёсиддини Кошонӣ, Мирзо Улуғбек, Алиқушчӣ ва дигарон) муттаҳид шуданд, ки ин ба пешрафти илмҳои табиатшиносӣ мусоидат намуд. Ғиёсиддини Кошонӣ (ал-Кошӣ) (асри XV) дар асарҳояш «Мифтоҳ-ал-ҳисоб» ва «Рисола доир ба давра» назарияи мукаммали ададҳои касриро кор карда баромад. Шогирди ӯ Алиқушчӣ (асри XV) новобаста аз чиниҳо дар «Рисола оид ба касрҳо» ва «Китоб-ул-Муҳаммад» бори аввал касрҳои даҳиро кашф намуда, ба назарияи ададҳои мусбат ва манфӣ дар Шарқи Наздик ва Миёна асос гузошт. Бесабаб нест, ки олими фаронсавӣ Э.Ф. Гауте аҳамияти ин кашфиётро дар назар дошта қайд мекунад, ки: «фарҳанги Аврупо… тавассути кашфиёти мусулмонӣ ғанӣ шуд; дарвоқеъ, илми ҳисоби муосири Ғарб танҳо идомаи ҳамон илми ҳисоби мусулмонон аст». Корҳои Кошӣ ва Қушчӣ барои риёзидонони Аврупо номаълум монданд. Аз ин рӯ, онро ба С.Стевин нисбат медиҳанд. Стевин бошад, касрҳои даҳиро баъди 160 сол дар Аврупо дар асари «Даҳиҳо» ва баъдтар Кавалери аз нав кашф кардаанд. Ва бо ҳамин таълимот оид ба касрҳо дар китобҳои дарсии мактабҳои Аврупо ворид гаштанд.

Яке аз комёбии бузурги олимони Осиёи Миёна ба вуҷуд омадани алгебра ҳамчун илми мустақил ҳисоб мешавад.

Тафсири он бори аввал дар асари риёзидон ва нуҷумшиноси бузурги асри IX Муҳаммад ибни Мӯсо Хоразмӣ (780-850) «Китоб-ул-ҷабр ва л-муқобала» нишон дода шудааст. Бояд ёдовар шуд, ки Хоразмӣ дар илми ҷаҳонӣ, қабл аз ҳама аз рӯйи асари «Китоб-ул-ҷамъ ва ут-тафриқ би-ҳисоб ул-Ҳинд» машҳур гардида, китоби номбурда дар асри XII аз арабӣ ба лотинӣ тарҷума шуда буд. Ба воситаи ин асар олимони аврупоӣ ба ҳисоби ҳиндӣ - арабӣ ошно шуданд ва аз ҳамон вақт дар илми риёзии ҷаҳон рақамҳои арабӣ низ ворид гаштанд.

Қуллаи баландтарини муваффақиятҳои риёзии асри XI-XII корҳои алгебравии шоир, файласуф ва риёзидони бузурги форсу тоҷик Умари Хайём (1048-1131) ҳисоб мешавад. Хайём дар китоби «Доир ба исботи масъалаҳои алҷабр ва алмуқобила» (1069-1071) усули умумии геометрии ҳалли муодилаҳои кубиро кор карда баромада, нуздаҳ намуди ин гуна муодилаҳоро тадқиқ кардааст. Ва бо ҳамин вай дар ҳалли муодилаҳои алгебравӣ ба геометрия бартарӣ дод.

Дар силсилаи кашфиёти риёзидонони тоҷику форс кашфи бином мавқеи махсусро ишғол менамояд. Муҳаққиқи соҳаи таърихи риёзӣ А.П. Юшкевич тахмин мекунад, ки Кошонӣ 400 сол пеш ва Умари Хайём 600 сол қабл аз Нютон ҷудокунии биномро маълум намуда буданд. Аммо ҷои таассуф аст, ки то ҳанӯз ин мафҳуми риёзӣ дар адабиёти илмӣ ва методӣ бо номи Хайём ёд карда намешавад. Файласуф ва донишманди шинохтаи тоҷик Акбар Турсон қайд мекунад, ки «ин ном иштибоҳан (бо номи Нютон, - қайди Қ.Г.) расм шудааст». Дар адабиёти таълимӣ ва методии минбаъда, ки ба забони тоҷикӣ таълиф мешавад, он бояд бо номи биноми Хайём - Нютон ёдоварӣ карда шавад.

Масоили баровардани адад аз реша низ ҳамингуна таърих дорад. Олимони Чин ва Ҳинд усули решабарориро танҳо барои решаи квадратӣ ва кубӣ медонистанд. Дар тадқиқоти Кушёр ибни Лабан Ҷилӣ методи аз решаи квадратӣ баровардани адад дучор меояд, ки он бо тарзи Руффини - Ҳорнер (асри XIX)

мушобеҳ аст. Усули содатарини аз решаи кубӣ баровардани ададро 800 сол пеш аз ин олимон Абулҳасани Насавӣ (асри X-XI) маълум намудааст. Усули аз таҳти решаи ихтиёрии тақрибӣ баровардани адад бошад, аввалин бор дар Осиёи Миёна ба вуҷуд омад. Дар ин соҳа комёбиҳои шоёни диққатро риёзидонони тоҷику форс асрҳои XV-XVII Алии Қушчӣ, Баҳовуддини Омулӣ ва Наҷмуддини Алихон ҳосил намудаанд. Усулҳои онҳо дар муқоиса ба олимони Аврупо роҷеъ ба ин масоил то ҳанӯз мавриди тадқиқ қарор нагирифтаанд.

Риёзидонони Осиёи Миёна ба кор карда баромадани усулҳои тақрибии ҳалли баъзе намудҳои хусусии муодилаҳои дараҷаи олӣ низ машғул буданд. Ғиёсиддини Кошонӣ барои ҳалли муодилаи кубӣ усули итератсионии бисёр аҷибро кашф кард, ки онро дар асри XIX, яъне пас аз 330 сол риёзидони англис Ҳорнер аз нав кашф намуд ва олими рус Т.Ф. Осиповский (асри XIX) бошад, онро ба «Курси риёзӣ» ворид кард. Дар бораи ин комёбӣ риёзидони маъруфи олмонӣ Ҳерман Ҳанкел (асри XIX) навиштааст, ки аз рӯи саҳеҳӣ ва нафисӣ он аз усулҳои ҳалли тақрибие, ки дар кишварҳои Ғарб баъд аз Виет кашф шуда буданд, ҳеҷ монданӣ надорад. Дар таркиби усули Кошонӣ инчунин усули ҷудокунии решаҳо низ дохил мешавад, ки онро баъдтар Нютон такрор намудааст. Алгебра баъди ин дар асарҳои риёзидонҳои минбаъдаи Осиёи Миёна, ки роҷеъ ба мафҳумҳои асосии алгебра (ҳалҳои ҳақиқӣ ва каззобии муодилаҳо, классификатсияи муодилаҳо ва ғайра) сермаҳсул кор мекарданд, рушд ёфт. Бахусус вобастагии байни решаҳо ва коэффитсиентҳои муодилаи квадратӣ, ки Наҷмиддини Алихон (асри XVI) онро дар рисолаи «Алгебра» кашф намуда бори нахуст дар адабиёти илмӣ бо назм ифода кардааст, кашфиёти бузург дар риёзӣ ҳисоб мешавад. Риёзидони фаронсавӣ Франсуа Виет онҳоро дар асри XVII аз нав маълум кард ва бо номи ӯ (теоремаи Виет) машҳур шуд. Дар шароити имрӯза бояд муаллифони китобҳои таълимии алгебраи мактабӣ ин

вобастагиро бо унвони теоремаи Алихон - Виет номгузорӣ кунанд. Бо омилҳои зиёди иҷтимоию сиёсӣ алгебра дар асрҳои XVII-XVIII дар давлатҳои Аврупо ривоҷу равнақ ёфт.

Риёзидонони тоҷику форс асосгузори тригонометрия низ буданд. Тавассути асарҳои олимони Хуросон ва Осиёи Миёна он то андозае ба илми мустақил табдил ёфт. Чи тавре ки академик А. Ҷӯраев (1932 - 2003) ва муаррихи риёзӣ Г. Собиров қайд мекунанд, кашфиёти муҳимтарини онҳо дар ин соҳа «… ворид намудани мафҳумҳои асосии хатҳои тригонометрӣ ҳисоб меёфтанд» . Аҳмади Марвазӣ (асри VIII-IX) аввалин олимест, ки мафҳуми косекансро, Абунасри Форобӣ (асри IX-X) ва Муҳаммад Абулвафо Бузаҷонӣ (асри X) бошанд, хатҳои тангенсу котангенсро дар илм ворид намудаанд. Махсусан натиҷаҳои Абулвафо дар ин соҳа бузург буданд. Ӯ нахустин маротиба дар таърихи илм радиуси давраи тригонометриро ба воҳид баробар қабул кард. Ин комёбӣ дар илм табаддулоти куллиро ба вуҷуд овард ва боиси ифтихору сарфарозист, ки донишмандони ҳамаи соҳаҳо пайваста ба он сару кор доранд, агарчи онро олимони Аврупо баъд аз вай ошкор намуданд. Олими англис Томас Бравардин (асри XIV) ва олмонӣ Региомонтан (Иоҳанн Мюллер) (асри XV) ин мафҳумро дар асри XV аз нав такрор намуданд. Исботи теоремаҳои синусҳо, теоремаи тангенсҳо барои секунҷаи сферикӣ ва ғайра ба Абулвафо тааллуқ доранд. Бесабаб нест, ки дар ин соҳа ӯ бо унвони фахрии «Птолемейи сонӣ» мушарраф гардида, пас аз вай шогирдаш Абдураҳмон ибни Юнус (асри X) таълимоти устодашро дар Миср паҳн кард. Ба исботи ҷолиби теоремаи синусҳо барои секунҷаи сферикӣ бори нахуст Муҳаммади Хуҷандӣ (асри X) сарфароз гаштааст. Донишманди аз ҳамаи илмҳо воқиф Абурайҳон Берунӣ (асри X-XI) бошад, дар пайравии Абулвафо тарзи амалии ҳисоб намудани масофаҳои дастнорасро бо ёрии теоремаҳои тангенс ва котангенс муайян намуда, авалин бор дар таърихи илм дарозии радиуси Заминро

муқаррар кард, ки он аз натиҷаҳои ҳозиразамон хеле кам тафовут дорад.

Насириддини Тӯсӣ дар ин соҳа «Рисола дар бораи чортарафаи пурра» (соли 1260) - ро навишт, ки дар он тригонометрияи ҳамворӣ ва сферикӣ ҳамчун фанҳои мустақил дида баромада мешавад. Мувофиқи маълумотҳо дар давоми ҳашт аср (IX-XVII) дар Осиёи Миёна бештар аз сад ҷадвали тригонометрӣ (бо саҳеҳии басо бузург) тартиб дода шуда буданд.

Олимони тоҷику форс дар инкишофи геометрия низ саҳми муносиб доранд, ки нақши онҳо дар қатори таҳқиқи мафҳумҳои зиёди геометрӣ (таърифҳо, аксиомаҳо, ҳисоб намудани масоҳатҳо, ҳаҷми ҷисмҳо ва ғайраҳо) дар исботи постулати V Евклид роҷеъ ба хатҳои параллелӣ басо бузург аст. Муаррихони намоёни аҳди Шӯравӣ Б.А. Розенфелд ва А.П. Юшкевич сӣ сол муқддам дар асари «Назарияи хатҳои параллелӣ дар асрҳои IX-XIV Шарқи асримиёнагӣ» нишон дода буданд, ки кӯшиши аввалини исботи постулати V ба ал-Аббос ибни Саид Ҷавҳарӣ (асри IX) тааллуқ дорад. Ҷавҳарӣ ин амалро дар рисолаи «Такмилдиҳии китобҳои «Ибтидо» - и Евклид» ба ҷо овардааст, ки ин исботи вай ба риёзидонони минбаъда таъсири бузург расонид. Дар ин рисола Ҷавҳарӣ бори аввал исбот намуд, ки агар аз болои ҳаргуна нуқтаи ихтиёрии дохилии кунҷ хати рост гузаронида шавад, онгоҳ он ҳар ду тарафи кунҷро бурида мегузарад. Баъди гузаштани 10 аср ин тасдиқро соли 1882 олими олмонӣ Морис Паш (асрҳои XIX-XX) ба сифати аксиома қабул намуд ва он бо номи аксиомаи Паш машҳур гаштааст, ки он бояд аз рӯи ҳақиқат аксиомаи Ҷавҳарӣ - Паш бошад. Ба ин масоил Абулаббоси Найризӣ (ваф. асри X), Абӯалӣ ибни Сино, Абуҷафъари Хазинӣ (ваф. асри X), Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Насириддини Тӯсӣ, Асириддни Алабхарӣ (ваф. асри XIII), Шамсиддини Самарқандӣ (асри XIII), Қутбуддин Маҳмуди Шерозӣ (асрҳои XIII - XIV) ва дигарон машғул буданд. Андешаҳои Умари Хаём ва Насириддини Тӯсӣ дар рушди

таълимоти назарияи хатҳои мутавозин то кашфи ба вуҷуд омадани геометрияи ғайриевклидӣ нақши муайянеро бозидаанд. Умари Хайём кӯшишро аз исботи чоркунҷае оғоз намудааст, ки аз он амалан ҷумлаҳои геометрияи ғайриевклидӣ ҳосил мешаванд. Ин чоркунҷаро баъдтар риёзидони итолиёвӣ Ҷованни Саккёри (асрҳои XIII-XVIII) баррасӣ кард ва ҳоло онро дар илми муосир «чоркунҷаи Саккёрӣ» меноманд. Ҳзорон маротиба ҳақ ба ҷониби олимони рус Б.А. Розенфелд ва А.П. Юшкевич аст, ки чоркунҷаро - чоркунҷаи Хайём - Саккёрӣ номидаанд. Насириддини Тӯсӣ назарияи Хайёмро инкишоф дода, дар рисолаи «Тавсифи Евклид» нахустин бор дар таърихи риёзӣ аксиомаҳои мавҷудият ва интихобро кашф намуд. Дар асри XIII ва асрҳои минбаъда кӯшиши исботи постулати V аз тарафи Алабхарӣ, ки он дар асари «Такмилдиҳии «Ибтидо»-и Евклид» баён ёфтааст, хеле паҳн гашта буд.

Тавассути тарҷумаи лотинии асарҳои олимони форсу тоҷик ин дастовардҳо дастраси аҳли илми Аврупо гардида, ба кашфиёти геометрияи ғайриевклидӣ замина гузоштанд. Аз осори Ибни Ҳайсам, Ибни Сино ва дигарон истифода бурда, олими лаҳистонӣ Витело (асри XIII) аввалин шуда дар асараш «Пешомад» исботи постулати V - ро додааст. Дар исботи донишманди фаронсавӣ Лев Герсонид (асрҳои XIII - XIV) ва испанӣ Алфонсо Волядолит (асри XIV), ки асарҳои хешро ба забони ибрӣ (яҳудӣ) менавиштанд, таъсири олимони тоҷику форс ба назар мерасад. Исботи назарияи хатҳои мутавозин дар Аврупо минбаъд дар асрҳои XVI-XVIII густариш ёфт. Риёзидони сербӣ Фредрик Грисогоно (асрҳои XV-XVI), олмонӣ Христофор Клавий (асри XVI), итолёвиҳо Петро Антонио Каталди (асрҳои XVI-XVII) ва Витале Ҷордано (асрҳои XVII-XVIII), фаронсавӣ Андриен Лежандр (асрҳои XVIII-XIX) ва дигарон ин масоилро муҳокима кардаанд. Дар давоми асри XVIII ҳафтод усули исботи постулати V нашр шуд, ки дар ҳамаи онҳо таъсири олимони шарқӣ мушоҳида мешавад. Ҳамин тавр, дар инкишофи

назарияи хатҳои мутавозин олимони ҳамаи миллату кишварҳои гуногун саҳми бузург гузоштаанд, вале хизмати олимони тоҷику форс дар ин соҳа беназир буд.

Солҳои 60 - 80 - уми қарни XX дар Тоҷикистон тадқиқот дар соҳаи осори риёзии мутафаккирони тоҷику форс инкишоф ёфта буд. Ба ин пешравӣ, агар аз як тараф, азму таҳқиқи донишмандони маъруфи Институти таърих ва техникаи Академияи илмҳои ИҶШС Б.А. Розенфелд, А.П. Юшкевич, П.Г. Булгаков ва дигарон ва олимони намоёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Москва ба номи Н.К. Крупская И.К. Андронов, Б.Л. Лаптев ва ғайра боис шуда бошад, аз тарафи дигар худи муҳаққиқони макотиби таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба ин масоил шавқу рағбати зиёд зоҳир карда буданд. Масалан, солҳои 60-70-ум асри XX нуҳ танҳо дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ нафар - Г.Собиров, Д.Мамедова, У.Шерматова, Н.Бобоев, А.Қодиров, Т.Шодиев, М.Шерматов, М.Бадалов, М.Яъқубов ба тадқиқи риёзӣ, ҳаракати ҷисмҳои осмонӣ ва ҷадвалҳои астрономии олимони Шарқи Наздик ва Миёна машғул буданд. Аксарияти онҳо зери роҳнамоии риёзидон ва педагоги намоён И.К. Андронов (1895-1975) рисолаҳои номзадӣ дифоъ кардаанд. Бояд қайд кард, ки муҳаққиқони соҳа аз тарафи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба вижа академик М.С. Осимӣ ҳамеша кумак ва дастгирӣ эҳсос мекарданд. Мутаасифона, солҳои охир тадқиқот роҷеъ ба таърихи риёзӣ коҳиш ёфт. Шуъбаи таърихи улуми техникию табиатшиносии Академияи илмҳои ҷумҳурӣ дар пажӯҳиши осори риёзӣ ва ҳайатшиносии ниёгонамон саҳми арзанда дорад. Умед аз он дорем, ки бахри ифтихори миллӣ, барои рушди тадқиқоти соҳа арсаи васеъ бунёд карда мешавад.

Аз баёни саҳми донишмандони тоҷику форс дар инкишофи риёзӣ ва фарҳанги ғании ҳайатшиносӣ метавон хулосаҳои зерин баровард: Даъвои муаррихони риёзии хориҷӣ дар бораи он, ки хизмати ягонаи олимони тоҷику форс гӯё нигоҳдорӣ ва

расонидани мероси илмии юнониҳо ва ҳиндуҳо ба доираи илмии Аврупо бошад, андешаҳои ботил ҳастанд. Бояд қайд намуд, ки кашфиёти муҳақиқони Осиёи Миёна ва Ховари Наздик асоси пешрафти илми риёзии аврупоиёнро ташкил додаанд. Аз ин пас масъулонро зарур аст, ки ҷиҳати тақвият бахшидан ба бедории фикрии ҷавонон, боло бурдани ҳисси хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ муайян намудани ҳақиқати илмӣ ва тантанаи адолати таърихӣ дар таълиф ва таҳияи китобҳои дарсӣ, маводи таълимӣ, рӯзномаю маҷалла нақши арзандаю муассири аҷдодони мо дар тамаддуни ҷаҳонӣ нишон дода шавад.

Барои ба оламиён шиносонидани донишмандони тоҷику форс ва пайдо намудани абадияти маънавии миллат танҳо саромадон (Хоразмӣ, Кушёр, Тӯсӣ, Хайём, Насавӣ, Марвазӣ, Абулвафо, Ибни Сино, Румӣ, Кошонӣ, Алиқушчӣ ва дигарон)-ро дар хотир нигоҳ доштан ва рӯи қоғаз овардан ҳанӯз кифоя нест. Ҷидду ҷаҳд бояд кард, ки бузургдошти онҳоро (бо нашри осорашон, тарғибу таблиғи ақоиди илмиашон, дар фарҳанги умумибашарӣ маълум кардани мавқеашон ва ғайра) ҳифз карда тавонем. Тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон (тав. 1952) пайваста таъкид менамояд, шинохти таърихи худ, огоҳӣ аз фарҳанг ва маданияти бою ғании аҷдод, саҳм ва нақши тоҷикон дар ганҷинаи тамаддуни олам дар тарбияи маънавии насли наврас ва ҷавонон нақши бориз хоҳад гузошт.

Сарчашмаҳо

1. Ғуломов И. Таърих ва методологияи математика. - Душанбе: Маориф, 1999. - 446 С.
2. Собиров Г. Инкишофи математика дар Осиёи Миёна (асрҳои XV - XVII). - Душанбе: Ирфон, 1972. - 114 С.
3. Турсунов А. Эҳёи Аҷам. - Душанбе: Ирфон, 1984. - 124 С.

4. Шерматова У.К., Фридман Л.М. Истифодаи элементҳои таърихи математикаи Осиёи Миёна дар таълими математика. - Душанбе: Маориф, 1986. - 220 С.
5. Юшкевич А.П. Историко - математические исследования. Вып. 4. - Москва, ГИТА, 1950. - 457 С.
6. Боголюбов А.Н. Развитие математики и математических знаний в Средней Азии // История Отчественной математики. В 4-х томах, Т.I. - Киев: Наукова думка, 1966. - С.388 - 416.
7. Табаров А., Ғуломов И. Ҳақиқати илмӣ ва беадолатиҳои таърихӣ // Рӯзномаи «Ҷумҳурият», 28.11.2014.
8. Қурбонов Г.Б. Риёзишиносии асримиёнагӣ дар Хуросон ва Осиёи Миёна // Маҷаллаи «Илм ва ҳаёт» - №3 (126), соли 2015. - С.15-18.

**Сагдиева Ш.С., Шарофова М.У.**
*Центр исследования инновационных технологий при Академии наук Республики Таджикистан*

## К ВОПРОСУ О СОХРАНЕНИИ ЗДОРОВЬЯ

«Здоровье не всё, но всё без здоровья ничто»
*Сократ (469-399 гг. до н.э.)*

Здоровая личность – основа успешной самореализации в образовательном процессе и последующей трудовой деятельности, в семейной жизни и социальной деятельности. Повышение интереса к здоровью и здоровому образу жизни (ЗОЖ) становится закономерным и наблюдается во всем мире, в том числе и в нашей Республике. Национальная стратегия здоровья населения Республики Таджикистан на период 2010 - 2020 годы, утвержденная постановлением правительства Республики Таджикистан от "2" августа 2010 года, № 265 всесторонне охватывает наиболее актуальные проблемы, связанные с оздоровлением населения страны. Необходимо отметить, что особое внимание уделено укреплению национальной политики здоровья, важности дальнейшего развития информационных систем здравоохранения, с целью широкого охвата различных слоёв населения. Наряду с решением насущных проблем практического здравоохранения, данная стратегия предусматривает необходимость определения детерминант здоровья и формирование навыков здорового образа жизни, подчеркивая важность воспитания у каждого члена общества

ответственности за своё личное здоровье, его сохранение и укрепление во благо общества.

Проблематика сохранения и укрепления здоровья здоровых людей находится в наши дни под пристальным вниманием ученых. Развитие медицины, педагогики и психологии в едином направлении привело к появлению в конце XX века новой области научного знания – поведенческих наук, таких как валеология (от латинского «vale» - быть здоровым, здравствовать) и психология здоровья, которые изучают вопросы здоровья здоровых людей, формирования, сохранения и укрепления здоровья индивида. Это качественно новый подход к решению данной проблемы на современном этапе развития общества, когда каждый человек должен осознавать степень ответственности за сохранение, прежде всего, своего собственного здоровья, а также здоровья своих близких. Однако, эта проблема не так проста, как кажется.

Многие столетия развития медицинской науки постепенно привели к тому, что человек переложил ответственность за свое здоровье на плечи врачей, которые призваны лечить его болезни и избавлять от страданий. Медицина успешно выполняет именно эту задачу, поэтому понимание сохранения здоровья стали тесно связывать с лечением болезней и приемом медикаментов. Принимая во внимание то, что, в среднем, около 15% всего населения земного шара относится к категории больных, которые обращаются за медицинской помощью, можно заключить, что почти 85% населения земли, находятся вне сферы интересов практической медицины [1].

Подавляющее большинство людей, не страдающих какими-либо заболеваниями, пребывают в так называемом промежуточном состоянии, когда человек ещё не болен, но уже и не здоров. Это состояние с годами, рано или поздно приводит к истощению резервов здоровья и его потере. К

великому сожалению, человек задумывается о здоровье только тогда, когда оно уже потеряно. А ведь всем известно, что именно здоровье – основополагающая ценность, с которой человек может наилучшим для себя образом реализовать свой потенциал, решать свои жизненные задачи.

Несмотря на огромные успехи медицинской науки и гигиены за многие годы их успешного развития, количество больных людей не уменьшилось. Более того, ускоренные темпы жизнедеятельности, комфортная жизнь, малоподвижный, сидячий образ жизни, неправильное питание и переедание, психоэмоциональные стрессы, экологические и техногенные загрязнения, социальные и природные катаклизмы и многое другое из года в год оказывают пагубное влияние на здоровье людей.

Что представляет собой понятие «здоровье»? Насколько сложно философам дать исчерпывающее определение истины, а биологам – полное определение жизни, настолько наукам о здоровье сложно представить всеобъемлющее определение здоровья. По формулировке, принятой Всемирной Организацией Здравоохранения: «Здоровье – это состояние полного физического, душевного и социального благополучия, а не только отсутствие болезни или физических дефектов».

Принципиальное отличие валеологического понимания обеспечения здоровья заключается не в лечении и профилактике заболеваний, а в формировании, сохранении и укреплении здоровья. Основная цель – обеспечение здоровья для увеличения продолжительности жизни и сохранения оптимальной трудоспособности до глубокой старости.

По мнению академика Ю.П. Лисицына, «...здоровье человека не может сводиться лишь к констатации отсутствия болезней, недомогания, дискомфорта, оно – состояние,

которое позволяет человеку вести нестесненную в своей свободе жизнь, полноценно выполнять свойственные человеку функции, прежде всего трудовые, вести здоровый образ жизни, т.е. испытывать душевное, физическое и социальное благополучие». Для достижения поставленной цели необходимо всесторонне использовать резервы жизнедеятельности, генетически заложенные в каждом организме, развивать его реактивные и адаптационные возможности в ответ на изменения условий внутренней и внешней, в том числе и социальной, среды, моделировать здоровье [2].

Обязателен индивидуальный подход, при котором у каждого человека, прежде всего, необходимо сформировать психологию ответственного отношения к собственному здоровью, воспитать твёрдое желание улучшить его и готовность постоянно прикладывать определенные усилия, изо дня в день, на протяжении всей жизни, для сохранения и укрепления собственного здоровья, выработать установку на ЗОЖ. Важно оценить состояние здоровья индивида, определить его «количество» с учетом возраста, пола, условий жизнедеятельности, характера физической активности, пищевых привычек, генетики, нервно-психического развития и многих других факторов. И наконец, для практического улучшения состояния здоровья требуется соблюдать правила ЗОЖ, такие как адекватная двигательная активность, правильное питание, полноценный сон, соблюдение правил гигиены, режим труда и отдыха, отсутствие вредных привычек, умение сохранять нервно-психическое равновесие, закаливание, своевременная коррекция возникающих отклонений и прочее.

К великому сожалению, большинство людей недооценивают оздоровительной эффективности

составляющих ЗОЖ. Более того, формирование знаний о здоровье ещё не гарантирует, что современный человек будет стремиться улучшить его [3].

Традиции ведения ЗОЖ уходят своими корнями в античные времена. Наиболее древние священные книги «Авеста» (VII-VI вв. до н.э.) и «Аюрведа» (VII-II вв. до н.э.) содержали сведения об основах сохранения здоровья. В трактатах Гиппократа (460-370 гг. до н.э.) «О здоровом образе жизни» были изложены концепции ЗОЖ: "познай самого себя", "заботься о самом себе". Древнегреческому философу Сократу принадлежит высказывание: «Если человек сам следит за своим здоровьем, то трудно найти врача, который знал бы лучше полезное для его здоровья, чем он сам».

Выдающийся врачеватель Абу Али ибн Сино (980-1037гг.н.э.) уделил огромное внимание путям сохранения, а также способам укрепления здоровья здоровых людей, которые были представлены как «Каноны сохранения здоровья», «Каноны здорового воспитания», «Каноны восстановления здоровья». Эти «каноны» вошли в первую книгу «Канона врачебной науки», где приведены общие вопросы врачебной науки. Некоторые вопросы, имеющие прямое отношение к современной валеологии, приведены в трудах: «Трактат о сохранении здоровья», «Наставление о сохранении здоровья», «Исследование человеческих сил», «Статья о чистоте тела», «Трактат о составе пищевых продуктов», «Пища и лекарства», «Полезные советы», «Поэма о медицине» и других произведениях. По словам Авиценны «только здоровый дух может гарантировать здоровье», а «искусство соблюдения здоровья состоит в соблюдении соразмерности причин влияющих на здоровье».

На сегодняшний день формирование и укрепление здоровья здоровых людей не включается в рамки

профессиональной деятельности врача. Более того, данные о состоянии здоровья самих врачей оставляют желать лучшего. ЗОЖ следует рассматривать как активную деятельность людей, направленную, в первую очередь, на сохранение и улучшение здоровья. Быть здоровым – это счастье само по себе. Но резервы здоровья не бесконечны. Как писал великий врач и философ  Абу али ибн Сино: «Кто счастья не ценил, тот близится к несчастью».

Современный человек сам способен управлять своим здоровьем, поэтому каждый должен иметь необходимые знания о способах поддержания своего собственного здоровья для его восстановления и укрепления. При этом необходимо учесть, что образ жизни человека и семьи не складывается сам по себе в зависимости от обстоятельств, а формируется в течение всей жизни целенаправленно и постоянно. Ещё в начале нашей эры древнегреческий философ Плутарх (40-120г.) написал: «Кто рассчитывает обеспечить себе здоровье, пребывая в лени, тот поступает так же глупо, как и человек, думающий молчанием усовершенствовать свой голос».

Здоровье – первостепенная ценность, которую невозможно купить или подарить.  Немецкий философ Артур Шопенгауэр (1788-1860 гг.), широко известный своими меткими афоризмами,  подчеркивал: «Девять десятых нашего счастья зависит от здоровья». Народная мудрость гласит, что человек умирает не от определенной болезни, а от своего образа жизни. Отец медицины Гиппократ  уже за четыре столетия до нашей эры предупреждал: «Если ты не готов изменить свою жизнь, тебе невозможно помочь».

Может быть, пришло время начать правильно заботиться о своем здоровье?

*Литература*

1. Мировая статистика здравоохранения 2012. Всемирная Организация Здравоохранения.
2. Дыхан Л.Б., Кукушкин В.С., Трушкин А.Г. Педагогическая валеология // М., Ростов-на-Дону, МарТ. 2005, 527с.
3. Васильева О.С., Филатова Ф.Р. Психология здоровья человека. Эталоны, представления, установки.// М., Академия. 2001, 345с.

**Боймуродов ДЖАББОР**
*Центр исследования инновационных технологий при Академии наук Республики Таджикистан*

# ЛЕКАРСТВЕННОЕ И ПИЩЕВОЕ ЗНАЧЕНИЕ НЕКОТОРЫХ ВИДОВ РОДА INULA L. ПРОИЗРАСТАЮЩИХ В ЮЖНЫХ СКЛОНАХ ГИССАРСКОГО ХРЕБТА

Таджикистан, как горная страна в эколого–географическом отношении имеет сугубо особую специфическую особенность. Такая многогранная композиция его природных ландшафтов (т.е. равнина, степь, предгорная равнина, горные ущелья, высокие горные хребты), сказывается на численности и биоразнообразии видового состава его флоры, которые насчитываются более 4000 видов.

Отрадно, что со стародавних времён люди используют это растительное богатство в качестве пищевых, лекарственных, красительных, строительных, медоносных и для кормлении домашних животных.

Благодаря врачевательной практике и использовании многих видов растений, с целью лечения больных от разных болезней, многие видов растений получили ботаническую характеристику или описание. Можно считать что, в древности народная медицина во многом способствовала развитию ботанической науки.

Следует, также отметить, что среди лекарственных растений, хотя различные виды рода Inula L., широко

используется в врачебной практике, но в научном плане они являются мало изученными для того, что их использовать основательно, как лекарственное сыре для создания фармацевтических предприятий.

Виды рода Inula L., произрастающих в Таджикистане кроме лечебных значений, также имеют различные полезные свойства и широко могут использоваться в различных отраслях народного хозяйства. Отсюда цель и задачи данной работы является, на основе литературных сообщений и некоторых полученных нами данных, охарактеризовать некоторые их биохимических показатели.

Как известно, в медицинской практике в основном используется подземные органы (корни, корневище) некоторых видов рода Inula L. Например, в народной медицине настой корней девясила каспийского применяют как отхаркивающее средство[1], а корневища девясила высокого использует в качестве отхаркивающего, мочегонного и тонизирующего средства[2].

Другой вид- девясил большой, в листьях которого обнаружено до 39% витамина С, корни его могут использоваться для изготовления спирта[3], а в листьях девясила высокого обнаружено до 39% витамина С [4].

---

[1]Лекарственное и пищевое значение некоторых видов рода Inula L. произрастающих в Южных склонах Гиссарского хребта.
[2] Земленский С.Е. Лекарственные растения СССР. М.1958.
[3] Шалить М.С. Дикорастущие полезные растения Туркменской СССР. М.1951
[4] Панкова И.А. Онтогенез цветка и плода грецкого ореха южной Киргизии-в кн. Плодовые леса южной Киргизии и их пользование, в.1.М.Л, издательство АН СССР -1949.

Кроме того, следует отметить, что многие виды рода Inula L. является хорошими медоносными растениями[5], (таблица): (по работе Еремена Н.К.,1983)

| Название | Жизненная форма | Время цветения |
|---|---|---|
| Девясил большой | мнооленик | YI-YII |
| Девясил британский | многолетник | YI-YII |
| Девясил высокий | многолетник | YI-IX |
| Девясил иволистный | многолетник | YI-YIII |
| Девясил шероховатый | многолетник | YI-YII |

Лекарственные и пищевые значения некоторых видов рода Inula L., произрастающие в южных склонах Гиссарского хребта [5];

Inula caspica Blum. - девясил каспийский, ядовитый, сорняк. В народной медицине настой корней применяют как отхаркивающее средство [1];

Inula helenium L. –девясил высокий. В медицине используются корневище в качестве отхаркивающего, мочегонного и тонизирующего средства. В листьях содержится 39% витамина С [2];

Inula salicina L. – девясил иволистный. С лечебной целью употребляются листья, как противовоспалительное средство [2];

Inula grandic schrenk ex Fisch – девясил большой. В листьях обнаружено 44,9 % витамина С. Корни используются для изготовления спирта [3];

[5] Еремина Н.К.Основные дикорастущие полезные растения Таджикистана Издательство «Дониш», Душанбе, 1983, с.150

Inula Britannica L.- девясил британский. Цветки содержать эфирное масло темно – бурого цвета с неприятным запахом [10];

Inula grandic schrenk ex Fisch et Mey- девясил большой. В корнях содержится 0,01% эфирного масла [3];

Inula grandic schrenk – девясил большой. Из цветов и корней,получают зеленую, желтую оливковую краск;

Inula helenium L.-девясил высокий. Из корнейполучают синяя краска [2]

**Девясил высокий**. Листья содержат горькое вещество алантопикрин, а корни и корневища – эфирное масло (1-3%), главной составной частью которого является алантолакон, полисахарид, инулин (44%) алантовую камфару, сапонины [6].

Показано, что под действием кислот инулин легче гидролизуется и переходит во фруктозу, или плодовый сахар, который легко перевести в густой сироп, в 1,5 -2 раза превышающий по сладости сахар из сахарной свеклы [7].

Корни и корневища содержать 2-3% эфирного масла, в состав которого входить гленин – кристаллическое вещество, состоящее из смеси трех сесквитерпеновых лактонов ( алантолактон, дигидроалантолактон и изолантолактон).

Кроме того, в состав лактонов входить алантоновая кислота, алантол и проазулен. В корнях содержатся: большие количество (44%) инулина, псевдоинулина, инуленина, витамина Е от 25,5 до 31,75 мг %, сапонины, смолы, слизи и пигменты. Листья содержат эфирное масло (до 3%),пикрин, фолиевую кислоту и витамин Е [8].

[6] Доброхотова Н., Чудинов В. Лекарственные растения. Издательство «Казахстан», Алма-ата, 1965,с.180.

[7] Черепнин В.Л.,Пищевые растения Сибири.Новосибирск:Наука,1987,с.189

[8] Нуралиев Ю.Н. Лекарственные растения.-Душанбе.,Маориф,1988, с.287

Кашицу из свежих или мелкоизмельченных высушенных цветков и листьев прикладывают к кожным ранам, ожоговой поверхности, язвам. Кашицу из корней используют при лечении рожистых воспалений кожи. В монгольской народной медицине цветки девясила применяются при опухолях суставов и цинге. А молодые стебли девясила в период бутонизации собирают и употребляют как зелень, очищая предварительно от наружной кожуры. Особенно полезными они считаются для туберкулезных больных и больных бронхиальной астмой.

Как известно препараты корней девясила крупнолистного Inula macrophylla Kar.et Kir. рекомендовано в научной медицине при язве и катаре желудка и язве двенадцатиперстной кишки.

В корнях этого вида девясила обнаружены 3,77 -4,31% дубильных веществ (в листьях 2,21% и в цветках -1,77%, 2-20% сахаров (в листьях 6-9% и в цветках -6-10%), 12-40% инулина, 5,68 -13,71 % смол и 2,20 3,17 эфирного масла. В составе смолы найдено 20,4- 30,01% эфирного масла, основной компонент которого –алантолактон; это сесквитерпеновый лактон обладает бактерицидными и противоглистными свойствами. Из листьев выделены лактоны ивалин, гранилин и другие [9].

Таким оразом, приведенные литературные данные явно свидетельствуют, о том что виды рода Inula L. произрастающие в Таджикистане являются ценное лекарственными растениями. При этом, не только корни и его корневище, но и на другие надземные их органы (листья, цветкы) могут быть использованы в народном хозяйстве.

---

[9]Холматов Х.Х.,Харламов И.А.,Алимов Х.И. Мансурова Ф.К. Сравнительное иучение двух видов бессмертника.-в кн.: Современные методы исследования лекарственных растений. –М.,1984,т.20.

Анализ их листьев показал, что в них содержится около 14,4% белке.

**Расулов ТУЙҒУН**
*к.э.н., дотсент*

# ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СОВРЕМЕННОЙ КОМПЬЮТЕРНОЙ ТЕХНОЛОГИИ В ЭКОНОМИЧЕСКОМ АНАЛИЗЕ

В условиях постоянной конкуренции на рынке труда к будущим специалистам предъявляются иные, более жесткие требования. Сегодняшние студенты должны быть современно мыслящими, самостоятельными людьми, способными выполнять сложные научно-исследовательские задания, подходящие к этому процессу творчески чтобы стать конкурентоспособными, востребованными, хорошо оплачиваемыми специалистами.

Система образования в связи с этим требует реформирования, и как один из путей реформирования выступает внедрение инноваций в процесс обучения.

Инновационные технологии разнообразны.

К наиболее существенным и актуальным для экономического образования технологиям принадлежат следующие:

-формирование и поддержка готовности студента к овладению материалом;

-обеспечение интереса студентов к занятиям и педагогического сотрудничества;

-проблемность обучения, его гуманизация и демократизация;

- обучение и воспитание в духе здорового образа жизни;

- самоформирование личности студента;

- компьютеризация обучения и воспитания.

Использование компьютерных технологий, состоит в активном внедрении глобальной сети Интернет в учебный процесс, использовании дистанционного обучения, мультимедийных технологий и т.д.

Повышение заинтересованности студентов в занятиях, гуманизация и демократизация обучения достигается с помощью внедрения в учебный процесс интерактивных технологий обучения.

В педагогике различают несколько моделей обучения: пассивная, когда студент выступает в роли объекта обучения, т.е. слушает и смотрит; активная, когда студент выступает субъектом обучения, т.е. работает самостоятельно, выполняет творческие задания и интерактивная - inter (взаимный), act действовать). В этом случае процесс обученияосуществляется в условиях постоянного, активного взаимодействия всех студентов. Преподаватель и студент являются равноправными субъектами обучения. Использование интерактивной модели обучения предусматривает моделирование жизненных ситуаций, использование ролевых (деловых) игр, совместное решение проблем. Исключается доминирование какого-либо участника учебного процесса или какой-либо идеи[1].

Процесс обучения в данном случае организован таким образом, что неучастие в нем студента просто невозможно. Ведь в данном случае процесс обучения является коллективным, взаимодополняющим, основанным на взаимодействии всех его участников.

[1]Мясоед Т.А. Интерактивные технологии обучения // http://iatp.org.ua

Среди множества интерактивных методов обучения можно выделить деловые игры, формирующие профессиональные качества специалистов, являющиеся своеобразным полигоном, на котором студенты могут отрабатывать профессиональные навыки в условиях приближенных к реальным[2].

В современных условиях, при постоянном дефиците времени, использование деловых игр целесообразно еще и потому, что они позволяют сократить время, отведенное на изучение дисциплины при более глубоком усвоении материала. Установлено, что при лекционной подаче материала усваивается 20 % информации, в то время, как в деловой игре – 90% [3]

Психологи установили, что студент запоминает:

- От прочитанного материала – 10% информации;
- От услышанного материала – 20% информации;
- От увиденного материала – 30% информации;
- От того, что сам говорит – 70% информации;
- От того, что сам делает - 90% информации.[4] [4 ]

Воспитательные цели деловой игры:

1. Повышение интереса студентов к изучаемому предмету;
2. Способствование преодолению психологического барьера, возникающего у молодых специалистов при работе с большим объёмом учётной документации.

Среди участников игры при разборе предложенных ситуаций распределяются роли, причем некоторые из них

---

[2]Чернилевский Д.В. Дидактические технологии в высшей школе: Учебное пособие для ВУЗов. – М.:ЮНИТИ – ДАНА, 2002. – 437с.
[3] Ануфрієв Л.І., Бандурка О.М., Ярмиш О.Н. Вищий заклад освіти МВС України: Науково-практичний посібник. – Харків: Ун-т внутр. справ, 2010. – 369 с.
[4] Продиус Ю.И. Экономика предприятия: Учебное пособие. – Харьков: ООО «Одиссей». – 2005. – 416 с.

носят групповой характер. Одна из первоочередных задач игры – выработка исполнителем каждой роли оптимальной стратегии поведения, определение характера деятельности, прав и обязанностей, связанных с определенной ролью.

Подготовка и проведение игры осуществляется в несколько этапов: [5][3]

1. Этап, предшествующий игре. На этом этапе определяется общая стратегия игры, проводится подбор игрового коллектива, обдумывается и обсуждается состав игровых групп. В каждой группе выбирается руководитель группы, который должен обеспечить создание добродушного морально-психологического климата в группе, а также контроль за деятельностью группы.

2. Привлечение игроков к игре. Здесь проводится ориентирование игрового коллектива на цели и задания игры, мобилизация творческого и интеллектуального потенциала участников игры.

3. Работа в группах. Анализ хода игры осуществляется руководством игры без участия игровых команд по выработанным участниками решениям. В результате вырабатывается дальнейшая стратегия проведения игры в таком цикле.

4. Обобщение полученных результатов. По окончании игры игровым коллективом разрабатываются основные итоговые документы, которые содержат постановку проблемы, ее структурное рассмотрение и предложения по ее решению.

После окончания игры целесообразно провести обсуждение хода игры вместе с участниками, выслушать их

[5] Ануфрієв Л.І., Бандурка О.М., Ярмиш О.Н. Вищий заклад освіти МВС України: Науково-практичний посібник. – Харків: Ун-т внутр. справ, 2010. – 369 с.

мысли, предложения и пожелания относительно методики проведения игры, а также взаимоотношений руководства игры и участников[6].

Таким образом, внедрение интерактивных форм и методов обучения в учебный процесс необходимо в первую очередь для развития в будущих специалистах творческих способностей, развития их самостоятельности и индивидуальности.

Деловая игра, как одна из интерактивных форм обучения, увеличивает результативность обучения за счет глубины и скорости освоения информации, выступает как способ подготовки и адаптации студентов к профессиональной деятельности и социальным контактам.

[6] Так же.

## АЗ СИЛСИЛАИ РАВШАНФИКРОНИ МУОСИР



**Комил**
**БЕКЗОДА**
*файласуф*



**Дидавар**
**БЕКЗОДА**
*равоншинос*



**Алберт Камю**
**(1913-1960)**

**-1-**

Навиштаҳои Алберт Камю бозтоб ва инъикоси бегонагӣ ва шикастҳои равшанфикрони Урупо баъд аз ҷанги ҷаҳонии дуввум ва то ҳадди зиёде таҳти таъсири андешаи фалсафаи

асолати вуҷуд (экзистенциализм) буд. Камю дар соли 1957 дар 44 солагӣ барандаи ҷоизаи Нобели адабиёт шуд.

**-2-**

Камю дӯсти наздики Жан Пол Сартр буд. Мутафаккире буд, ки фалсафаро ба воситаи асарҳои адабӣ, чун ҳикоя, повесть ва роман тарғиб мекард. Муҳаққиқон ҷараёни фалсафиашро экзистенсиализми гуманистӣ ва дунявӣ муайян намудаанд. Камю (1913-1960) нависандае буд, ки сифатҳои пучӣ, беҳудагӣ, абас ва абсурдро барои вазъият ва шароите ибдоъ ва ихтироъ кард, ки дар он инсонҳо мехоҳанд зиндагиашон дорои маъно ва аҳамияте бошад. Дар сурате, ки ҷаҳони воқеӣ ва реалии мо комилан бемаънӣ ва беҳадаф аст. Камю рисолаи фалсафии "Устураи Сизиф" –ро (1942) бо ин иборати машҳур оғоз кард: "Фақат як масъалаи воқеан ҷиддии фалсафӣ вуҷуд дорад ва он (масъала) худкушӣ аст. Қазоват дар бораи ин ки оё зиндагии мо одамон арзиши зистанро дорад ё надорад, баробар аст бо посух ба ин саволи бунёдин ва асосии фалсафа". Ӯ ба ин натиҷа расид, ки худкушӣ навъе таслим аст. Камю ошкоро ба воситаи ғурур ва иззати нафс гуфт: "Ҳеҷ чиз ба андозаи ғурури башар бузург ва бошукуҳ нест". Ӯ аз ин роҳ мехост мардумро барои зиндагӣ дар олами бемаънӣ омода ва мутобиқ гардонад. Ғайр аз "Устураи Сизиф" (Афсона Сизиф) ва китобе бо номи "Тоғӣ" (Инсони исёнгар) (1951), Камю асосан афкорашро дар маҷмӯае аз достонҳои тулонӣ пешкаши хонандагон намуд. Аз ҷумла дар романи "Бегона" (Посторонный) (1942), романи "Тоун" (Чума) (1947) ва повести "Суқут" (Падение) (1956). Ӯ дар соли 1960 ҳангоми бозгашт аз таътили тобистона дар яке аз ноҳияҳои назди шаҳри Париж дар як тасодуфи ронандагӣ ба садама дучор гардида, ба дарахти чанор бархурд ва ҳалок гардид.

Достоне (романе) –ки дар он замон дар ҳоли навиштан буд, ба номи "Марди аввал" дар соли 1995 ҳамон тавр нотамом мунташир шуд. Мавзӯи роман солҳои кӯдакии Камю дар Алҷазоир буд.

Камю шахсияте фавқулода ҷаззоб дошт ва ӯро “қиддис ва валии бидуни Худо” хондаанд. Ӯ ки сафедпусти фақире аз Алҷазоир буд, вақте ҳозир ба таъйид ва дастгирии ҷабҳаи озодибахши миллии Алҷазоир нашуд, чапҳо ва коммунистони Франсия аз ӯ интиқод карданд, ба онҳо чунин ҷавоб дод: “Ман ба ҳақ ва адолат бовар дорам, аммо қабл аз адолат, аз Модарам дифоъ мекунам”. Ин ҷабҳа фаронсавиҳои муҷоҳидро аз Алҷазоир берун карданӣ буданд. Камю ба яке аз дӯстонаш, ки узви ҳизби коммунист буд, чунин гуфт: “Ҳар иттифоқе ки биафтад, ман метавонам аз ту дифоъ кунам, то тирборон нашавӣ, аммо агар маро тирборон кунанд, ту маҷбурӣ ки ба дастури ҳизби коммунистӣ он фармонро таъйид ва тасдиқ намойӣ”. Камю дар охирҳои умраш робитаашро бо Жан Пол Сартр қатъ кард ва ин ба хотири ҳимояти исроркоронаи Сартр аз зулм ва ваҳшате буд, ки коммунистҳо ба роҳ андохта буданд. (Достони фалсафа. Бриан Меггӣ. Тарҷимаи форсӣ. Чопи аввал 1388=2009, саҳ 217-218). Сабаби асосӣ ин буд, ки Камю сиёсати Шӯравӣ ва Сталинро сахт танқид мекард. Дар сурате, ки Сартр тарафдори ин сиёсат буд.

**-3-**

Яке аз муҳимтарин асарҳои фалсафии Камю китоби “Афсонаи Сизиф” мебошад. Афсонаи Сизиф (Миф о Сизифе). Мақола дар бораи пучӣ. (Эссе об абсурде). Дар муқоваи охири китоби “Афсонаи Сизиф”, нашри форсӣ, соли 2003 чунин омадааст: “Худоён “Сизифро” –ро маҳкум карда буданд, ки пайваста тахтасангеро то қуллаи кӯҳе боло бубарад. Ва чун ба қулла мерасид он тахтасанг аз китфи Сизиф меафтод ва ба ҷои аввалаш бармегашт. Ҳамин кор ҳар рӯз такрор мешуд. Худоён ба ҳақ андешида буданд, ки аз барои гирифтани интиқом ва танбеҳ ҷазое даҳшатноктар аз кори беҳуда ва беумед нест. Агар ба гуфтаи Ҳомер бовар дошта бошем, Сизиф оқилтарин ва эҳтиёткортарини инсонҳо будааст. Чун дар ин ҷо таноқуз ва зиддияте вуҷуд надорад. Доир ба сабабҳое, ки Сизифро сазовори

ин кори беҳуда дар ҷаҳаннам кард, дар байни муҳаққиқон ақидаҳои мухталифе вуҷуд дорад...Чаро ки вай асрори Худоёнро фош карда буд”. (с.200)

Аксари муҳаққиқони муосир бар ин назаранд, ки мавзӯи меҳварии фалсафаи Камю масъалаи маънибохтагӣ, пучӣ, беҳудагӣ ва абсурд дар зиндагии башар аст. Ҳарчанд худи Камю мегуфт, ки ман файласуф нестам, вале воқеият ин аст, ки ӯ бузургтарин файласуфи озодандеш ва реалисти асри XX буд. Мо медонем ки Камю пеш аз дигар файласуфони муосираш ба ин андеша расида буд, ки дар ҷаҳони имрӯза дигар намешавад асарҳои фалсафиро бо тарзу услуби кӯҳна таълиф намуд. Яъне дар шакли рисолаҳои назариявии хушку дилгиркунанда. Ва мегуфт, ки “агар файласуф шудан хоҳӣ, бояд роман нависӣ”. Ва худ аз рӯйи ин қоида рафтор намуда, аксари осори худро дар шакли роман, намоишнома, мақола ва ёддошт навиштааст.

Баъзе муҳаққиқон ӯро пайрави ҷараёни фалсафии вуҷудӣ (экзистенсиализм) мешумориданд. Ӯ ин даъворо низ рад мекард. Ва мегуфт, ки ман экзистенсиалист нестам. Муҳаққиқон ин даъворо пеш меоранд, ки Камю аз даврони ҷавонӣ боз гирифтори бемории сил (туберкулёз) буд. Ва ҳамвора дар бораи фаро расидани рӯзи маргаш фикр мекард. Аммо худи Камю ҳатто худро ба экзистенсиализми динии Яспесу қаҳрамонони осори Сартр ҳамақида намедонад. Пас, Камю чи назари хосе дорад? Назари мушаххаси фалсафии ӯ чунин аст:

<u>Якум:</u> Воқеият ин аст, ки зиндагии башарӣ чуноне, ки аз таърихи тулонии он бармеояд, як зиндагии беҳуда, пуч, абас ва абсурд аст.

<u>Дуюм:</u> Эътиқодоти динии мо ин беҳудагиро барҳам зада наметавонанд. Ҳазорҳо дину мазҳаб омаданд ва боз меоянду мераванд. Вале пучӣ ва абсурд дар ҷойи худ устувор мемонад. Тасаллоҳои динии мо ин “дард” –ро даво карда наметавонанд.

Сеюм: Аз ҷавоби саволҳои воқеияти пучӣ ва беҳудагии зиндагии инсонӣ гурехтан фоидае надорад. Ин роҳи дурусти ҳалли муаммои абсурд нест.

Чорум: Роҳи дурусти ҳалли масъала ин аст, ки мо бояд хунсардона вуҷуд доштани ҳодиса ва падидаи (феномен) –и пучӣ ва абсурдро дар зиндагии башарӣ қабул кунем ва эътироф намоем. Дар "Афсонаи Сизиф" бояд қабул кунем, ки Сизиф аз кори худ шод ва қонеъ аст, ҳангоме, ки аз болои кӯҳ ба поён мефарояд. Чаро? Барои он ки худи Сизиф аз беҳудагии кори худ огоҳ аст, вале таслим намешавад. Ҳамин муқовимати шикастнопазир сабаб ва мояи саодатмандӣ ва ғурури инсонии Сизифро ташкил медиҳад. Чаро ки ӯ чораи дигаре надорад. Вале дар зиндагии воқеии одамон чунин муносибат танҳо аз роҳи шуриш ва исёни бардавом ва ҳамешагӣ амалӣ мегардад. Бисёре аз қаҳрамонони асарҳои Камю чунин ҳолати рӯҳониро дар мушкилоти зиндагонии рӯзмарра аз сар мегузаронанд. Масъалан, дар ҳолатҳое, ки яке аз ин қаҳрамонони роман ва намоишномаҳои ӯ дар зиндагиашон гирифтори таҳдидҳои марговар мешаванд ва ё ин ки яке аз наздиконашонро аз даст медиҳанд ва ё худи он қаҳрамонон гирифтори зиддият ва носозгорӣ бо виҷдони худ мегарданд ва ғайра.

Панҷум: Авҷи баланди беҳудагӣ ва абсурд дар ҷомеа ба андешаи Камю онгоҳ зоҳир мешавад, ки баъзе гуруҳҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба мисли фашизм, натсизм, болшевизм. сталинизм, маоизм ва ғайра талош мекунанд, ки бо роҳи зӯрӣ ва истибдод ҳолати ҷомеаро беҳтар кунанд. Худи Камю ҳамчун гуманист ва сотсиалисти муътадил ва ҳамзамон зидди низоми авторитарӣ-истибдодӣ бар ин ақида буд, ки аз роҳи зӯрӣ ва террор аҳволи ҷомеа бадтар мешаваду беҳтар не. Фаъолияти ҳизбҳои тоталитарӣ ва террористии асри XX ва XXI гувоҳи ин ҳолат ва ин воқеиятанд. Исён ва шӯриши дастҷамъона ба андешаи ӯ ҷомеаро ба ҳамбастагии иҷтимоӣ ва бехатарии коллективӣ мепайвандад. Ба шарте, ки ҳудудҳо ва меъёрҳои

зиндагии иҷтимоӣ ба эътибор гирифта шаванд. Бо як калима метавон гуфт, ки: "Ман шӯриш ва исён мекунам, пас мо вуҷуд дорем". Ин ду навъи исён ки имкони амалӣ шудан доранд, Камю исёни ҳунариро беҳтар мешуморад. Исёни аввал фаъолиятҳои инқилобӣ асту исёни дуюм фаъолиятҳои эҷодӣ ва ҳунарӣ. Ба ҳар сурат Камю бо ин андешаи худ натавонистааст аз доираи назарияи пессимистӣ берунтар қадам гузорад. Чаро ки ба андешаи охирин ва ниҳоии Камю гӯё намешавад шарр ва бадиро ба таври куллӣ аз олами вуҷуд берун кард.

Шашум: Баъзе муҳаққиқон ақидаҳои Камюро ғайридинӣ ва атеистӣ арёбӣ намудаанд. Аммо худи Камю худро атеист намешуморад. Дар тақвияти дурустии ин масъала баъзе муҳаққиқон бар ин назаранд, ки тарафдорони экзистенсиализми ғайридиниро ба атеизм нисбат додан як масъалаи шартӣ ва эътиборӣ аст. Чаро ки худи Камю ба Худо эътиқод надошт ва ба мисли Нитсше Худоро инкор мекард ва бо вуҷуди ҳамаи ин тасдиқ мекард, ки агар Худо набошад, зиндагии башарӣ ба куллӣ беҳуда ва пуч мегардад. Ин андешаро чандин асрҳо пеш файласуфи фаронсавӣ Волтер низ такрор намуда буд.

Ҳафтум: Баъзе аз муҳаққиқон роҳи ҳалли фалсафаи абас ва абсурдро дар ин медонанд, ки:

Инсон гирифтори се мушкилии асосӣ аст:

1. –Тарс аз маргу мурдан ва нестии абадӣ.
2. –Дигаркушӣ ё террори дигарон.
3. –Худкушии фардӣ ё маргӣ ихтиёрӣ.

Саволи асосӣ ин аст, ки: барои наҷоти инсон аз марги ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ чӣ бояд кард? Ин ҳолатро мегӯянд: бунбасти вуҷудӣ ё абсурд. Пас чӣ бояд кард? Ҷавоби онҳо ин аст:

Барои ҳалли ин се мушкилӣ мо бояд маргро барҳам занем. Ва дар ин ҷаҳон ба зиндагии абадӣ ва ҷовидонӣ ноил гардем. Аммо сабаби ба бунбасти фикрӣ гирифтор шудани Алберт Камю дар он буд, ки ӯ маҳз ҳамин нуктаи чорум: барҳам задани маргро аз зиндагии башар сарфи назар карда буд. Маҳз

эътирофи ҳамин нуктаи чорум аст, ки мушкилоти беҳудагӣ, пучӣ ва абсурд будани зиндагии инсониро аз байн мебарад. Ва дар натиҷа Инсони оянда аз тарси марг, дигаркушӣ ва худкушӣ наҷот меёбад.

Ба таври мушаххас натиҷаҳои мусбати ин чоркунҷаи ҳадафманд ва созанда аз ин қароранд:

1. Барҳам задани тарс аз марг ва мирандагии инсонҳо.
2. Барҳам задани худкушии фардӣ ва ихтиёрӣ.
3. Барҳам задани якдигаркушӣ ва террори дигарон.
4. Барҳам задани марг ва мурдан дар ҷомеа.
5. Сохтани ҷомеаи ҷаҳонии солим ва расидан ба сулҳи куллӣ.
6. Ҳамбастагии инсоният дар баробари хатарҳои заминӣ ва кайҳонӣ.
7. Ноил шудан ба зиндагии ҷовидонаи инсон дар ин замин ки ҳадафи асосӣ ва ҷавҳарии вуҷуди инсониро ташкил медиҳад.

**-4-**

Инак, осори адабӣ ва фалсафии Алберт Камюро ба таври феҳраствор зикр менамоем.

**1. Романҳо**

- Бегона (Посторонный)-1942
- Тоун (Чума)-1947
- Суқут (Падение)-1956
- Марги хушбахтона (Счастливая смерть) 1936-1937

**2. Намоишномаҳо**

- Калигула-1938
- Марсияе барои роҳиба (Реквиэм по монахине)-1956
- Суитафоҳум (Недоразумение)-1944
- Ҳукумати низомӣ.
- Додгустарон (Праведники)-1949
- Тасхиршудагон (Бесы)-1959

**3.Осори илмӣ, адабӣ ва фалсафӣ**

- Пушту ру (Изнанка и лицо)-1937

- Айш (Брачный пир)-1938
- Афсонаи Сизиф (Миф о Сизифе)-1942
- Инсони исёнгар (Бунтующий человек)-1951
- Ёддоштҳо (Дневники) 1935-1942
- Ёддоштҳо (Дневники) 1951-1959

**4.Асарҳои дигар**

- Одами аввал (романи нотамом), соли нашр 1995
- Метафизикаи масеҳӣ (Христианская метафизика) 1953
- Табъид (Бадарға) ва ҳукумати виҷдон (Изгнание и царство)
- Тааҳҳуди (масъулияти) аҳли қалам. (Маҷмӯаи мақолаҳо)
- Чанд нома ба дӯсти олмонӣ
- Дилхура (ташвиш) аз олами вуҷуд
- Ростон (намоишнома дар панҷ парда)
- Шодиҳо ва нокомиҳо
- Одилҳо
- Фалсафаи пучӣ (Гузидаи мақолаҳои Камю)
- Меҳмон (Гостеприимство)

**-5-**

Нуктае чанд аз зиндагиномаи фалсафии Алберт Камю:

Муаллифи мақолаи "Алберт Камю-марди беватан" Фаришта Хусравӣ, соли 2016 чунин нигоштааст:

Камю бузургмарде, ки дар фақр мутаваллид шуд, дар сахтӣ рушд ёфт, бо муҳимтарин рухдодҳои таърихи башарият дар қарни 20-ум зиндагӣ кард ва ҳаргиз аз баёни ҳарфи ҳақ ва дағдағаҳои (васвасаҳои) башардустонааш даст накашид.

Камю ҳаргиз нисбат ба авзои ҷаҳон беаҳамият боқӣ намонд ва нисбат ба онҳо вокунишҳо ва аксуламалҳои тунде аз худ нишон медод. Вай ҷузъи маъдуди (андаки) нависандагони фаронсавизабон буд, ки дар августи соли 1945 ба таври ошкоро мухолифат ва ғазаби худро аз бомбабборони атомии Япония аз

тарафи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико иброз кард. Камю дар соли 1952 пас аз он ки Созмони Милал, Испанияи таҳти раҳбарии генерал Франкоро ба узвият пазируфт, аз кораш дар ЮНЕСКО истеъфо дод ва аз камтарин шахсиятҳои чап буд, ки ба саркуби хушунатбор ва золимонаи корпартоии коргарони Олмони шарқӣ дар соли 1953 эътироз кард ва навишт: "Ҳангоме, ки ҷое дар дунё як нафар бо муштҳои холӣ ба як танк наздик мешавад ва фарёд мезанад ки барда ва ғулом нест, мо чи ҳастем агар бетафовуту бепарво боқӣ бимонем?..." Дар соли 1956 Ӯ дар бораи саркуби шуриши Маҷористон (Венгрия) тавассути Шуравӣ гуфт: "Имрӯз Маҷористон барои мо ҳамон аст, ки Испания бист сол пеш буд".

Дар моҳи июли соли 1953 пас аз саркуби хунбори тазоҳуроти ороми мусулмонон дар Париж навишт: "Ҳамнишинии қадимии сукут, хомушӣ ва зулм, коргарони Алҷазоириро овора мекунад, ба ғорнишинӣ ва гӯшагирӣ меандозад, аз сари нигаронӣ ва изтироб ба марзи хушунат мерасонад ва гоҳе мекушад". Вале то поёни умри кӯтоҳаш Камю ҳеҷ ноороми ба андозаи ҷанг дар сарзамини модариаш ӯро мутаассир накард. Дар моҳи июни соли 1943 дар кушодашавии намоишномаи "Магасҳо" буд, ки Алберт Камюи ҷавон худро ба Жан Пол Сартр ва Симон де Бовуар муаррифӣ кард. Интишори китобҳои "Бегона" ва "Афсонаи Сизиф" як соле буд, ки барои Камю шӯҳрати зиёде ба бор оварда буд. Камю дар нашрияаш "Камбо" (Мубориза) борҳо осори Сартрро ба хонандагон шинос намуда буд. Ва Сартр низ мақолаи баланду ҷолиберо дар мадҳи романи "Бегона" навишта аст. Ва ин аввалин мулоқоташон ба шумор мерафт. Сартр бар хилофи Камю аз хонаводаи буржуазӣ буд ва аз ин шиносоӣ бо Камю чандон розӣ наменамуд. Ва Сартр дар донишсарои олии Париж таҳсил карда буд ва аз маъруфтарин файласуфони Франсияи онруза ба ҳисоб мерафт.

Аммо алоқаи муштарак бо театр, нависандагӣ, фаъолият дар ҷабҳаи муқовимат бар зидди натсистҳо ва мулоқотҳо дар

қаҳвахонаи Флори Париж хеле зуд робитаи ошноии ин ду нависандаро табдил ба дӯстии мустаҳкаме кард.

Дар миёнаи ҷанги сард ва хатари сар задани ҷанги атомӣ Сартр ҷониби Шӯравӣ ва Камю ҷониби Зиндагиро гирифт. Камю ин назарро дошта ки: "Ман мухолифи ҳар ҷанги ҷадиде ҳастам. Шуриши имрӯз ба маънои туғён ва исён бар зидди ҷанг аст." Ва бо ба даст овардани шоҳидоне ки аз вуҷуди урдугоҳҳои кори иҷбории Шӯравӣ шаҳодат медиҳанд, Камю интизор дошт ки Сартр шуравиро маҳкум мекунад, ҳамон гуна ки пештар бо урдугоҳҳои Олмони фашистӣ мухолифат карда буд. Аммо Сартр аз ин амр сар боз зад ва қабул накард. Гузашти солҳо исбот намуданд, ки ҳақ ба ҷониби Камю будааст. Камю бо гироишҳо ва майлҳои башардустонааш аз пазириш ва қабули ҳар шакле аз зулм (зулми фашистӣ ва ё сталинистӣ) ва созишкорӣ сар боз мезад. Аммо Сартр наметавонист дар муқобили ҳамлаҳои фашистӣ ҷойгузини (алтернативаи) беҳтаре барои коммунизми шуравӣ биёбад ва дар натиҷа даст ба созиш зад. Шояд фикр фикр мекард, ки бо ин иқдомаш метавонад майдони шӯҳратталабиро барои Камю маҳдуд гардонад. Албер Камю дар соли 1951 пас аз ду соли гӯшанишинӣ дар хонааш дар асари бемории сил (туберкулёз), китоби "Инсони исёнгар"-ро мунташир кард ва дар он шуриш ва инқилобро аз назаргоҳи фалсафӣ мавриди баррасӣ қарор дод. Бо вуҷуди он ки худ аз назари сиёсӣ ба гуруҳи чапҳо дохил буд, интиқодот ва хурдагириҳои худро нисбат ба коммунизм ошкор кард. Аз ин пас, ӯ ҳамроҳони худ, аз ҷумла Жан Пол Сартрро аз даст дод. Ва пас аз мушоҷирот ва мунозираҳои тунду тези қаламӣ дар нашрияи "Замони нав" бо сардабирии Сартр, дар танҳоии худ фуру рафт.

Симон де Бовуар дар соли 1954 романи ду ҷидии "Мандаринҳо"-ро бо илҳом аз мавқеияти равшанфикрони Париж, ҳамчун Камю (Ҳенри), Сартр (Де Брой) ва худаш Бовуар

(Он) ва далелу бурҳонҳои интихобҳои сиёсиашон дар Урупои пас аз ҷанги Ҷаҳонии дувум дар тули ҷанги сард тасвир кард.

Баъд аз инқилоби соли 1848 бо ваъдаи хона ва ду гектар замин аҷдодони Камю бо ҳамроҳи беш аз ҳазор хонаводаи фаронсавии дигар, довталаби сафар ба Алҷазоири тозаишғолшуда аз тарафи Франсия, гаштанд. Ин Алҷаҳзоириҳои фаронсавитабор баъдтар "посиёҳ" лақаб гирифтанд. Дар соли 1954 ҳамлаҳои ҷабҳаи озодибахши миллии Алҷазоир бар зидди органҳои давлатӣ шуруъ шуд. Ин даргириҳо ниҳоятан ба кушторҳои дастаҷамъӣ ва холӣ кардани деҳкадаҳо ва шиканҷаи муборизон аз сӯи давлати Фаронса оварда расонд. Хоста ва ҳадафи ҷабҳаи озодибахш истиқлоли комил ва эъҷоди давлати Алҷазоир бар асоси қонунҳои исломӣ буд, дар ҳоле, ки Камю як навъ федератсияи дуҷомеаӣ бо ҳуқуқи баробар ва имкони ҳокимияти ҳар ҷомеа бар худ дар даруни федератсияро пешниҳод медод. Аз назари Камю дар ин ҳангом як миллион Алҷазоирии фаронсавитабор аз насли панҷум ва шашум, аввалин муҳоҷирони асри 19, муқими Алҷазоир буданд, ки мутааллиқ ба худи Алҷазоир ҳисоб мешуданд. Франсия на кишварашон буд ва на сарзамини модариашон. Камюи посиёҳ аз ҷониби посиёҳҳо ки моил ба тақсими сарват бо арабҳо ё доштани ҳуқуқи баробар бо онҳо набуданд, як хоин ва аз ҷониби муборизони мусулмони Алҷазир низ бе таҷриба ва содалавҳ шуморида мешуд.

Алберт Камю дар тули ҳашт моҳ 35 мақола доир ба авзои Алҷазоир таҳти унвони "Алҷазоири пора-пора" дар рӯзномаи "Экспресс" навишт ва ниҳоятан дар 22 июли соли 1956 гидиҳамоии умумӣ дар Алҷазоир ташкил дод, то байни истеъморгарони фаронсавӣ ва мусулмонони бумӣ (таҳҷоӣ) сулҳ барқарор кунад. Ӯ ки борҳо дар аввалҳои дохил шуданаш ба Алҷазоир ба далели ҷиҳатгириаш ба марг таҳдид шуда буд, дар ниҳоят назарияи оташбаси маданиро ба маънои дар амон будани тудаи ғайринизомиён, аз даргириҳо матраҳ кард ки он

ҳам ба шикаст рӯ ба рӯ шуд. Пас аз ин Камю ба ин андеша ва бовар расид, ки ҳеҷ кас ба талошҳо ва фарёдҳои ӯ таваҷҷӯҳе нишон нахоҳад дод ва чунин навишт: "Ин охирин ҳушдори қабл аз сукути як нависанда аст. Нависандае, ки беш аз 20 сол ба ҷунбиши Алҷазоир хидмат кардааст". Барои Камю ки тақрибан тамоми бузургсолии худро дар Фаронса дар бадарға ва табъид ба сар бурд, Алҷазоир ва хотираи офтоби тоқатфарсои соҳили Медитронӣ (Баҳри Миёназамин) нуқтаи бозгашти ҳамешагии ӯ буд. Ҳама осори достонии Камю дар хоки Алҷазоир рух медиҳад. Камю қабл аз он ки истиқлоли Алҷазоир ва бозгашти ҳаштсад ҳазор посиёҳро аз ватан ва зодгоҳашон бубинад, аз дунё рафт.

Камю пеш аз муҳоҷират ба Фаронса дар солҳои 1937-1938 дар ду китоби "Пушту рӯ" дорои панҷ мақола ва "Айш" (Зиёфати ҷашни издивоҷ) шомили чаҳор мақолаи таҳқиқиро ба чоп расонд. Ӯ дар ёддоштҳояш барои осори дигараш се тарҳ ва нақшаро интихоб кард:

1. -Сизиф: чархаи пучӣ ки романи "Бегона", рисолаи "Афсонаи Сизиф", намоишномаҳои "Калигула" ва "Суитафоҳум" (Недоразумение)-зери маҷмуааш ҳастанд. Камю ба таври ҳамзамон дар Алҷазоир ва пеш аз муҳоҷират рӯи ин осор кор кард. Аммо дар Фаронса ва дар миёнаи ҷанг аз солҳои 1941 то 1944 ба чоп расидаанд ва номи ӯро бар сари забонҳо андохт.

2. –Прометей: чархаи туғён ки романи "Тоун" (Чума), рисолаи "Инсони шуришгар" ва намоишномаҳои "Одилҳо" ва "Ҳукумати низомӣ" дар ин дастаанд, ки аз соли 1947 то 1951 интишор ёфтаанд.

3. –Шӯрбахтона марги Камю маҷоли пардохтан ба тарҳи сеюм "Намсис: чархаи ишқро аз ӯ гирифт".

Романи "Сукут" (Падение) ки дар соли 1956 ба чоп расид, танҳоӣ ва гӯшанишинии Камюро дар давраи мухолифат бо сиёсати коммунизм баъд аз чопи "Инсони исёнгар" ба хубӣ

бозтоб медиҳад. "Ёддоштҳои" Ӯ шомили навиштаҳои рӯзонаи Камю аз солҳои 1935 то соли 1959 буда, ганҷинаи арзишманди ба ёдгор монда аз зиндагии ӯст. Романи "Одами аввал" ҳам зиндагиномаи худнавиштест, ки марги нобаҳангом фурсати итмомашро ба Камю надод. Ва ба сурати ниматамом дар соли 1995 мунташир шуд.

Камюро бо ҳамроҳи Сартр ҷузви пешгомони мактаби экзистенсиализми адабӣ медонанд. Агарчи Камю ҳамвора ин унвонро инкор мекард ва аз ин нисбат изҳори тааҷҷуб менамуд, аммо воқеият ин аст, ки мафҳуми "Ҳаёт" ва "Ҳастӣ" ва "Ранҷу танҳоӣ ва пучии зиндагии инсон" ҳамвора мавзӯи тафаккуроти фалсафии ӯ буд. Ба гуфтаи худаш "маҳкумияти одамӣ ба марг" аз айёми ҷавонӣ боз ҳамаи фикру зикри ӯро тасхир карда буд.

Мунаққидони осораш ӯро нависандаи бадбин (пессимист) ва пучгаро (абсурдист) медонанд. Аммо Камю дар ҳамаи осораш рагаҳои (ишораҳои) бисёр пурранге аз зебоӣ ва умедро бо тавсифоте, ки аз табиат ва ишқ мекунад, ба тасвир мекашад. Ӯ борҳо эътироф намудааст ки наметавонад ба адабиёте бе умед ва бе орзу монанди навиштаҳои Кафка вобаста бошад. Ва ҳамин ҷиҳат ӯро аз экзистенсиалистҳои дигар ҷудо мекунад, чаро ки онҳо низ ба пучии ҳаёт ва беҳудагии ишқ ва шодӣ мӯътақид ва иқрор ҳастанд, дар ҳоле ки Камю танҳо роҳи наҷоти башарро фақат дар ишқ медонад. Ба ақидаи ӯ инсон ва ҷаҳон ҳар як ба худии худ пуч ва беҳуда нестанд, балки ин пучӣ ба сабаби ҳамзистии инсон ва ҷаҳон аст. Зеро ӯ мӯътақид аст ки чизҳое дар ҷаҳон вуҷуд доранд, ки боиси табоҳӣ ва шикасти инсон ҳастанд. Ӯ ҳаргуна қасдеро дар сохтани як фалсафаи пуч ва беҳуда рад ва инкор мекунад. Ва мекушад пучангориеро васф кунад, ки ба бовари ӯ бемории рӯҳии махсуси рӯзгори мост. Бо ин шарҳ ки Камю дар "Афсонаи Сизиф" дидгоҳи фалсафии худро бо баёни сода ва равшан бозгӯ кардааст. Ӯ мегӯяд ки зиндагӣ бо худии худ кори абас, беҳуда ва пуч аст. Ва ҳеҷ маъное наметавон барои он ёфт. Ба назари Камю беҳудагӣ бо сайр ва ҷараёни бемаъно ва

мукаррари (такроршавандаи) зиндагӣ омехта аст: "Мақсуд аз ин омадану рафтан" ба таъбири Умари Хайём, ҳаргиз равшан нахоҳад шуд. Камю ин гузарони абас ва беҳудагиро ба ёрии сарнавишти дардноки Сизиф дар асотири Юнони қадим тавсиф мекунад: Зевс-худои бузурги Юнон, хашмгин аз нофармониҳои Сизиф, ӯро чунин маҳкум карда буд, ки тахтасангеро то қуллаи кӯҳе боло бубарад, аммо тахтасанг ҳар бор ки наздики қулла мерасид, боз ба поён меғалтид ва Сизиф ночор ва маҷбур буд, ки бори дигар ва бисёр борҳо онро ба заҳмат боло бубарад ва ба қулла бирасонад. Такрори кори беҳуда ва абас, бузургтарин азобе буд, ки худоён шинохта буданд. Романи кӯчаки "Бегона" низ ривояте зинда аз "мавқеият ва ҳолати башарӣ" аст: дар зиндагии беҳуда ва абас ҳар иқдоме, ҳатто қатлу ҷиноят, маъно ва мафҳуми худро аз даст медиҳад. Аз беҳудагии зотӣ ва фитрии ин "сайри ботил" наметавон раҳоӣ ёфт. Аммо ба гумони Камю метавонад онро рад ва инкор кард. Ҳамчунон метавон бар он шӯрид ва исён намуд. Танҳо бо туғён (бунт) аст ки одам ба худогоҳӣ ва озодӣ мерасад. Маълум аст, ки туғён даво ва дармон нест, аммо инсонитарин аксуламал ва ҷавоб аст. Аксуламал ва посухи инсонӣ аст, ки намехоҳад ғулом ва бандаи тақдир бошад. "Сарнавишт" ва "Туғён" бар он барои расидан ба "озодӣ" се категорияи бунёдин ва асосӣ дар диди фалсафии Камю ҳастанд.

Алберт Камю бо интишори китоби "Инсони шӯришгар" (1951) падида ва феномени ҳокимият ва қудратро дар тамоми ҷиҳатҳои фикрӣ ва амалии он ба нақд ва таҳлил кашид. Аз инҷост ки роҳи ӯ аз ҷараёни аслии равшанфикрӣ ҷудо шуд. Равшанфикрони чап ва коммунистгаро ӯро ба "хиёнат" ба усуле "муқаддас", монанди муборизаи табақотӣ ва инқилоби иҷтимоӣ муттаҳам карданд. "Инсони исёнгар" ҳосили тааммул, андеша ва шояд бознигарӣ дар гуфтумон ва баҳси пучӣ ва абсурд аст, ки наздики даҳ сол пеш дар рисоали "Афсонаи Сизиф" баён шуда буд. Инсони шуришгар ки юғи сангини сарнавиштро бар гардан

дорад, бо шуриш ва исён аз фармони "пуч ва беҳуда" сарпечӣ мекунад.

Камю усуле монанди "ҳурмат ва каромати инсониро" "арзиши бунёдин" мехонд ва онро ба густура ва паҳнои вуҷуд мунтақил мекунад ва аз он пойдеворе месозад барои ахлоқ. Аз ин дидгоҳ Камюро бояд аз пешравони "атеизми ахлоқгаро" ба шумор овард.

**-6-**

Дар охир назаре ба сароғози зиндагии Алберт Камю кардан аз аҳамият холӣ нест. Муҳаққиқи форсизабон оқои Алӣ Аминӣ дар моҳи ноябри соли 2013 зери сарлавҳаи "100 солагии Алберт Камю: ғамхори инсони шӯришгар" матолибе зикр намуда, ки ҳамроҳи хонандагон чанд иқтибос аз онро мутолиа менамоем.

"Алберт Камю дур аз хоки Фаронса ва дар хонаводаи фақир ва маҳрум ба дунё омад. Ин ки ӯ имрӯз яке аз чеҳраҳои тобноки адабиёти Фаронса шумурда мешавад, ба мӯъҷида шабоҳат дорад. Камю дар таърихи 7 ноябри соли 1913 дар деҳае дар наздикии шаҳри имрӯзаи Иноба дар шимолу шарқии Алҷазоир ба дунё омад. Насаби падараш ба ҷануби Фаронса мерасид. Ӯ бо оғози ҷанги ҷаҳонии аввал (1914) ба ҷабҳа фиристонида шуд. Ва дар ҳамон аввали кор ҷони худро аз даст дод. Ва дар Фаронса ба хок супурда шуд. Камю 14 сола буд, ки аввалин бор бар сари гӯри падар ҳозир шуд..."

Модари Камю аз миллати испониёӣ буд ва аз ҷазираи Минурка ба Алҷазоир кӯч карда буд. Зане камсухан ва бесавод, ки ба гуфтаи Камю "танҳо 450 калима балад буд. Агар ки аслан ҳарф мезад". Пас аз марги ҳамсар, сояи фақр ва тангдастӣ сангинтар шуд. Зани бенаво бо ду фарзанди худ Алберт ва бародари бузургтарашро бардошт ва бо худ ба Алҷазира бурд. Ва назди модарбузурги бемори онҳо дар маҳаллаи фақирнишин ҷой гирифт.

Камю табъе пурҷумбу ҷуш дошт ва мекушид ҷои камбудиҳои зиндагиро бо тафреҳ (хурсандӣ) ва варзиш пур кунад. Ҳар руз дар офтоби сузон думболи тупи футбол медавид. Обу ҳавои саҳро, гармои тобистон, хоки доғи биёбон, бӯи баданҳои сӯхта ва арақолуд дар ҷисму ҷони ӯ таҳшин шудаанд. Ва баъдҳо ба тамоми корҳои адабии ӯ таъсир гузошт. Гӯшаи хилвати китобхонаи Алҷазира барои Камю бештар истироҳатгоҳе осуда ва ороме ба шумор мерафт...Дар дабиристон омузгоре дилсуз ва фарҳангдуст дошт ки истеъдоди ӯро шинохт ва чашми ӯро ба дунёи адабиёт боз кард. Ӯ дар соли 1931 дар донишгоҳи Алҷазира шуруъ ба таҳсили фалсафа кард. Ва бо ҷиддият ба мутолиаи адабиёт ва махсусан ба осори намоиш пардохт. Ҳамзамон дар ҳамкорӣ бо гуруҳҳои театри донишҷӯӣ шуруъ ба навиштани намоишнома кард. Ва корҳои худро бар рӯи саҳна бурд. Дар донишгоҳ чанд нимсолае дарс нахонад буд, ки ба хотири мубтало ва гирифтор шудан ба бемории сил (туберкулёз) аз идомаи таҳсил боз монд. Умед ба шуғли муаллимӣ барои кумак ба маоши хонавода барбод рафт.

Дар давроне ки бештари равшанфикрон, сотсиализмро танҳо роҳи наҷоти башарият медонистанд, Алберт Камю дар соли 1934 ба ҳизби коммунист пайваст, ки аз раҳнамудҳои "Коминтерн" пайравӣ мекард. Аммо ӯ ба зудӣ моҳияти воқеии режими Сталинро шинохт ва Иттиҳоди Шӯравӣ ки "қалъаи пешрафту тараққӣ" хонда мешуд, пушт кард ва дар ҳавзаҳои ҳизбӣ ба интиқод аз Сталин забон боз кард. "Руфақо" (рафиқон) ӯро ба гироиш ва пайравӣ ба афкор Тротский муттаҳам карданд. Камю ба ҷараёни мухолиф ва рақиби коммунистҳо яъне "ҳизби халқи Алҷазоир" пайваст, ки ташаккуле (созмоне) бо барномаи сотсиалистӣ ва Камю онро ба тӯдаи мардуми заҳматкаш наздиктар медид.

Камю дар солҳои 1937 то 1939 дар рӯзномаи сотсиалистии "Алжир Репабликен" (Алҷазоири Ҷумҳурихоҳ) дар бораи

зиндагии пурранҷу меҳнати кишоварзони араб гузоришҳое ба чоп расонд, ки сахт муассир ва такондиҳандаанд...”

**-7-**

Акнун ба рӯзҳои охирини зиндагии Камю назар меандозем: ба ривояте 4-уми январи соли 1960 бо вуҷуди он ки Камю билети поезд барои сафар ба ҳамроҳии хонаводаашро дар ҷайб (киса) дошт, аз тасмимаш мунсариф шуд ва барномаашро дигар кард, то ба ҳамроҳи автомобили дӯсти ношираш Мишел Голимар ба Париж биравад, ки автомобилашон аз ҷода мунҳариф (аз роҳ берун) шуда ва ба дарахти чиноре мекубад ва тика-тика мешавад. Камю танҳо куштаи ин тасодуф дар сандалии ақиби автомобил нишаста буд. Сарнавишт ин гуна рақам хурда буд, то Камю ки пештар марг дар асари садама ва тасодуфро марги аҳмақона хонда буд, дар 47 солагӣ ин гуна рахт аз дунё бубандад. Камю дар ин муддат машғули кор бар рӯи нусхаи аввали романи тозае бо номи “Одами аввал” зиндагиномаи худнавиште доир ба кудакии ӯ дар Алҷазоир буд. Ба дӯсте навиштааст: “Ҳама нақшаҳоямро барои соли 1960 лағв (бекор) кардаам. Ин сол, соли романам хоҳад буд. Вақти зиёде мебарад. Аммо ба поёнаш хоҳам бурд”. Ин роман баъдҳо дар соли 1995 ба сурати нотамом ба чоп расид.

Баъди 41 сол ва баъди ин ҳодиса як рӯзномаи итолиёвӣ соли 2011 фарзияеро пешниҳод намуд, ки гӯё садамаи автомобили Камю тасодуфӣ набуда, балки ин суиқасдро душманони андеша ва ҳунари ӯ ташкил намуда будаанд. Яъне дастгоҳе дар ластики мошин ҷосозӣ карда буданд, ки дар суръати зиёд мунфаҷир мешуд. Ва гӯё чунин шудааст. Аммо ин фарзия тасдиқ нашуд. Зиндагиноманависи фаронсавии Камю бо номи Оливия Туд гуфта, ки ба ин иддао боваре надорад.

## Сарчашмаҳои мунтахаб

1. Абдулғаффор Маковӣ. Алберт Камю-кӯшише дар таҳлил ва таҳқиқи фикри фалсафии ӯ. Дор-ул-маориф. Қоҳира, 1964. (ба забони арабӣ).
2. Албер Камю. "Бунтующий человек". Москва, 1990.
3. Андреев, Леонид. «Жан-Поль Сартр. Свободное сознание и XX век». Москва. 2004.
4. Великовский С.И. Грани "Несчастного сознания". Театр, проза, философия эссеистика, эстетика Альбера Камю. М.: Искусство, 1973.
5. Великовский С.Н. В поисках утраченного смысла: Очерки литературы трагического гуманизма во Франции. Москва, 1979.
6. Вилсон, Колин. Фалсафаи маъно ва маънобохтагӣ (абсурдӣ) дар адабиёти имрӯзаи Урупо. (Тарҷумаи арабӣ). Бейрут, 1981.
7. Долгов К.М. От Киркегора до Камю: Очерки европейской философско-эстетической мысли XX века. Москва. 1990.
8. Институти ҷовидонагӣ. Пирузии илмӣ бар марг. Аргентина, 2004 (Тарҷумаи тоҷикӣ).
9. Камю, Альбер "Миф о Сизиф". Москва: издательство "Радуга", 1989.
10. Корлис Ламонт. Иллюзия бессмертия. Москва, 1984.
11. Кушкин Е.П. Альбер Камю. Ранние годы. Л.: Издательство Ленинградского университета, 1982.
12. Мигел де Унамуно. Дарди ҷовидонагӣ. Тарҷумаи Баҳоуддин Хуррамшоҳӣ. Теҳрон, 2009. (ба форсӣ)
13. Ортега-и-Гассет. Туғёни тудаҳо. Тарҷумаи форсӣ. Теҳрон. 1955.
14. Раймонд Моуди. Жизнь после смерти. Душанбе, 1993.
15. Рассел, Бертранд. Ҷаҳонбинии илмӣ. Тарҷумаи форсӣ. Теҳрон, 1999.
16. Рязанцев, Сергей. Философия смерти. Санкт-Петербург, 1994.

17. Сейед Сиамак Мусави Асадзадех. Философские вопросы абсурдистских драм Сэмюэля Беккета и Эжена Ионеско. Диссертация на соискание ученой степени кандидата философских наук. Душанбе, 2014.
18. Токарев Д. Курс на худшее. Абсурд как категория текста у Даниила Хармса и Сэмюэля Беккета. М., 2002.
19. Турчин А., Бахтин М., Футурология. XXI век: бессмертие или глобальная катастрофа? М, 2013.
20. Фёдоров Н.Ф. Собрание сочинений: в 4 т. М.: Традиция. 1997.
21. Эсслин. Мартин. “Театр абсурд”. Перевод Мухтаба Калантарь и Мансуры Вафайи. Тегеран: издательство “Амма”, 1388 с.х.г. Эттингер Р. Перспективы бессмертия. М.: Научный мир, 2003



*Алберт Камю бо духтараш Катерин*



*Камю бо фарзандонаш*



*А.Камю ва Франсис Камю соли 1942*



*Алберт Камю ва Ж.П.Сартр*



*Сизиф*



*Тасодуфе, ки сабаби марги Камю шуд*


COMBAT
LE JOURNAL DE PARIS
ÉDITION SPÉCIALE
ALBERT CAMUS EST MORT
Une conscience contre le chaos
L'Etranger
LE MEILLEUR DES NOTRES
combat

*Марги Камю муҳимтарин сарлавҳаи рӯзномаҳо*




*Мақбараи Алберт Камю*

## ТАҲИЯ ВА ТАДВИН

# ВОЛТЕР – РАВШАНГАРЕ, КИ АВРУПОРО ДИГАР КАРД

**Номи асл ва хонаводагияш, ки ҳангоми тавлид ба ӯ гузоштаанд Франсуа́-Мари́ Аруэ́ аст. Волтер тахаллусест, ки пас аз ба балоғат расида аз ҷониби худи мутаффакир интихоб гардидааст.**

Волтер наздик ба 300 сол пеш дар 21 ноябри соли 1694 мелодӣ дар Порис ба дунё омад. Дар хонаводаи миёнаҳол ва таҳсилкарда парвариш ёфт. Падараш ба номи Фаронсаво Оруия вакили муваффақ ва маҳзару дорои зирак буд. Модараш Мария де Морд зане буд ашрофзода бо ҳушу базнагу зебо сарзинда вале маслул. Волтер ба сурати навзоди тамом нотамом ва мурданӣ ба дунё омад. Парастораш гуфта буд ин бача мурданӣ аст ва беш аз як рӯз давом нахоҳад омад. Волтер баъдҳо дар бораи худаш навишт, ки аз ҳамон оғози зиндагӣ ҳарду пояш бар лаби гӯр будааст. Замоне, ки ин кӯдаки ранҷур ҳафтаи авали умрашро пушти сар гузошт аҳли оилааш зинда монданашро ба муъҷиза нисбат доданд. Гарчӣ ин навзоди мурданӣ 84 сол умр кард, аммо дар саросари даврони зиндагониаш ҳамеша бемор нотавон ва ранҷур буд. Бо чандин маризии гуногун дасту панҷа нарм мекард. Баъзе аз пизишкон гуфтаанд, ки Волтер бемории силро аз модараш ба ирс мебурд ва ин беморӣ то поёни умр раҳояш намекунад. Вай то поёни умр аз бемории илтиҳоби шушҳо ва табҳои гуногун ранҷ мебурд ва ҳамеша эҳсоси сармо мекард. Волтер резандон буд, сурати устухонӣ ва нозебо дошт. Пас аз дучор шудан аз

бемории обла сураташ нозеботар шуда буд. Саргузаштнависони вай навистаанд, ки сураташ дар ҳамон ҳол, ки хандаовар буд эҳтиромбарангез низ буд.Чашмонаш дурахшон пурсанда ва ҳушманд буданд ва дар лабхандаш меҳрубонӣ бо шайтанат даромехта буд. Дар нигоҳаш партавҳое аз нубуғ надоро ва гузашту танзи фалсафӣ ба ҳарсу пароканда мешуд. Дар нигоҳаш партавҳои аз нубуғ мадорову гузашт ва танзи фалсафӣ ба ҳарсу пароканда мешуд.

Волтер пас аз ёд гирифтани навиштану хондан ба сурудани шеър мепардозад. Падараш аз алоқаи шадиди фарзанд ба шеър сурудан ғарқ дар шигифтӣ мешавад ва мегӯяд: «Ин писар дар оянда ҳеҷкора ва фақир хоҳад шуд». Писарбачаи шоир аз 9 то 17 солагӣ таҳсилоти расмии худро дар дабистон ва дабиристони ясваъиҳо, ки фирқае аз масеҳиёнанд, ба поён мерасонанд. Дар ин мадорис бо фарзандони бузургтарин аъёну ашрофи Фаронса ошно мешавад ва ба шиддат ба адабиёт театр ва махсусан ба сурудани шеър алоқа нишон медиҳад. Пас аз поёни даврони дабиристон падар аз ӯ мехоҳад, ки дар риштаи ҳуқуқ ба таҳсилоташ давом диҳад, аммо писар адабиётро бармегузинад ва бо падар дармеафтад. Дар ин замон ҳадафи бузургтарин шоири ҷавон ин аст, ки саре дар миёни сарҳо дар биёварад ва аз худ шоири номдор бисозад. Аммо ин шоири номдор бояд яке аз сарватмандони бузург низ бошад. Дар ин замон Волтер чунин меандешид, ки истеъдод бепул дарднок ва пул беистеъдод низ бемаъно аст, ӯ мехоҳад, ки номдори сарватманд бошад. Марде, ки ба Волтери ҷавон асари бузург ба ҷо мегузорад яке аз устодони ӯст бо номи Шотунуф. Ин мард худро худошинос, аммо бедин меномид ва бар андешаҳои шоири ҷавон нақши пойдор бар ҷо мегузорад.

Волтер дар 23 солагӣ дар шеъри танзолуде дар бораи ноиб салтанаи Фаронса ӯро ба шиддат даст меандозад. Пас аз интишори ин шеър Волтерро ба 11 моҳ боздошт дар зиндони

машҳури Бостел маҳкум мекунанд. Шоири ҷавон барои нахустин бор мазаи адабиёти мардумиро мечашад. Дар даврони зиндони Бостел аст, ки тарҳи нахустин намоишномаи худ ба номи Эдипро мерезад. Аз ҳамин замон ба ваъд аст, ки номи худсохта ва мандароварди Волтерро бар худ мегузорад ва то поёни умр Волтер имзо мекунад. Бисёре аз саргузаштнависон ин номро асроромез медонанд. Баъзеҳо мегӯянд, Волтер номи зодгоҳи нависанда буд, ки ӯ дар ҷавонӣ шефтаи навиштаҳои танзолудаш будааст. Баъзеҳо мегӯянд, Волтер номашро аз амлоки хонаводагӣ илҳом гирифтааст.

Замоне, ки Волтер фақат 24 сол дошт, нахустин намоишномаи вай бо номи «Эдип» дар Париж намоиш дода мешавад. Намоишномаи ин нависандаи ҷавон бо истиқболи бемонанд рӯ ба рӯ мешавад ва тӯлонимуддат будани як намоишномаро дар Порис мешиканад. Эдип 45 шаб ба сурати паёпай намоиш дода мешавад. Беш аз 25 ҳазор нафар аз он дидан мекунанд. На танҳо овозаи Волтер дар саросари Фаронса мепечад,балки даромади саршоре барояш ба армуғон меоварад. Аз Волтери ҷавон ба унвони номдортарин намоишнависи Фаронса ёд мешавад. Нахтнависони театри Фаронса ӯро бо мардоне чун Софоко Карни ва Росин месанҷанд. Паёми намоишнома ошкор кардани зӯргӯиҳои рӯҳониён ва шайёдиҳои онҳост. Волтер аз ҳамон оғози ҷавонӣ ҳунари худро дар душмантарошӣ низ ба намоиш мегузорад. Бо боло гирифтани овозаи Волтер ин нависандаи зираку фурсатталаб беш аз пеш бо бузургтарин ашрофу аъёни Париж ва саросари Фаронса наздик мешавад ва бо онҳо ҷӯш мехӯрад. Ҳозирҷавобиҳо танзҳои газанда ва истеъдоди хиракунандааш дар шеъру наср забонзад мешавад. Волтер пас аз озодӣ аз зиндони Бостил ба равиши муаддабона, аммо танзолуд аз ноибсалтана дархост мекунад агар мақоми муҳтарам моил бошанд, метавонан ҳамчунон ҳазинаи севаъда ғизои рӯзонаи

маро бипардозанд. Аммо иҷоза бифармоянд интихоби маҳалли сукунат ба ҷойи зиндони Бостил бо худам бошад.

Волтер бе ин ки унвони ашрофӣ дошта бошад, танҳо ба далели нубуғи адабӣ ва шуҳрат дар маҷлису маҳофили ашрофӣ пазируфта мешавад ва дар ҳама ҷо бартарии худро бар аъёну ашроф ва соҳибунвону лақаб собит мекунад. Дар яке аз маҷлиси ашрофӣ яке аз ашроф Волтерро мавриди хитоб қарор медиҳад ва мепурсад: Ин ҷавон кист, ки бо садо баланд сухан мегӯяд? Волтер дар ҷавоб мегӯяд: Бузургворо ин ҷавон касе аст, ки номи бузургиро ядак намекашад. Аммо ба хотири номе, ки бар худ гузошта ба ӯ эҳтиром мегузоранд.

Ба дастури ҳамон мард чанд нафар маъмур мешаванд, ки Волтерро ба хотири густогиаш кутак базананд, аммо фармондеҳ аз муздуронаш мехоҳад, ки бар сари Волтер осебе нарасонанд, чун имкон дорад дар оянда чизи ҷолибе аз он таровиш кунад. Чанд рӯз баъд Волтер бо сару сурати захмбандишуда дар театр бо ҳамон марди соҳиблақаб рӯ ба рӯ мешавад ва ӯро ба дуэл ё ҷанги тан ба тан даъват мекунад. Аммо шахсе, ки сабаби захмишудани Волтер шуда аз бастагони наздики раиси кулли шаҳрбонӣ низ ҳаст. Дар натиҷа Волтер барои бори дуввум ба зиндони Бостил равона карда мешавад. Пас аз ду ҳафта ҳозир ба озод карданаш мешаванд танҳо ба ин шарт, ки аз Фаронса хориҷ шавад ва ба Инглистон биравад. Волтер Инглистонро аз Бостил бештар меписандад. Волтер дар 32 солагӣ вориди Англия мешавад ва 3 сол дар он кишвар мемонад. Дар ин даврон Англия яке аз озодтарин кишварҳои ҷаҳон ба шумор меравад. Сарзамине, ки шоҳеро ба дор овехт мазҳаберо ислоҳ кард ва маҷлиси миллӣ ё парлумонаш конуни қудрати мардум аст. Ин андешаманди фаронсавӣ аз мизони озодиҳои фардӣ нармишпазирии ҷомеа дар баробари мухолифон ва озодиҳои динӣ дар ин ҷазира, ки бо сарзамини истибдодзадаи Фаронса фосилаи чандоне надорад, ғарқ дар шигифтӣ мешавад. Вай Англияро дар

санҷиш бо Фаронса аз назари тамаддун бархӯрди андешаҳо пешрафти илмӣ ва ба вижа аз назари озодандешӣ бисёр пешрафтатар меёбад ва забон ба ситоиш мекушояд, нависандае, ки дар меҳанаш ӯро бидуни муҳокима ду бор ба зиндон афкандаанд ва ба хотири андешаҳояш аз зодгоҳаш ихроҷшуда дар меёбад, ки агар нависандае англис буд, ба хотири андешаҳояш на зиндонӣ мешуд ва на аз кишвараш берунаш мекарданд.

Волтер, ки худ ба унвони шоир, намоишноманавис ва нависандаи инқилобӣ овозе дорад, бо нависандагон, шоирон, файласуфон ва бузургони ингилисӣ ошно мешавад. Бо ба кор андохтани мағзи нобиғагӣ забони ингилисиро ёд мегирад. Бо бузургоне чун Пуп, Свифт, Томсон ва Берклӣ гуфтугӯ мекунад. Эҳтиромаш ончунон боло меравад, ки ба дарбори Ингилистон муаррифӣ мешавад.

Нависандаи табъидӣ бардоштҳо ва андешаҳояшро дар бораи мардум ва сарзамини Ингилистон дар 25-нома шарҳ медиҳад. Маҷмӯи ин номаҳо баъдҳо бо номи «Номаҳои фалсафӣ» дар Ингилистон ва Фаронса мунташир мешавад. Ба вижа дар Фаронса шӯру ҳаяҷони ҳайратангез падид меоварад.

Бархе аз нависандагони Таърихи фалсафа бар он боваранд, ки бо иншои «Номаҳо фалсафӣ» дар Фаронса аввалини ҷарақаҳои инқилоби Фаронса су-су мезанад. Волтер дар ин номаҳо истибдоди шоҳони Фаронсаро ошкор мекунад. Аз дастгоҳи дину давлати Фаронса ба унвони саркӯбкунандагони озодиҳои фардӣ ва ғоратгарони ҷомеа ёд мекунад. Аммо дар иваз аз озодиҳои фардӣ дар Ингилистон ситоиш мекунад. Ҳукумати қонун, нармиши динӣ ва таваҷҷуҳ ба илму маърифат дар он кишвар мепардозад. Волтер дар «Номаҳои фалсафӣ» тасвире аз ҷомеаи ингилистон дар даҳаи аввали қарни ҳаждаҳумро ба даст меоварад. Вай дар ин номаҳо аз падидаҳои иҷтимоие чун ҳукумат ва сиёсат, фалсафа ва улум, дин ва мазҳаб, ҳунару адабиёт сухан мегӯяд. Нютонро нобиғаи

илм мешиносад, ки дар дастгоҳи илмии ӯ аз хурофоти роиҷ дар Фаронса нишоне нест. Ҷон Локро файласуфи нобиға мешуморид, ки дар фалсафаи ӯ озодии фард ҷойгоҳи волоеро вижаи худ сохтааст.

Аз ҳукумати Инглистон бо номи машрутаи салтанатӣ ёд мекунад, ки мардуму ҷомеа дар баробари қонун баробар шинохта шудаанд ва шоҳи Фаронса худкома нест. Волтер ба ҳаяҷони бисёр ба ҳамзистии мазҳабҳо ва мадорои динӣ дар ҷомеаи Ингилистон менигарад ва мегӯяд беш аз 30 дину мазҳаби гуногун дар ин сарзамин якдигарро таҳмил мекунанд.

Вай дар баробари хушкандешии мазҳабӣ ва хурофотзадагиро дар Фаронса бо тамоми неруву тавонаш ба зери тозиёнаи сарзаниш мебарад ва худкомагии рӯҳониёни фаронсавиро ба боди интиқод мекашад. Волтер пешрафти илму дониш дар Ингилистонро меситояд ва дастгоҳи дину мазҳабро дар Фаронса масъули ақибмондагии илм медонад. Ин нависанда, ки худ шефта ва шайдои илм аст, китобҳои Нютонро мехонад ва андешаҳояшро ғарқ дар таҳсин мекунад.

Бархе аз нависандагони саргузашти Волтер навиштаанд Волтер замоне, ки қадам ба хоки Инглистон гузошт шоиру намоишнависе беш набуд, аммо пас аз тарки он ба файласуфи инқилобӣ табдил шуда буд.

Волтер пас аз гузаронидани даврони се солаи табъид аз Инглистон ба Фаронса бармегардад ва ҳамчунин ба кушишҳои худ дар ҷаҳони қаламу рӯшангарӣ идома медиҳад. «Номаҳои фалсафӣ» нахуст дар Инглистон нашр мешавад, аммо мақомоти фаронсавӣ аз чоп ва пахши китоб дар Фаронса ҷилавгирӣ мекунанд. Як сол баъд ин китоб бе иҷозати расмӣ ва ҳатто бе иҷозаи худи Волтер дар Фаронса чоп ва пахш мешавад. Аз он ҷо, ки паёми номаҳои фалсафӣ интиқоди шадид аз дастгоҳи истибдодии шоҳони Фаронса ва кӯбидани ниҳоди дин ва ашрофи фаронсавӣ аст, хашми шадиди дастгоҳи салтанат аъён ва дорандагони унвон ва ба вижа

хашми девонавори роҳбарони дин алайҳи Волтер барангехта мешавад.

Нависандаи номаҳо ҳеҷ роҳе ҷуз тарки Париж ва фирор аз Фаронса ба рӯяш боз нест. Ба ночор бори дуввум Волтер дар 40 -солагӣ аз Ватанаш мегурезад ва ба яке аз шаҳрҳои сарҳадии дур аз дастрасии диктаторҳои осмонию заминӣ паноҳ мебарад.

Волтер дар ин замон бо зане рӯшанфикру алоқаманд ба илму фалсафа ба номи бону Шотла, ки хонуми сарватманде аст ошно мешавад. Ин зан мутарҷими китоби Нютон бо номи «Усул» аст. Зане ҳаст зебо ва 28-сола, ки муддати 15 сол бо Волтер зиндагӣ мекунад. Ҳамнишинӣ бо ин зан сабаб мешавад, ки беш аз пеш ба илмҳо ва бахусус физика ва озмоишҳои илмӣ алоқаманд шавад. Гоҳо ошиқу маъшуқ ончунон дар озмоишгоҳи худ ғарқ дар озмоиш мешаванд, ки дунёи хориҷро ба фаромӯшӣ меспаранд. Баъзе аз зиндагиноманависон аз мадам Шотла ба унвони номдортарин зани рӯшанфикр ва андешаманд дар даврони худ ном мебаранд.

Волтер дар ҳамин даврони 15 сола осоре дар намоишноманависӣ, достоннависӣ, таърихнависӣ ва фалсафа падид овард, ки сабаб мешавад на танҳо овозаи ӯ дар Фаронса балки дар саросари Аврупо бипечад ва императорону шоҳон ӯро по ба дӯстӣ бо ӯ ифтихор кунанд. Дар 51 солагӣ ба узвияти фарҳангистони Фаронса пазируфта мешавад. Унвони таърихнависи дарбор ба ӯ дода мешавад ва шоҳ лақаби ашрофиро ба ӯ медиҳад.

**Дар ҳамин даврони зиндагӣ бо хонум Шотла аст, ки Волтер китоби «Инҷил»-ро ва ба баррасиву нақди мӯшикофонаи мепардозад. Волтер ба далерӣ ва густохии бемонанде китоби муқаддаси масеҳиёнро ба монанди куҳе аз хурофот мебинад, ки сафҳаҳои он анбошта аз достонҳои боварнакарданӣ хандаовар, хурофӣ ва ҳатто**

**зидди ахлоқ ва инсоният аст. Дар достонҳо ва омӯзишҳои Инҷил тазодҳо, таноқузҳо ва низ иштибоҳҳои бисёре мебинад ва эълон мекунад, ки китоби муқаддаси масеҳиён сухани офаринандаи ҷаҳони ҳастӣ нест, балки гурӯҳе шайёд ва дуруғгӯй онро падид овардаанд. Волтер эълон мекунад, ки дин мухолифи илму дониш ва кӯбандаи ақлу мантиқ аст. Тамоми динҳо ва мазҳабҳо ва ба вижа онҳоеро, ки осмонӣ ё худоӣ номида шудаанд ҳазён пиндор, афсона ва бепоя лақаб медиҳад.**

**Роҳи мубориза бо дину мазҳабро илму дониш хираду мантиқ мешиносад ва мегӯяд: «То поёни даврони зиндагонӣ бо динфурушон ва руҳониёни шайёд ба муборизаи поённопазир даст хоҳад зад». Волтер ҳадафи худро решакании масеҳият эълон мекунад.**

Хонум Шотла зане, ки 15 сол дӯст ва маъшуқи Волтер буд, дар соли 1749 ба ҳангоми зоймон чашм аз ҷаҳон мебандад. Зарбаи кӯбандае бар андешаманди инқилобӣ ворид мешавад. Волтер солҳо буд, ки даъвати императори Пруссия Фридрихи Кабирро намепазируфт ва ҳамнишинӣ бо маъшуқаро бартар аз зиндагӣ дар дарбори нерумандтарин императори Аврупо медонист. Фридрих борҳо Волтерро даъват карда буд ба дарбори ӯ бипайвандад ва дар номаҳое гарму муҳаббатомезаш Волтерро «марди ҳазораҳо» ва «хирадмандтарин инсони тамоми давронҳо» хонда буд. Волтер низ ба ҳотамбахшии бехазинае Фридрихро Суқрот, Искандар, Сулаймони шимолӣ номида буд. Марги хонум Шотла сабаб мешавад, то Волтер даъвати императорро бипазирад ва бо рафтан ба дарбори вай бузургтарин шоҳи Урупоро ғарқ дар ифтихор кунад. Робитаи императори Прус ва файласуфи Фаронса дар оғози кор бисёр муҳаббатомез буд ва ин ду якдигарро ғарқ дар ситоиш мекунанд. Волтер бо дасту дилбозии вижааш лақаби «файласуфи шоҳ»-ро ба Фридрих мебахшад ва Фридрих бо

бахшидани олитарин мақомҳо ва ҷойгоҳҳо ба бузургтарин марди Урупо хушомад мегӯяд.

Волтер муддати 3 сол дар қудрат ва сарват бо нерӯмандтарин ва сарватмандтарин шоҳи Урупо шарик мешавад, аммо бархӯрдҳои байни Волтер ва раиси Фарҳангистони улуми Пруссия ва рақобат бо як рибохори бузург (Волтер худ рибохор буд) сабаби сардӣ дар равобити ин ду нафар мешавад. Волтер дафтари танзиёт дар бораи раиси фарҳангистон менависад, танзи газандае сабаб мешавад, то шуълаҳои хашми император сар бар осмон бикашад. Андешаманде, ки ҷуз мағзи тавоно силоҳи дигаре надорад ба дастури ҳамон мағз фирорро бар қарор тарҷеҳ медиҳад.

Замоне, ки Волтер аз дарбори Фридрих мегурезад аз он ҷо, ки як фаронсавии табъидӣ аст, наметавонад ба Фаронса баргардад ва агар бихоҳад дар ҳар маконе аз императории Пруссия зиндагӣ кунад, ба василаи сарбозони императорӣ боздошт хоҳад шуд. Андешаманде, ки ҷуз қалам силоҳе надорад бо шоҳи худкомаи Фаронса ва императори қудратпарасти Пруссия дарафтода ва ногаҳон ба инсони на танҳо беватан, балки ба марди фирорӣ ва табъидӣ табдил ёфтааст. Волтер барои зиндагӣ ҷоеро интихоб мекунад, қаламрави Пруссия ва подшоҳии Фаронса дар он ҷо нуфузи чандоне надорад…

Наздик ба 80-сол аз даврони зиндагонии Волтер дар қарни 18-ум будааст. Қарни 18-ум қарни инқилоби кабири Фаронса ё қарни модари инқилобҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Дар ин қарн императорон ва подшоҳони кишварҳои аврупоӣ бо мушти оҳанин ва истибдоди комил ҷомеаи худро идора мекунанд. Дар Фаронса шоҳон бар ҷону моли мардум фармонравоии бечунучаро доранд ва императорон худро қонун, ҳукумат ва Фаронса медонанд. Сарватмандони бузург, моликони умда ва сардорони сипоҳ, ки бар гирди дастгоҳи салтанат ҳалқа задаанд, ҳукумати аъёну ашрофро ба вуҷуд

овардаанд. Гурӯҳе андак бахши бисёрибузурге аз сарвати ҷомеаро аз они худ кардааст. Ва бо тамоми тавон ва неруяш аз манофеъи худ дифо мекунад. Қудрати тамоми ҷомеа дар ихтиёри ин гурӯҳи андак аст. Дастгоҳи дин, ки ба навбаи худ қудрати азиме аст, ба бозуи қудрати аъёну ашроф табдил шуда ва дар воқеъ худ аъёну ашрофе ҳастанд, ки либоси вижае бар тан доранд. Сарватмандон ва рӯҳониёни бузург «ҳукумати баргузидагон» ё «ҷомеаи аристократӣ»-ро падид овардаанд. Чунин ҷомеае бар асоси истибдоди заминӣ – осмонӣ идора мешвад. Тӯдаҳои мардум бардагоне беш нестанд ва бузургтарину бартарини онҳо бояд ин бошад, ки аз фармонҳои подшоҳ-Худо пайравӣ кунанд. Нодонӣ, факр, хурофот ва беадолатӣ бедод мекунад.

Дастгоҳи ҳукумат, ки бузургтарин унсурҳои он хонадони салтанат, сарватмандон, моликони бузург ва роҳбарони руҳонӣ аст ғарқ дар хушгузаронӣ, айшу нӯш, таҷаммулпарастӣ, танпарварӣ, зулму ситам, шайёдӣ ва риёкорӣ аст. Подшоҳон лақаб ва унвон мефӯрашанд ва роҳбарони рӯҳонӣ коххои биҳиштро. Дарбориён ва ҳокимон ба айшу нӯш рӯзгор мегузаронанд. Рӯҳониён ҷуз гирдоварии сарвату риёкорӣ ҳунари дигаре намешиносанд. Миллат ғарқ дар тиҳидастӣ, дармондагӣ ва фақру беморӣ аст.

Дар ҷомеаи Фаронса бар хилофи Ингилистон аз озодиҳои фардӣ, мадорои мазҳабӣ ва ҳукумати порлумонӣ камтарин асар ва ё нишоне нест. Раҳбарони рӯҳонӣ ба мисли раҳбарони сиёсии ҷомеа, аммо ба равиши дигаре бар ҷону моли мардум фармон меронанд. Хушкандешии динӣ ва таассуби мазҳабӣ бедод мекунад. Раҳбарони рӯҳонӣ мухолифони андешаҳои худро ба унвони кофар, бедин ва зидди Худо месӯзонанд, қитъа-қитъа мекунанд ва касеро тобу тавони истодагӣ дар баробари онон нест.

Дар ҷомеаи Фаронса зиштиҳо ва зебоиҳо дар канори ҳам худнамоӣ мекунанд. Фаронса ва ба вижа Порис пойтахти

фалсафа, ҳунар, фарҳанг ва тамаддуни ҷаҳон ба шумор меравад, аммо фарҳанг ва тасаддуни дурахшон ғарқа дар табоҳӣ ва ситамгарӣ ва хурофот аст. Дар канори зиндагии пуршукӯҳ ва саросар таҷаммули аъёну ашроф тӯдаҳои мардум дар ниҳояти тангдастӣ зиндагӣ мекунанд. Даврон дар воқеъ даврони тазодҳо, таноқузҳо ва бархӯрдҳои ғӯлосост. Дар чунин даврон аст, ки нобиғае ба дунё меояд, бузург мешавад ва даст ба қалам мебарад.

Нависандагони таърихи тамаддун аз Волтер ба унвони яке аз пуркортарин, пурнавистарин ва бебоктарин нависандагони ҷаҳон ном мебаранд. Волтер дар далерӣ, хатарҷӯӣ, густохӣ ва мубориза҆ҷӯӣ камназир буд. Хофизаи бисёр неруманд дошт ва мағзи нобиғаосояш бо суръати хиракунанда илм, дониш, огоҳӣ, фалсафа ва тамоми омӯхтаҳоро ба худ ҷазб мекард. Дар баёни навиштани он чӣ ба назараш ҳақиқат мерасид ҳаргиз диранг намекард. Мағзи пуркор, шаффоф ва тавоно дошт. Яке аз саргузаштнависонаш чунин навиштааст: «Дар даруни ҷамҷамааш оташе рӯшан буд, ки то вопасин дами зиндагӣ забона мезад».

Волтер марде буд, меҳрубон, богузашт, дасту дили боз, аммо ба шиддат душмантарош. Бо он ки бо тамоми тавонаш бо низомиҳои истибдодӣ ва бо рӯҳониёни шайёд ба муборизаи поённопазир даст зада буд, аммо гароишҳои ашрофӣ ва тамоюл ба зиндагии пурзарқу барқ дар ӯ неруманд буд. Ҳаводори низоми салтанатӣ буд, ба шарти ин, ки шоҳ файласуф ва хирадманд бошад. Волтер дар воқеъ оинаи тамомнамои даврони пур аз тазоду таноқузи қарни ҳаждаҳуми Фаронса буд. Меҳмони император он ва ҳамдами шоҳон мешуд ва аз онон ситоиш мекард. Ба рибохорӣ ва гирдоварии озмандона пул мепардохт. Бо ҳушмандии нобиғаосо ба корҳои бозоргонӣ ва доду ситадҳои саршор аз даст мезад. Бо баҳрабардорӣ аз неруи қудратмандони ҷомеа корҳояшро ба шеваи дилхоҳи худ анҷом медод.

Бинобар расми даврон маъшуқа дошт ва дар ҷойи худ низ аз касоне, ки мавриди ғазаби дастгоҳи истибдоди ҳукумат ва дин қарор гирифта буданд, сарсахтона ба дифоъ мепардохт. Марде, ки тавонотарин намоишнома навишт, достоннавис шоир ва таърихнависи Аврупо шинохта шуда буд. Яке аз бузургтарин сарватмандони ин қора низ ба шумор мерафт. Нубуғи Волтер маъҷуни аҷибе буд. Аз нубуғи адабӣ, иқтисодӣ вай дар киштисозӣ порчабофӣ, хариду фурӯши амлок ва тоблуғҳои гаронбаҳо сармоягузорӣ мекард ва дар поёни ҳар талоши иқтисодӣ бар низоми сарваташ беш аз пеш афзуда мешуд, бархе аз муштариёни ӯ императорон, шоҳон ва зимомдорони Аврупо буданд. Волтер ҳатто аз парвариши асп, парвариши кирми абрешим ва тавлиди асал ғофил набуд. Бо як даст менавишт ва ба дасти дигар пул мешумурд. Вай ҳатто ба дӯстони худ бо баҳраи сангин вом медод ва суду баҳраро то динори охир паст мегирифт. Касе низ ҷуръати бадҳисобӣ надошт, зеро медонист марде, ки маҳбуби шоҳон ва зӯрмандона аст тобу тавон дар афтодан нахоҳад дошт.

Волтер аз эҳсосоти меҳанпарастӣ миллатгароӣ ва фаронсапарастӣ баҳраи чандоне надошт. Ҳаводори пуршӯри ҳақиқат буд. Ҳаққу ҳақиқате, ки марзҳо ва кишварҳо дар баробараш камранг мешаванд ҳар замоне ки лозим буд бо ситоиши бисёр аз ҷомеаи Инглистон ба хотири эҳтиром ба озодиҳои фардӣ ва мадорои динӣ ёд мекард ва Фаронсаву фаронсавиёнро ба боди носазо мегирифт.

Файласуфе, ки 6 подшоҳ ва малика дар Аврупо аз дӯстӣ ва ошноияш ифтихор мекарданд. Аз дардҳои мурдуми одӣ низ дилаш ба дард меомад. Барои намуна вақте рӯҳониёни бозоргонӣ ба номи Колосро ба куштани писараш мутаҳҳам мекунанд ва мегӯянд чун писар мехост католик шавад, падар ӯро куштааст Волтер ба дифоъ аз бозаргон мепардозад. Пас аз се соли талош собит мекунад, ки иттиҳоми рӯҳониён бепоя будааст. Дар ҷараёни дигар рӯҳониён падар ва модареро бо

иттиҳоми куштани духтаршон ба хотири гароиши ӯ ба мазҳаби католик ба эдом маҳкум мекунад. Талоши Волтер барои исботи бегуноҳии онон 9 сол ба тӯл мекашад ва дар поён Волтер пирӯз мегардад.

Дар шахсияти Волтер ҳозирҷавобиҳо, латифаҳои кӯбанда, танзҳои газанда ва такҷумлаҳои такондиҳанда намудори хислатҳо ё маниши ӯ ба шумор мерафт.

Ин вижагиҳо аз мағзи пуртавон, ҳофизаи неруманд ва тавоноиҳои фикрӣ, ки дар ҳадди нубуғ будаанд ҳикоят мекунад. Нубуғи шахсияти Волтер нубуғи чандҷониба дар нависандагӣ, истидлол, шеваи баён, кордонии иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва тавоноиҳои бузурги мағзӣ будааст. Нубуғи Волтер дар воқеъ «нубуғ дар ҳунари зиндагӣ» будааст. Ба вижа зиндагӣ дар қарни 18 дар Фаронса.

**Осор**. Маҷмӯаи навиштаҳои Волтер дар 99 унвон дар Фаронса интишор ёфтааст. Мизони навиштаҳои ин нависанда аз назари миқдор он чунон зиёд аст, ки вайро пурнавистарин нависандаи қарни 18 лақаб додаанд. Аз Волтер ба унвони намоишноманавис, достоннавис, мунаққиди театр, таърихнавис, файласуф, шоир ва яке аз бузургтарин номанависони таърих ёд шудааст. Волтер ба беш аз 1200 нафар мукотиба дошт ва ҳудуди 1700 нома аз вай ба ёдгор мондааст. Ин номаҳо ба забонҳои фаронсавӣ, англисӣ, олмонӣ, итолиёӣ, испониёӣ ва лотинӣ навишта шудаанд. Номаҳои Волтер саршор аз нуктабинӣ, зарифгӯӣ ва нукоти танзолуданд.

Дар бештар навиштаҳо ва достонҳоти Волтер қаҳрамонон одамҳо нестанд, балки бозигарони аслии андешаҳо ва назарияҳо ҳастанд. **Ноогоҳиҳо ва хурофот дар нақши табаҳкорон ва илму мантиқ дар нақши қаҳрамонони дӯсттоштанӣ намоён мешавад**. Рӯйдодҳои достонҳо ҳамон бархӯрди афкор ва андешаҳост. Набарди афкори нодуруст ва мафҳум бо андешаҳои илмӣ ва мантиқӣ. Волтер дар даврони сесолае, ки дар Инглистон ба ҳолати табъид зиндагӣ мекунад,

намоишномаҳои Шекспирро мебинад. Бар онҳо нақд менависад ва огоҳтарин шиносандаи Шекспир ба фаронсавиён ба шумор мерафт.

Овозаи Волтер дар Фаронса бо навиштани намоишномаи «Эдип» ва ба рӯйи саҳна рафтани он дар 24 солагии ӯ оғоз мешавад. Пас аз он намоишномаи «Ҳунарёд»- ро менависад. Пас аз бозгашт аз Инглистон Брутус ё марги Сизор, зоир ва китоби «Номаҳои фалсафӣ»-ро интишор медиҳад. Интишори номаҳои фалсафӣ сабаб мешавад то бори дигар аз Порис бигрезад ва дар марз зиндагӣ кунад. Дар намоишномаи Муҳаммад «паёмбари ислом»-ро даст меандозад ва бо ҳамла бар хурофотзадагӣ дар ислом дар воқеъ лабаҳи тези шамшерро бо чеҳраи масеҳият ошно мекунад. Мақомоти фаронсавӣ аз идомаи намоиши Муҳаммад ҷилавгирӣ мекунанд.

Дар яке аз навиштаҳои Волтер ба номи «Ал давроду» шаҳре, ки ҳамин номро дорад дар воқеъ шаҳри хаёлӣ аст, ки дар он рӯҳонӣ ва зиндон вуҷуд надорад. Аз дин ва мазҳаб хабаре нест ва илму мантиқ ҷонишини онҳо шудааст. Ба ҳамин далел мардуми шаҳр озоданд ва дар оромиш зиндагӣ мекунанд.

Достони ба номи «Содиқ» дар воқеъ саргузашти нависандаи он ё достони зиндагии худи Волтер аст. Содиқ андешаманди хирадманде аст дар Бобул, ки рӯҳониён ба озораш камар бастаанд. Гуноҳи ин ҳакими фарзона ин аст, ки дар машаият ва лутфи худовандӣ тардид дорад ва дар муҳаббати Худо нисбат ба инсон машкук аст.

Паёми достони «Микурунгоҳ» ночизӣ ва хурдии инсон дар ҷаҳони ҳастӣ ва густохии рӯҳониён дар баёни иддаоҳои бузург, аммо бепоя аст. Дар ин достон фазонавардони куҳпайкар аз сайёраи Зуҳал ва соири ситорагони дурдаст ба замин меоянд. Инҳо аз кӯчакиву хурдии инсон ва иддаҳои дину мазҳаб, ки

барои тамоми пурсишҳои илмӣ ва фалсафӣ посух дорад, ғарқ дар шигифтӣ мешавад.

Пас аз заминларзаи даҳшатноки Лесбурн дар Португал Волтер шеъри баланде дар мавриди ин фоҷеаи маргвор месарояд. **Ин андешаро, ки ҳар рӯйдоде дар рӯйи Замин кори Худост ва бидуни ҳикмат нест ба шиддат даст меандозанд**. Бо баҳрабардорӣ аз ин фоҷеаҳои азими инсонӣ андешаҳои хурофӣ ва зидди ақлиро дар масеҳият бо тамоми қудрат мекубад. Бори дигар хашми девонавори қонунҳои дину мазҳабро такон медиҳад.

Замоне, ки Волтер 65 сол дорад шоҳкории даврони нависандагиашро падид меоварад. Бузургтарин асари мағзии ин нависанда Кондид ё Содалавҳ ном дорад. Ин достони фалсафӣ ба беш аз 100 забон тарҷума ва дар саросари ҷаҳон пахш шудааст. Кондид марди ҷавону зудбоваре аст, ки дар сарзаминҳои гуногун дар сайру сайёҳат мепардозад. Ин ҷавони содадил чунин мепиндорад, ки дар ҷаҳон ҳама чиз ба вуқуфи мурод аст. Фалсафаи достон бар моҳияти хубӣ ва чигунагии бадӣ дар ҷаҳон давр мезанад. Ҳадафи нависанда нишон додани зиштиҳо ва мубориза бо онҳост. Зеро рӯйдодҳо собит мекунанд, ки ҳеҷ чиз бар вақфи мурод нест. Пас аз интишори «Кондид» Волтер бузургтарин ва пуровозатарин нависандаи Аврупо шинохта мешавад. Овозае, ки то он замон касе ба монандашро дар хотир надорад.

Волтер яке аз огоҳтарин ва пешрафттарин таърихнависони қарни 18 ба шумор меравад. Вай яке аз бунёдгузорони равиши нав дар таърихнависӣ аст. Зеро аз нахустин нависандагоне ҳаст, ки мегӯяд ба ҷойи навиштани достонҳои дурӯғини ҷангҳои императорон ва подшоҳон бояд таърихи сайри андешаи инсон ё таърихи тамаддуни башарро навишт. Вай мегӯяд таърих бояд оинаи тамомнамои такомулу дигаргунии навъи инсон, пайдоиши андешаҳои нав дар сиёсат, илм дину мазҳаб, адабиёт ва ҳунару фарҳанг бошад.

Таърихи ростини достон тамаддун ва фарҳанги башар аст. Саргузашти ҷунбишҳои фикрию навовариҳои мағзӣ аст. Таърихи воқеӣ ҳамон фалсафаи таърих хоҳад буд. Дар фалсафаи таърих бунёдитарин пурсишҳо матраҳ мешаванд ва вазифаи таърихнавис посух додан ба ин пурсишҳои фалсафӣ аст. Нақши таърихнавис шарҳу зиндагии шоҳон нест, балки таърихнависи воқеӣ бо саргузашти нави инсон сару кор дорад. Волтер мегӯяд, ҷаҳон театре аст, ки инсонҳо чун бозигарони саҳна таърихи онро ба вуҷуд меоваранд. Таърихнавис дар воқеъ нақднависи намоишнома ва довари бозиҳост. Вай ҳадаф аз навиштани таърихро ибратомӯзии огоҳибахш ва бедоркунандагӣ медонад.

Яке аз бузургтарин навиштаҳои Волтер дар мавриди таърих «Ахлоқ ва рӯҳияи миллатҳо» ном дорад. Ин китоб дар 1600 саҳифа навишта шуда. Беш аз 500 000 вожаро дар бар мегирад. Дар ин китоб Волтер ба нақши обу ҳаво, ҳукумат ва сиёсат, дину мазҳаб дар шаклгирии таърихи башар таъкид мекунад. Низоми иқтисодии тамаддунҳо ва шеваҳои бозоргониро аз омилҳои таърихсоз ба шумор меоварад. Ба ҷойи пардохтан ба достони ҷангҳо ва ғоратгариҳо, бештар ба бархӯрди андешаҳо ва ошноии тамаддунҳои гуногун ё якдигар мепардозад. Бар хилофи тамоми таърихнависони аврупоӣ дар бораи таърихи миллатҳои осиёӣ ба баррасиҳои жарф мепардозад ва динҳои бузурги ин миллатҳоро мешиносад.

Замоне, ки китоби «Ахлоқ ва рӯҳияи миллатҳо» мунташир мешавад деги хашми давлат ва дастгоҳи калисо ба шиддат ба ҷӯш меояд. Зеро Волтер бар хилофи суннати таърихнависӣ ба динҳои масеҳият ва яҳудият чандон аҳамият надода, аз соири динҳо гуфтугӯ карда ба шарҳи таърихи кишварҳое чун Чин, Ҳинд ва Эрон низ пардохта аст. Бадтар аз тамоми инҳо Волтер аҳамияти Аврупоро дасти камгирифта ва онро аз назари вусъат дар баробари паҳноварӣ ва густурдагии Осиё кӯчак ҷилва додааст. Аз ҳамаи инҳо бадтар, нависанда китоби

масеҳиятро маҳкум карда, раҳбарони масеҳиро ба хушкандешӣ ва торикфикрӣ муттаҳам кардааст. Дар давроне, ки деги фаронсапарастӣ ба шиддат дар ҳоли ҷӯшидан аст, Волтер худро дар дараҷаи аввал инсон ва дар дараҷаи дуввум як фаронсавӣ номидааст. Шоҳ фармон медиҳад, ки Волтер то поёни умраш набояд пояш бар рӯйи хоки Фаронса гузошта шавад.

Китобҳои дигаре, ки Волтер дар бораи таърих навишта инҳоянд:

Таърихи даврони Шарли дувоздаҳум, даврони Луи сенздаҳум, даврони Луи чордаҳум, таърихи Русия. Дар ҳамаи ин китобҳо Волтер устодии худро дар чакиданависӣ, соданависӣ ва таҷзияву таҳлили рӯйдодҳо нишон додаст.

Волтер дар навиштани «Фарҳангномаи Фаронса» бо бунёдгузорони он Дидро ва Де Ламбер ҳамкорӣ мекунад ва мақолаҳои бисёр мефиристад. Худ низ «Вожаномаи фалсафӣ»-ро интишор медиҳад. Китоби «Аносири фалсафаи навинро» ба манзури ошноии фаронсавиён бо улуми тоза ва бавижа пай бурдан ба равиши илмӣ ва назарҳои Нютон интишор медиҳад. Китоби «қонуни табии Волтер» пас аз пахш дар Париж гирдоварӣ ва сӯзонида мешавад, зеро рӯҳониён тоби хондан ва густариши матолиби онро байни мардум надоранд.

Имрӯз дар Фаронса таърихҳои Волтер, намоишномаҳо ва шеърҳои ҳамосии ӯ камтар хонда мешавад, балки бештар арзиши таърихӣ доранд. Аммо достонҳояш бахше аз ёдбуди адабиёти Фаронса ба шумор мераванд ва пайваста таҷдиду чоп мешаванд.

**Волтер худро худошинос медонист, на худопараст. Вай мегуфт: танҳо роҳи дурусти** пай бурдан ба вуҷуди Худо, такя бар ақл, шуур, мантиқ ва истидлол аст. Волтер бар ин бовар буд, ки барои исботи вуҷуди худо такя бар ваҳю илҳоми осмонӣ, китоби муқаддас ва иддаоҳои паёмоварон

гумроҳкунанда аст. Зеро ҳамаи онҳо бардурӯғ, риё ва фиреби дигарон бунёдгузорӣ шудаанд. Дар фалсафаи Волтер офаринандаи огоҳ ва тавоно ҷаҳони ҳастиро офарида, аммо ҳаргиз пайёмоваре нафиристод ва китоби муқаддасе нанавиштааст. Дар чунин фалсафае барои пай бурдан ба вуҷуди Худованд восита ё миёнҷие лозим нест, балки бо таваҷҷуҳ бо назми табиат ва чигунагии гардиши ҷузъҳои табиат ё ҷаҳони ҳастӣ, вуҷуди гардонандаи нозим ё худо собит мешавад. Дар фалсафаи худошиносии Волтер асоситарин нуктае ин матлаб аст, ки Худованд пас аз офариниши ҷаҳони ҳастӣ кори худро ба поён расонида ҷаҳони ҳастиро ба ҳоли худ раҳо кардааст. Волтер аз чунин асли бузурге ба чунин натиҷа мерасад, ки офаридгори ҷаҳони ҳастӣ алоқае ба сарнавишт ва зиндагонии навъи инсон надорад, ӯро мухтор ва озод гузоштааст. Он чи дар бораи лутфи илоҳӣ гуфта ё навиштаанд дурӯғи бузург ва фиреби азиме беш нест. Волтер кулли ҷаҳони ҳастиро ба монанди соати азиме медонад, ки бо назм ва тартиби шигифтовар ба кори худ идома медиҳад. Ба назари ӯ дар воқеъ олами ҳастӣ ҳамон соат ва Худо ҳамон соатсоз аст. Соатсоз соатро кук карда ба кор андохт ва онро ба ҳоли худ раҳо кардааст.

Дар дастгоҳи фалсафии Волтер худопарастӣ, худотарсӣ ваҳю илҳоми осмонӣ, муқаддас будани китобҳои динӣ, ҳақиқатгӯии паёмоварони осмонӣ, ҷаҳони дигар, бозгашти рӯҳ ба ҷисми мурдагон, мӯъҷизаҳои динӣ, лутфи илоҳӣ ҷой ва маконе надорад. Волтер тамоми ин андешаҳоро бо тамоми неру ва тавонаш ба шиддат мавриди танқид қарор медиҳад ва беш аз 70 сол бо ин назарияҳо мубориза мебарад.

Дар фалсафаи Волтер масеҳ ба таври комил канор гузошта шуда, китобҳои муқаддас хандаовар ҷилва мекунанд. Андешаи зиндагии ҷовидонии башар ва бозгашти рӯҳ бо нешханд рӯ ба рӯст. Раҳбарони динҳои якхудоӣ ва рӯҳониён шайёд ва дурӯғгӯй шиносонида шуданд. Аз дастгоҳи дину мазҳаб ба

унвони дӯкони фиребу риё ёд шудааст. Дину мазҳаб барои Волтер чизе ҷуз ахлоқ нест. Дар чунин дастгоҳи ахлоқӣ меъёрҳои бузург ҳамон ҳақиқатҳое ошкоранд, ки барои фаҳмидани онҳо на ниёзе ба Худо вуҷуд дорад ва на ба паёмварони ӯ. Ин ҳақиқатҳои ошкоро чизе ҷуз «адолат хубӣ ва ростӣ нест». Аз дидгоҳи Волтер танҳо дастури худованд ба навъи инсон ин метавонад бошад, ки одил бош.

Волтер дар нимаи дуюми умраш ба шиддату густурдагӣ муборизаи оташин ва поённопазирашро ба дастгоҳи дину мазҳаб меафзояд. Замоне, ки калисои католикӣ ба шиддат озорҳо ва шиканҷаҳояш алайҳи протестҳоро афзуд, Волтер, ки ҳамеша шӯхтабъ ва танзнавис буд, ногаҳон ба шиддати хашмгин ва беш аз андоза ҷиддӣ мешавад ва хитоб ба Дени Дидро ва Де Лонбер чунин менависад: «Биёед эй Дидрои далер ва Де Лонбои бебок муттаҳид шавем, хушкандешон ва шайёдонро нобуд кунем. Даъвоҳои сустназарҳои сафсатабозони дармонда ва дурӯғпардозе дар таърихро бикӯбем. Ва чарандбофиҳои фузун аз ҳадду шуморро магзоред огоҳон дар банди ноогоҳон бошанд. Насли ояндаи озодӣ озодии худ ва мантиқро мадюни мо хоҳад буд».

Волтер шиори «расворо бикӯбем»-ро бузургтарин шиори зиндагии худ эълон мекунад. Ин шиорро дар поёни тамоми номаҳо ва навиштаҳояш меафзояд. Манзур ва ҳадафи Волтер аз вожаи расво калисои масеҳият будааст, аммо навиштаҳои Волтер ошкорро нишон медиҳанд, ки вай масеҳиятро расво хитоб карда ҳамаи андешаҳо ва боварҳои ин дастгоҳи диниро кӯбидааст. Дар бисёре аз навиштаҳои Волтер китоби муқаддаси масеҳиён ё Инҷил китоби саршор аз достонҳои кӯдакона ва афсонаҳои бепояи шиносонида шуда, масеҳият хурофаи комил муаррифӣ шудааст. Аз Волтер ба унвони бебоктарин ва огоҳтарин мунаққиди Инҷил ном бурда шудааст.

Волтер бе он ки ошкоро аз яҳудиён ва яҳудият ном мебарад дар осори худ бо таҳқири бисёр аз онон ёд мекунад ва онҳоро масъули пайдоиши масеҳ ва густариши масеҳият ва тамоми фоҷеаҳои инсонӣ дар давронҳои баъдии таърихи тамаддун медонад. Бар хилофи нависандагони ҳамдавронаш яҳудиёнро қотили Масеҳ намедонист ва оноро таҳдиде барои фарзандони масеҳ ба шумор намеовард. Далели нафрати оташини вай аз падидаи яҳудият ин буд, ки яҳудият сабаби пайдоиши масеҳият шуд. Вай бар ин бовар буд, ки яҳудият сабаб шуд, то аз Масеҳ шаҳиди ҷовидонӣ сохта шавад.

Волтер дар китоби фалсафаи таърих шумораи кушторҳоеро, ки ба гунаи мустақим ба фармони Худо (Яҳво) ва дар як маврид низ ба дасти худи ӯ анҷом гирифта ва дар Таврот зикр шудаанд, бо ин шарҳ ба омор даровардааст: яҳудиёне, ки дар саҳрои Сино ба ҷурми парастиши «гӯсолаи тиллоӣ» кушта шудаанд, 23 ҳазор нафар: яҳудиёне, ки дар шӯриши Қорун бар зидди Мӯсо сар аз баданашон ҷудо шуд ва ё дар оташе, ки ба василаи Яҳво нозил гардид сӯхта шуданд- 14950 нафар; яҳудиёне, ки ба сабаби иртикоби зино бо духтарони қавми моддиён шикамашон бо найза пора шуд- 24 ҳазор нафар; яҳудиёне, ки дар гулӯгоҳи рӯдхонаи Урдун ба сабаби ин ки натавониста буданд, вожаи муқаддаси «Шиболет»-ро бар забон оваранд кушта шудаанд- 42 ҳазор нафар; яҳудиёне, ки ба василаи бинёминҳо кушта шудаанд ва бинёминҳое, ки худашон ба василаи қабилаҳои дигари яҳудӣ кушта шудаанд -75 ҳазор нафар; яҳудиёне, ки «сандуқи мисоқ»-ро аз фаластиниҳои ғосиб бозпас гирифтаанд ва онро ба макони боистааш бозгардонидаанд -5070 нафар; ҷурми ин яҳудиён ин буд, ки бар хилофи хости Худо ба даруни он сандуқ нигоҳ карда буданд ва аз ин рӯ худованд онҳоро ба бемории вабосир мубтало гардонид ва рӯдаҳошонро аз нишемангоҳҳояшон берун овард ва онҳоро ба гунаи дастаҷамъӣ ба ҳалокат расонид. Ҷамъи афроде, ки дар ин

руйдоди хунин ба фармони худо ва ба василаи Мусо кушта шудаанд- 23920 нафар. Афзун бар кушторҳои ки шарҳ дода шуд, шумораи чандсадҳазор нафар нахуст зодаи хонаводаҳои мисрӣ низ дар ҷараёни қавми Исроил аз Миср дар як шаб ба василаи худи худованд кушта шудаанд.

Ҷолиб он ҷост, ки дӯкондорони динӣ дар баробари эродҳои мантиқӣ ва хирадгароёнаи донишмандон ва пажӯҳишгарон мегӯянд: фарҳанги илоҳӣ бо донистаҳои башарӣ тафовут дорад ва худованд он бахше аз хираду дироятеро, ки барои дарки навишторҳои муқаддас боиста аст, ба афроди башар надода аст. Донишмандону андешамандон дар баробари навишторҳои муқаддас ва гуфторҳои рищдорони синагогҳо ва калисоҳо бояд хомӯш бимонанд. Боварҳои кӯдакона ва равонпарешонаи онҳоро бидуни корбурди хирад ва мантиқ бипазиранд. Бадеҳӣ аст гуфтани ин нукта, ки умур ва масоили мазҳабӣ дар фаросӯи андеша фаҳму дарки башар вуҷуд дорад ҳаммонанди он аст, ки тамоми вуҷуди башар инкор ва нодида гирифта шавад. Ба ростӣ метавон гуфт, ҳеҷ тавҳине барои башар болотар ва саҳмгинтар аз он нест, ки неруи андеша ва хиради ӯ нодида гирифта шавад. Ҷавҳар ва кимиёи фаросӯи арзише, ки файласуфи бузург монанди И.Кант ба башарият арзонӣ дошт ин аст, ки замоне ки башар меандешид, метавонад эҳсоси ҳастӣ бикунад. Вале дӯкондорони динӣ, ки на танҳо худро аз ростандешӣ, хирад ва дарки инсонӣ маҳрум мекунанд, барои ҳама умр дар мағоки нодонӣ ва ноогоҳӣ гиёҳворона ба сар мебаранд, бо изҳори ин матлабҳои бепоя ва нобахирадона кушиш мекунанд, барои таъмини суди шахсии худ афроди башарро аз гавҳари андеша ва фаҳм маҳрум созанд.

**Дар даврони зиндагонии тӯлонии Волтер камтарин нишоне аз ошноипазирии рӯҳониён дида намешавад. Ин андешаманди зиддидин дар саросари умр бо хашму ғазаби девонавори рӯҳониён рӯ ба рӯ буд ва ранҷу тавони**

**фарсоиши кашидани бори сангини ин мубориза буд. Волтер дар тамоми навиштаҳояш роҳбарони рӯҳониёнро шарлатан, дурӯғгӯ, авомфиреб ва кӯлоҳбардор хитоб мекунад.**

**Решаи пайдоиши динҳои сомӣ ё Ховари Миёнаро ноогоҳӣ ва бехабарии мардуми оммӣ медонад ва мегӯяд: «то замоне, ки аблаҳон ва шайёдон ҳастанд динҳо ҳам хоҳанд буд».**

Ин адешаманди зидди дин ба ин бовар буд, ки рӯҳониён дастгоҳи дину мазҳабро ба дӯкони бузурге дигаргун сохтаанд. Дар ин дӯкон хурофот мефурӯшанд. Бо гирифтани пул гуноҳонро мебахшанд. Коххои биҳиштро ба аблаҳони дастпарвардаи худ мефурӯшанд ва дар поён на танҳо ба сарватмандон, моликон ва заминдорони бузург мубаддал шудаанд, балки ба далели нуфузи азими худ дар байни тӯдаҳои мардум он чунон қудрате ба даст овардаанд, ки тоҷ бар сари императорон мегузоранд ва тоҷ аз сари подшоҳон бармедоранд. Волтер мегӯяд бузургтарин рамзи муваффақияти рӯҳониён дар ин нукта нуҳуфта аст, ки тавонистаанд мардумро аз Худо битарсонанд ва дар натиҷаи пайдоиши чунин тарс мардум на танҳо бар рӯҳониён эҳтиром мегузоранд, балки ба шиддат аз онон метарсанд. Вай мегӯяд роҳбарони рӯҳонӣ бо парокандани хурофот ва ҷилавгирӣ аз густариши огоҳӣ ва дониш тамаддуни инсониро олудаанд. Вай дар номае бар Фридрихи Кабир императори Пруссия чунин менависад: «Дини мо бетардид чарандтарин, масхаратрин ва хунинтарини ҳамаи динҳо аст, ки сабаби олудагии дунё шудааст».

**Волтер бар ин бовар буд, ки динҳои ба истилоҳ осмонӣ ақл, шуур, мантиқ ва фаҳми инсонро ба шиддат костаанд.**

**Раҳбарони дин, ки пайваста ба ситоиши фақр қаноат, парҳезкорӣ ва содагӣ дар зиндагӣ мепарзоданд, худ дар амал сарватмандони бузурге ҳастанд, ки дар ниҳояти осоиш ва таҷаммул зиндагӣ мекунанд. Аз маҳсул ва**

**дастранҷи мардум суйистифода мекунанд ва ба ҳоли онон механданд.**

**Ин нависандаи озода ба озодии дину мазҳаб эътиқод дошт ва аз асли мадорои динӣ ҳамзистии мазҳабӣ ё шикебоӣ дар баробари андешаҳои дигарон бо ҳамаи тавонаш ҳаводорӣ мекард. Вай мегӯфт миллати Фаронса бояд аз миллати Инглис ибрат биёмӯзад ва хушунати динӣ, носозгории мазҳабӣ таассубу кӯрдилӣ ва дигаргар андешаҳоро канор бигзорад. Ба илму дониши даврони худ даст ёбад. Ба хондани назарияҳои илмии Коперник, Кеплер, Галилей ва Нютон пардозад. Илму донишро ҷонишини андешаҳои куҳнаи дин ва ақоиди фарсудаи мазҳаб кунад.**

Волтер бузургтарин таблиғкунандаи мубориза ба диктаторҳои осмонӣ буд ва бар асли кӯбидани истибдодҳои динӣ по мефишурд. Волтерро баландгӯи бузурги қарни 18-ум ва мубаллиғи бемонанд ба шумор овардаанд. Ин нависандаи пуршӯр дар навиштаҳояш меғуррид ва бо фарёдҳои қалами нерӯмандаш ҷаҳони фикрии Фаронса ва Урупоро ба ларза андохта буд.

**Интиқодҳо аз Волтер.**

Баъзе аз нақднависони адабии Аврупо мегӯянд бо он ки ҳамаи нишонаҳои нубуғи адабӣ дар Волтер намоён буд, аммо ӯро дар ҳеҷ як аз риштаҳои ҷаҳонии адабиёт наметавон нобиға ба шумор овард. Достонҳо ва шеърҳои Волтер ба жарфҳо ва азамати осори нависандагону шоирони нобиға нест. Дар намоишомаҳои ӯ зебоиҳои андеша ва равоншиносии шахсиятҳояш тавонии баробаре бо фикру андешаи намоишноманависони бузургро надорад. Фалсафаи Волтер низ жарф, навоварона ва асил шинохта намешавад ва ҳатто бархе ӯро файласуф намедонанд, зеро низоми тозаи фалсафиеро бунёдгузорӣ накардааст.

Волтер ба зиндагии ашрофӣ ва пуртаҷаммул гароиш дошт ва худ яке аз бузургтарин сарватмандорони даврон будааст. Аз низоми салтанатӣ ба шиддат ҳаводорӣ мекард ва ба ин бовар будааст, ки агар шоҳ файласуф ва одил ҳам бошад адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа густариш хоҳад ёфт.

Аз дидгоҳи фалсафии Волтер шоҳ-файласуф бояд аз қудрати бисёр бархӯрдор бояд бошад ва ҷомеаро бо мушти оҳанин идора кунад. Дар чунин низоме тӯдаҳои мардум ҷою маконе надоранд ва баробарии иҷтимоӣ наметавонад маъное дошта бошад. Бо ин ки ин муборизи бузурги иҷтимоӣ бо дастгоҳи диктатории императорону шоҳон дар мубориза буд, аммо аз онон пулу ҳадя мепазируфт ва ҳамнишини онон шуд.

Волтер аз тӯдаҳои мардум бо таҳқири бисёр ёд кардааст ва эътиқоде ба ҳукумати мардум ё демократия надоштааст. Аз дидгоҳи ӯ тӯдаҳои мардум аз ҳукумат бар худ нотавонанд. Вай мегӯяд: «мардум ҳамеша кавданд ва ваҳшӣ хоҳанд буд, мардум ба монанди говони наре ҳастанд, ки ба юғ сайхунак ва андаке юнҷа ниёзманданд».

Таҳияи

***Исомуддин Шарифзода***

**Адабиёт**

1. Дуктур Аҳмади Эронӣ. Волтер файласуфи кӯбандаи дин. Лос анжелис  с.1991 45 с..

2. Дюрант Вилям Ҷеймс. Торихи фалсафа. Тарҷумаи Аббоси Зарёб. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон:-1387, 501 с.

3. Voltaire A Biography of the man and his Century,j. Orieux, Dubleday and Co., New York, 1979.

4. The portable Voltaire , B.R. Redman, viking press, New York 1968.

5. Voltaire A Critikal studi of his major works, v.w. topazio, randon houz, 1967

6. Voltaire mason, huthinson and co., london, 1975.

7. – french and english philosophers, c. w. collier and son corp., New York 1959

8. colliers encyclopedia, edited by w. d. halsey, macmillan co., 1984 –enciklopedia britanica, h.h. benton publisher, 1973-1974.

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони муҳтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj

**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 93-526-62-95
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 27.11.2018*
*Барои нашр имзо шуд 28.11.2018*
*Чопи офсети. Ҷузъи чопӣ 14. Андоза 70х100$^{1}/_{8}$.*
*Адади нашр 200 нусха. Супориши №55.*

*ҶСК «Чопхонаи Дониш»*
*ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 121, бинои 2*

*www.ravshanfikr.tj*